ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:**67.3(2Т)+67.99(2Т)+63.3(2Т)
**ТКБ:** 34(575.3)+342.2+342.38+9Т
**Х-**66

**ХОЛИҚЗОДА ОМИНА АБДУЛВАҲОБ**

# ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ҲУҚУҚИ ХАЛҚИ ТОҶИК (ДАВРОНИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА)

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат;
таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент **Саъдизода Ҷаҳонгир**

**ДУШАНБЕ – 2026**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.................3**
**МУҚАДДИМА........................................................................................4**
**БОБИ I. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН.........................................................................................19**
1.1. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон…………………………………………………………………………19
1.2. Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ.…....................32
**БОБИ II. АНДЕШАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАМАДДУНИ ЗАРДУШТӢ...............52**
2.1. Шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик ……………...........................................……52
2.2. Андешаи ҳуқуқу озодии инсон дар Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон……………..………..………………………71
2.3. Андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён………………...94
**БОБИ III. АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА...109**
3.1. Андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлатӣ дар асрҳои миёна…………………………………..…………………………......109
3.2. Андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна ……………………..…………………………...……129
**ХУЛОСА………………………........................................................146**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................................................155**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)............…...........................…....156**
**ИНТИШОРОТ АЗ РУЙИ МАВЗУЪИ ДИССЕРТАТСИЯ…..............172**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

САҲШ – Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ШМА – Штатҳои Муттаҳидаи Амрико

ЮНЕСКО – ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

п.м. – пеш аз мелод

ғ. – ғайра

т.м. – то мелод

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар масири ҳастии инсоният бисёр халқу миллатҳо бо фаро расидани шароитҳои муайяни айнию зеҳнӣ ва замонию маконӣ талош бар он намудаанд, ки ҳуқуқ ва озодии инсонро мавриди эътирофнамоӣ ва ҳимояти худ қарор диҳанд, аммо дар ин роҳи ноҳамвор на ҳамеша муваффақ гардидаанд. Бо қаноатмандӣ метавон иброз намуд, ки миллати тоҷик дар дарозои таърих бо хирадгустарӣ ва дурандешагии худ тавониста, ки на танҳо ҳуқуқу озодии инсонро мавриди эътироф ва ҳифз қарор диҳад, балки роҳи минбаъдаи шинохти ҳуқуқи инсонро барои давлатҳои ғарбӣ ва манотиқи мухталифи олам боз намудааст. Дар ҳамин росто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр бамаврид иброз менамоянд, ки «ҳарчанд илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист» [143]. Дар ҷойи дигар ишора менамоянд, ки «шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард» [102, с. 155]. Аз ин ишораҳои илман асосноки Пешвои муаззами миллат, ки дар заминаи таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дидгоҳҳои муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ баён шудааст, хулоса баровардан мумкин аст, ки тоҷикон дар саргаҳи халқу миллатҳои ҳуқуқофар ва адолатпарвар қарор мегиранд, вале мутаассифона дар раванди ҷаҳонишавӣ ва шиддатёбии манфиатхоҳӣ дар байни субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ, бузургӣ ва инсонпарварии ин халқи реша дар умқи таърих аз мадди назари ҷомеаи башарӣ то як андозаи муайян канор рафтааст. Аз ин дидгоҳ, имрӯз замоне фаро расидааст, ки дар баробари илмҳои мухталифи ҷомеашиносӣ,

илми ҳуқуқшиносӣ низ барои шоиста муаррифӣ кардани халқи тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан дар самти ҳуқуқофаринӣ, ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инсонпарастӣ, қонунэҷоднамоӣ ва адолатпарварӣ саҳми боризи худро гузорад.

Яқинан маълум аст, ки ҳуқуқи инсон якранг набуда, он дар доираи ҳар як марҳилаи таърихӣ мазмун ва моҳияти худро иваз менамояд. Агар ба ҳуқуқи инсон дар аҳди қадим ва давраи нав нигоҳ намоем, пас маълум мегардад, ки тафовути мазмунӣ ва моҳиятӣ байни онҳо хеле зиёд аст. Яъне, имрӯз инсоният то ҳадде ба ҳуқуқ ва озодии худ мутлақият додааст, ки таҳаммул кардани он бисёр мушкил мебошад. Зеро, наслҳои нави ҳуқуқи инсон дар бештари маврид бар зидди инсоният ва ҳастии ӯ дар сайёраи Замин хизмат менамоянд. Бо ин назардошт, аз дидгоҳи таърихӣ коркард намудани ҳуқуқи инсон ва бархӯрдорӣ аз ҷанбаҳои мусбати он, имконият фароҳам меорад то низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ аз таъсири омилҳои беруна ҳифз карда шуда, ворисияти солими ҳуқуқӣ ба наслҳои баъдӣ меросгузорӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як марҳилаи ташаккули ҳуқуқи инсон дар сарзамини таърихии тоҷикон дорои унсурҳои ба худ хос мебошад. Аз ин рӯ, муайян кардани вижагиҳои ҳар як давраи рушди ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик имконият фароҳам меорад то паҳлуҳои норавшани ҳуқуқи инсон аз дидгоҳи таърихӣ коркард карда шуда, моҳияти илми ҳуқуқшиносии ватаниро саҳеҳнок намояд. Зеро, новобаста аз пажӯҳиш намудани паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, ҳамоно даҳҳо масъалаҳои таҳқиқношуда, махсусан дар самти ҳуқуқи инсон ҷой доранд, ки бояд илми ҳуқуқшиносии ватанӣ инро аз мадди назар дур насозад.

Дар натиҷаи ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ва бештар такя намудани давлатҳои абарқудрат ба манфиатҳои худ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар манотиқи мухталифи ҷаҳон мавриди поймолшавии ошкоро қарор гирифтааст. Чунин ҳолат на танҳо бетатбиқ мондани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллиро дар самти ҳуқуқи инсон зери шубҳа қарор

медиҳад, балки дар як ҳолат ба мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон ҳамчун волотарин арзиш латмаи сахт ворид менамояд. Аз ин дидгоҳ, вазифаи омӯзиши таърихи ҳуқуқи инсон, агар аз як тараф муайян намудани унсурҳои хоси таърихӣ ва сабақ бардоштан аз он бошад, аз тарафи дигар коркард намудани роҳҳои пешгирӣ ва баромадан аз вазъияти поймолсозии ҳуқуқи инсон дар заминаи арзишҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, дар заминаи таҳлили вазъи ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, имконияти муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти амалисозӣ ва пешгирии поймолсозии ҳуқуқи инсон ҷой дошта, дар ташаккули илмҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ватанӣ саҳмгузор буда метавонад.

Гуфтаҳои болозикр шаҳодат аз мубрам будани мавзуи мавриди таҳқиқотро медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Бояд ишора кард, ки таҳқиқотҳои суратгирифта на ба таври комплексӣ, балки ба таври мухтасар ва ё қисман мазмуну моҳияти таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар сарзамини таърихии тоҷикон фаро мегиранд.

Як зумра аз олимони ватанӣ масъалаҳои марбут ба инкишофи ҳуқуқи инсон, мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон, инчунин афкори сиёсӣ-ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, ки муаллиф дар раванди омодасозии рисолаи илмӣ аз таълифоти онҳо истифода намудааст. Ба онҳо У.А. Азизов (У.А. Азиззода) [107], З. Ализода [104], А.М. Диноршоев (А.М. Диноршоҳ) [24; 25], А.И. Имомов [30], Ш.Ф. Искандаров [127], И.Қ. Миралиев (И.Қ. Мирализода) [47], Э.С. Насриддинзода [51; 50], Д.С. Раҳмон [130], И.И. Саидов (И.И. Саидзода) [131], Б.А. Сафаров (Б.А. Сафарзода) [133], Н.Ф. Сафарзода [132], Ҷ. Саъдизода [134; 118], А.Ғ. Холиқов (А.Ғ. Холиқзода) [90; 88], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [97; 120], Ф.М. Шоев [135; 122], Д.Х. Элназаров [136] ва дигаронро дохил намудан мумкин аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмӣ муайян кардани мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, таҳлили ҳаматарафаи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, муайян намудани ғояҳои бунёдӣ марбут ба ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқии давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, амиқан баррасӣ намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва дар ҳамин замина, пешниҳод намудани хулосаҳои илмӣ марбут ба таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

– таҳлили ҳаматарафаи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ;

– муайян намудани андешаи ҳуқуқи инсон дар Авесто ва Вандидод;

– баррасии эътирофнамоии ҳуқуқи инсон дар Эъломияи Куруши Кабир;

– муайян кардани таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён;

– таҳлили сарчашмаҳои расмии давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна;

– омӯзиши андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки боиси ташаккулёбии андешаи ҳуқуқи инсон мегарданд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро ғоя, афкор ва андешаҳое ташкил медиҳанд, ки ба таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири ду марҳилаи асосии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик мебошад: 1) шаклгирӣ ва ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ; 2) таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ, махсусан дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик баррасӣ гардидааст, ки фарогирандаи аҳди қадим ва асрҳои миёна мебошад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2018-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори У.А. Азиззода, З. Ализода, Н.И. Бобоева, И.Ҳ. Furthermore Бобоҷонзода, М. Бойс, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ, Ш.Ф. Искандаров, М.А. Маҳмудзода, И.Қ. Мирализода, Э.С. Насриддинзода, А.Р. Нуриён, А.Г. Периханян, Д.С. Раҳмон, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, Н.Ф. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.М. Шоев ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон дар сарзамини таърихии тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-

забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳумҳои марбут ба ҳуқуқи инсон таҳлил гардида, истифодаи истилоҳҳои аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавассути усули мантиқӣ-забонӣ ҳуқуқи инсон таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон бо истифода аз усули оморӣ як зумра масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсон дар солҳои мухталиф муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи ахлоқӣ, динӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, ғояҳои бунёдӣ марбут ба ҳуқуқи инсон, мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ғ. муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ҳамзамон муқоисаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти эътироф ва шинохти ҳуқуқи инсон омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон марҳилаҳои гуногуни таърихиро пушти сар намуда, миллати тоҷик ба ҳуқуқи инсон аз даврони бостон ошно будааст, яъне падидаҳое чун адолат, ҳақиқатпарастӣ, инсонгароӣ, озодӣ ҳанӯз дар сарзамини таърихии тоҷикон мавҷуд будааст, ки чунин хулоса танҳо дар натиҷаи васеъ ба роҳ мондани усули таърихӣ-ҳуқуқӣ рӯйи кор омада метавонад. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузоштшуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин сарчашмаҳои

таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, санадҳое, ки дар самти ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ қабул шудаанд, махсусан маърузаҳои солонаи онҳо ва омори солонаи вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ ҳамчун заминаи эмпирикии рисола хизмат намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик буда, дар муқоиса бо тамаддунҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва ғояҳои ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик омода карда шудааст. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон муайян ва пешниҳод карда шуд;

– таҳлили ҳаматарафаи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ сурат гирифта, хулосаҳои илмӣ манзур гардид;

– андешаи ҳуқуқи инсон дар Авесто, махсусан дар қисмати Вандидоди он таҳқиқ гардид;

– эътирофи ҳуқуқи инсон дар Эъломияи Куруши Кабир коркард гардида, ҳуқуқҳои дар он мустаҳкамгардида амиқан нишон дода шуданд;

– таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён сурат гирифта, нақши ин сарчашма дар шинохти ҳуқуқҳои соҳавии инсон муайян карда шуд;

– таҳлили сарчашмаҳои расмии давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳуқуқи асримиёнагӣ анҷом дода шуд;

– андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна коркард карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин **нуктаҳои илмӣ** ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон яке аз намудҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, асноди ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли сарчашмаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, адабию фарҳангӣ ва қарору мадракҳои сиёсӣ-ҳуқуқии соҳибони фармон эҷод шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой дода, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳо баромад намудаанд. Аз нигоҳи мо, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик тавассути се роҳ сурат гирифтааст: а) бо роҳҳои расмӣ-давлатӣ. Мисол, тавассути Эъломияи Куруши Кабир, Хвешкори редагон (муқарраротии давлатӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакони синни томактабӣ), Шояст нашояст (амалҳои иҷозатдодашуда ва манъшуда), Қонунномаи Сосониён (Мотикони ҳазор-додистон); б) тавассути тарғиботи ҳуқуқ ба озодии эътиқод. Масалан, тарғиби китобҳои муқаддаси динӣ (Авесто, Қуръон ва диг.), ҳадисҳои пайғамбари дини ислом Муҳаммад (с); в) бо роҳҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ, ки он дар афкори мутафаккирони тоҷику форс, дар шарҳи аҳкоми динии олимону донишмандон оварда шуда, роҳи маънавӣ-ҳуқуқии инкишофи ҳуқуқи инсонро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муаррифӣ мекунанд.

2. Ҳуқуқи инсон ҳамчун неъмати олӣ васли устувор бо инсон дорад, ҳеҷ мумкин нест, ки инсонҳои як кураи Замин ин хислати даркро дошта бошанду дигарашон не. Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсур ва сифати муҳимми зуҳури инсони арзанда, тадриҷан дар ҳавзаҳои мухталифи тамаддун ташаккул ёфтааст. Барои рушду зуҳури арзандаи он ҳама халқу миллатҳо ва ҳама тамаддунҳо дар масири таърихи башар саҳмгузорӣ кардаанд. Инкори якҷонибаи ин воқеият ба манфиати як тамаддун, инкори ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи фарогир ва фароунсур ва хоси инсон буда, таркибан ғалат аст. Зеро, инкори ин хислати як гурӯҳи калони ҷомеаи инсонӣ, худ эътироф накардани ҳаққи табиии онҳо ба ин неъмат буда, поймолнамоии ҳуқуқи зиндагии арзандаи онҳост. Ин ҳолат бидуни шубҳа як навъ

дискриминатсияи (тафриқагузории) ҳуқуқи маънавии халқҳост. Халқу миллатҳо ва тамаддунҳои гуногун баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва эҳтиром гузоштан ба он ҳамчун навъи зиндагии шуурмандона, таърихан саҳмгузорӣ намудаанд, ки нодида гирифтани онҳо номумкин аст. Халқи тоҷик ҳамчун бардорандаи бори амонати фарҳанги вижа ва оламшумули таърихӣ, ки ба башар озодӣ ва адолатро дар шаклҳои намуна пешниҳод кардааст, дар зиёд аз масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар саргаҳи шинохти ғояи ҳуқуқи инсон қарор доштааст, ки шинохт, эълон ва эътирофи он вазифаи илми таърихи ҳуқуқи инсон аст.

3. Анъанаи адолатноки додгоҳии Пешдодиён, эҳтироми ҳаққи халқ дар давлатдории бостонии Эрону Тӯрон, таҷрибаи адолатпарварии салтанатҳои Ҳахоманишиҳою Сосониён дар кори ташаккули низоми инсондӯстии давлатҳои ҳавзаи Ховари Миёнаи асрҳои миёна, миёни мардуми ориёӣ нақши калидӣ бозидаанд. Аз мазмун ва моҳияти Авасто ва қисматҳои ҷудогонаи он метавон мушаххас намуд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба сифати нахустин довар, эҷодкунандаи меъёр ва танзимкунандаи муносибатҳо – Урвахшайа муаррифӣ шудааст. Урвахшайа дар баробари додгустарӣ ва таъмини адолат, инчунин ба танзими муносибатҳо машғул буда, меъёрҳои хусусияти танзимкунандаро эҷод карда, дар муносибатҳои додгоҳӣ аз онҳо истифода менамуд. Аз ин дидгоҳ, ӯро метавон ҳамчун нахустэҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ тариқи амсоли судӣ дар сарзамини тоҷикон баҳогузорӣ намуд. Яъне, ниёгони мо на танҳо ба масъалаи эътирофсозии ҳуқуқи инсон тавассути санадҳои расмӣ, балки ба омода кардани додгустарон, ҳуқуқэҷодкунандагон ва қонунофарон низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷиҳати инсонгароёна ва адолатпарастона омода гардидани меъёрҳои танзимкунанда шахсони махсус – ҳуқуқшиносонро тайёр мекардаанд, ки ин мароқовар ва омӯзанда мебошад. Майдони озодии салтанати Ҳахоманишҳо аз зумраи чунин академияҳои мардумии тарбияи адлпарастон будааст, ки новобаста аз воқеияти таърихияш назаран дар кори тарбияи маърифати ҳуқуқии фарзандони ояндаи тамаддуни форсҳо хизмати шоиста кардааст.

4. Яке аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқии миллати мо, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии мухталифи амудӣ ва уфуқии ҳуқуқи инсон вуҷуд доранд – «Қонунномаи Сосониён» (Мотикони ҳазор-додистон) мебошад. Мазмун ва моҳияти меъёрҳои дар Қонунномаи Сосониён танзимшударо метавон ба чанд бахши муҳим ҷудо намуд:

– меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар муносибатҳои додгоҳӣ, оиладорӣ ва маданӣ бо роҳи танзимнамоии ҳуқуқӣ ҳифз карда, ба иштирокчиён ҳаққҳои васеи моддӣ ва маънавӣ дода, истифода намудани ҳуқуқҳоро дар ҳолатҳои ҷудогона пешбинӣ менамоянд, ки ин навъи ҳуқуқмуқарраркунии инсонро вобаста аз усули таҳия ва эътирофи ҳуқуқҳо ҳуқуқмуайянкунии танзимӣ метавон номид;

– меъёрҳои марбут ба озодиҳои инсон, ки ин навъ меъёрҳои озодипешниҳодкунанда дар муносибат ба сарчашмаҳои муосири муқарраркунандаи озодиҳои инсон камтар бошанд ҳам, аммо дар ҳолатҳои ҷудогона онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, тибқи меъёри ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ ба духтар имконияти озодона ворид шудан ба муносибатҳои оилавӣ дода шудааст. Ин навъ озодиҳо, ки дар баъзе мавридҳо дар ҳалқаи муносибатҳои анъанавии оилавӣ ва муносибатҳои бо он вобастаи хоҷагидорӣ мушоҳида мешуданд, онҳоро ҳамчун озодиҳои ба таври анъанавӣ дар рушди муносибатҳои оиладорӣ ва хоҷагидорӣ эътирофшуда қабул намудаем;

– меъёрҳои муқарраркунандаи уҳдадорӣ ва масъулияти шахс дар муносибатҳои маданӣ, оиладорӣ ва ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ, ки ин гуна уҳдадориҳо бештар маврид баҳри иҷрои масъулиятҳои оилавӣ, иҷрои қарорҳои додгоҳ ва иҷро намудани шартҳои шартномаҳои маданӣ равона шудаанд ва дар тарафи муқобили он манфиати инсонҳои дигар дар шакли ҳуқуқу озодиҳо истодаанд. Аз ин хотир, ин навъ масъулиятҳо ва уҳдадориҳоро мо уҳдадориҳои ба таъмин ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳо равонашуда эътироф кардем;

– меъёрҳое, ки баҳри маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон равона шуда, одатан бо мақсади муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни

муносибатҳо муқаррар карда мешаванд. Масалан, ба падар ва модар ҳаққи бо роҳи зӯрӣ ба шавҳар додани духтар иҷозат дода нашуда, дар додгоҳ бошад, ба вакил (адвокат) иҷозати пешниҳоди маълумоти бардурӯғ қатъиян манъ карда шудааст;

– меъёрҳои муайянкунандаи ваколатҳои мансабии шахсоне, ки дар раванди баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ё дар раванди ҷамъоварии далелҳои додгоҳӣ иштирок менамоянд. Ба онҳо ҳуқуқҳо, ваколатҳо ва вазифаҳои мӯбадон; варсардор (мӯбаде, ки маъмури иҷрои доварии эзидист); устондорон (волиён); оморгар, ҳисобдор ва хубра (эксперт); раиси оморгар (радди оморкорон); зиндонбон; шаҳна-посбон (полис, кӯйбонон ё прокуророн); дараҷадорони кӯйбонӣ (прокурорӣ-шаҳрбонӣ) ва ғ., ки ҳар як дар муносибат бо ҳуқуқҳои воқеӣ ва озодиҳои шахс дар рафти муносибатҳои мурофиавӣ сарукор доранд, дохил мешаванд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба мафҳуму моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон мукаммал гардонида, дар мукаммалгардонии таҳқиқотҳои илмии назариявӣ оид ба таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик заминаи мусоидро фароҳам оварда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз нигоҳи илмӣ муайян шуда, роҳҳои таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик амиқ карда шаванд.

Нуктаҳои илмие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳуқуқи инсон, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» ва курсҳои махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи занон» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назариявии марбут ба мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инъикоси ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, инчунин таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисола дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Манъи зӯроварӣ нисбат ба занон» (Душанбе, соли 2019);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Эъломияи Куруши Кабир» (Душанбе, соли 2019);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон» – маъруза дар мавзуи «Эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик» (Душанбе, соли 2019);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Қонунномаи Сосониён» (9-уми декабри соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон» (5-уми декабри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар катибаҳои бостон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» (6-уми декабри соли 2024);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир» – маъруза дар мавзуи «Аҳамияти омӯзиши таҳаввули ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар замони муосир» (5-уми декабри соли 2025);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маъруза дар мавзуи «Мушкилоти никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, соли 2019);

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Андешаҳои ҳуқуқи инсон дар Авесто ва Вандидод» (7-уми декабри соли 2020);

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар «Авесто» (Душанбе, соли 2020);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», «110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Аҳамияти омӯзиши таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» (Душанбе, соли 2021);

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Права человека в процессе глобализации» – маъруза дар мавзуи «Общая характеристика правовых систем Китая и Таджикистана» (7 декабря 2021 года);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддини Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» – маъруза дар мавзуи «Андешаҳои ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ» (Душанбе, соли 2023);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 1 воситаи таълимӣ, 17 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 175 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон

Дар марҳилаи рушд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд, ҳуқуқи инсон ба сифати унсури муҳим шинохта шуда, талош баҳри он сурат гирифта истодааст, ки он ҳамчун арзиши олӣ мавриди эътирофнамоӣ қарор бигирад. Бо ин мақсад, дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсонро фарогир мебошанд. Вале, бояд махсус ишора намуд, ки сарчашмаҳои муосири ҳуқуқи инсон оғозгоҳи худро аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мегиранд, ки дар онҳо мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст. Аз ин дидгоҳ, насли муосир масъулиятро дар самти шинохти ҳуқуқи инсон, ки мероси ҳазорсолаҳои таърихӣ аст, бояд бештар дарк намуда, дар самти таҳқиқи он камари ҳиммат банданд. Маҳз бо ҳамин назардошт, халқи тоҷик масъулияти худро дар назди наслҳои гузашта эҳсос намуда, дар сатҳи конститутсионӣ яке аз ҳадафҳои қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз муқаддас будани ҳуқуқи инсон маънидод намуда, худро дар назди наслҳои гузашта масъул шуморидааст [1, с. 2]. Ин масъулият бо муқаррар кардани моҳияти конститутсионӣ ва таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи таърихи ҳуқуқи инсон ба фарҷом нарасида, балки зарурати нигоҳ доштани арзишҳои таърихӣ, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷузъи ҷудонопазири онро ташкил медиҳанд, идома меёбад. Зеро, дар раванди бархӯрҳои сиёсӣ, ки дар фароварди он ҳадафҳои норавшан қарор гирифтаанд, эҳё намудани арзишҳои таърихӣ, шоиста муаррифӣ кардан ва нигоҳ доштани онҳо ҳамчун бозгӯкунандаи

арҷгузории насли тоҷик ба ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбанд, вазифаи калидии мо дар марҳилаи муосир ба ҳисоб меравад.

Маврид ба тазаккур аст, ки таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон, албатта дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифтаву моро водор менамояд то мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ошкор намуда, нақши онҳоро дар шинохти ҳуқуқи инсон муайян намоем. Аммо, муайян сохтани мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон замоне имконпазир хоҳад буд, ки агар мафҳумҳои сарчашма, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқ муайян карда шаванд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «сарчашма» ба ду маъно шарҳ дода шудааст. Якум, ба маънои «аввали чашма, чашма» ва дуюм, ба маънои «манбаъ, ҷойи оғоз ва пайдоиши чиз» [93, с. 220]. Яъне, вожаи сарчашмаро метавон ба сифати оғозгоҳ маънидод намуд. Албатта, дар чунин ҳолат мо такя ба маънои дуюми вожаи «сарчашма» менамоем. Зеро, он бозгӯкунандаи ҳолат ва моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Дар зери мафҳуми сарчашма манбаъ, мабдаъ, замина, асос, такягоҳ ва дигар истилоҳҳои ба ҳамин ҳамрадифу монанд фаҳмида мешавад. Дар адабиёти истилоҳотӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон мафҳуми сарчашма ба таври гуногун оварда шудааст. Дар баъзе адабиёт он ба мафҳуми васеъ пешниҳод шуда, дар баъзеи дигарашон бо мафҳуми маҳдуд маънидод гардидааст. Дар луғати тафсирии Ожегов дар зери мафҳуми сарчашма инҳо фаҳмида мешаванд: «1. Сарчашма – ин ҷараёни обиест, ки аз қаъри замин фаввора зада ба рӯйи замин мебарояд; сарчашма – ин сарчашмаи оби табобатӣ, сарчашмаи оби гарм, сарчашмаи оби минералӣ мебошад; 2. Сарчашма – ин он чизест, ки аз он чизе ба вуҷуд меояд, чизе ибтидо мегирад; сарчашмаи равшанӣ, сарчашмаи ҳамаи бадиҳо; 3. Сарчашма – ин ёдгории хаттӣ буда, ҳуҷҷатест, ки дар асоси он тадқиқоти илмӣ ба роҳ монда мешавад; сарчашмаҳо барои таърихи кишвар; ҳамаи манбаъҳои мавҷударо истифода бурдан аст» [144]. Ба

назар мерасад, ки муаллиф вожаи «сарчашма»-ро васеътар маънидод кардааст. Аммо, ҳолати сеюми маънидоднамоӣ ба табиати ҳуқуқии ин вожа мутобиқ буда, моҳияти мавзуи таҳқиқотро ифода менамояд. Яъне, муаллиф дар ин ҳолат «сарчашма»-ро ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ баҳогузорӣ намуда, ба сифати манбаи бунёдии омӯзанда онро шарҳ додааст. Агар, аксарияти луғатҳои дигари тафсириро низ варақгардон намоем, мушоҳида менамоем, ки дар онҳо низ мафҳуми «сарчашма» анқариб ба ҳамин маъноҳо оварда шудааст. Дар зери мафҳуми сарчашма он ҷое фаҳмида мешавад, ки дар он ҷой чизе тавлид мешавад, ба вуҷуд меояд, паҳншавии худро оғоз мекунад. Инчунин, ҷойи пайдоиш, манбаъ, ёдгорӣ, манбаи маълумот (иттилоот), манбаи радиатсионӣ низ фаҳмида мешавад [138].

Дар илми истилоҳшиносӣ мафҳумҳои бо калимаи сарчашма алоқаманд низ оварда шудаанд, аз қабили сарчашмаи (шакли) ҳуқуқ, сарчашмаи маълумот, сарчашмаҳои таърихӣ. Сарчашмаҳои таърихиро илми сарчашмашиносӣ меомӯзад.

Дар зери мафҳуми сарчашмаи таърихӣ тамоми маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва ашёҳои фарҳанги моддӣ, ки раванди таърихиро бевосита инъикос намуда, воқеаҳои алоҳида ва рӯйдодҳои бавуқуъомадаро тасвир кардаанд ва дар асоси онҳо тасаввуроти ин ё он давраи таърихӣ барқарор карда мешавад, фарзияҳо дар бораи сабабҳо ё оқибатҳои он, ки ин ё он рӯйдодҳои таърихиро ба бор овардаанд, фаҳмида мешавад [137]. Сарчашмаи таърихӣ – ин маҳсули (натиҷаи моддии) фаъолияти мақсадноки инсон аст, ки барои гирифтани маълумот дар бораи инсон ва ҷомеае, ки ӯ дар он зиндагӣ ва амал кардааст, мебошад. Аммо, вақте сухан дар мавриди сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ меравад, пас он ифодакунандаи сарчашмаҳои таърихие мебошад, ки дар худ мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҳуқуқиро ҷой дода, дар як марҳилаи муайяни таърихӣ арзи ҳастӣ кардааст. Одатан, қисми зиёди сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки дар марҳилаҳои нахустини ҳастии инсоният ва ё бунёдсозии нахустдавлатҳо, ҳатто баъдан аз он низ қабул шудааст,

фарогирандаи маҷмуи муносибатҳое мебошанд, ки ҳам ҷанбаи ахлоқию динӣ ва ҳам ҷанбаи сиёсию ҳуқуқӣ доранд. Шарофзода Р.Ш. ишора менамояд, ки «маъмулан сарчашмаҳои таърихӣ ба сифати осори таърихӣ дар таҳқиқоти илмӣ, раванди таълим ва ғ. истифода шуда, сарчашмаи ҳуқуқи амалкунанда нестанд. Ҳамзамон бо ин, сарчашмаҳое, ки пештар қабул шудаанд, расман чун сарчашмаи ҳуқуқи амалкунанда эътироф карда мешаванд. Чунончи, Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванди Франсия, Кодекси Наполеон, ки асрҳои XVIII-XIX қабул шудаанд, аҳаммияташонро чун сарчашмаи ҳуқуқ нигоҳ медоранд» [98, с. 396]. Воқеан, муаллиф дуруст ишора менамояд, ки дар баъзе давлатҳо сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ то имрӯз моҳияти худро гум накарда, расман ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ шинохта мешаванд. Аз тарафи дигар, агар мо ба моҳияти сарчашмаҳои муосири ҳуқуқӣ назар намоем, пас маълум мегардад, ки оғозгоҳи онҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, дар замони муосир бо тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ мазмун ва моҳияташон дигаргун гаштааст. Агар ба таври дигар маънидод намоем, аксарияти сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷомеаи кунунӣ ҷой доранд, аз сарчашмаҳои таърихӣ ғизо гирифтаанд, ки моҳияти инро ҳатто санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ расман инъикос менамоянд.

Ҳамон тавре қаблан ишора намудем, ҳама чиз сарчашмаи худро дорад. Аз ҷумла, ҳуқуқ ва зуҳуроти ҳуқуқӣ низ дорои сарчашмаҳои ҳуқуқии худ мебошанд. Дар муайянкунии мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ саҳми олимону муҳаққиқони илмҳои ҳуқуқшиносӣ хеле зиёд аст. Ҳар яки онҳо оид ба мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ фикру ақидаҳои худро доранд. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Шарофзода Р.Ш. сарчашмаи ҳуқуқиро ба ду қисм ҷудо намудааст: 1) сарчашмаҳои заминавӣ-ҳуқуқӣ ва 2) сарчашмаҳои бевоситаи ҳуқуқӣ. Сарчашмаҳои заминавӣ-ҳуқуқӣ он шароити воқеии ҳаёти ҷомеа, талаботҳои айнии ҳастии инсонро дар назар дорад, ки манбаи ҳуқуқии пайдоишу ташаккули ҳуқуқи нав мешавад. Агар муносибатҳои сиёсӣ,

иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ манбаи умумии иҷтимоии ҳуқуқ бошанд, пас заминаҳое ҳастанд, ки худ ҳуқуқӣ буда манбаи ташаккулу инкишофи ҳуқуқ шудаанд. Масалан, Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, барои низоми давлатдории навини тоҷикон ҳамчун таҳкурсӣ баромад намуд [74, с. 354]. Сарчашмаҳои бевоситаи ҳуқуқ гуфта шаклҳои дар қонунҳо пешбинишудаи ифодаи расмии мазмуни дохилии ҳуқуқро (меъёрҳо, принсипҳо, талаботи ҳуқуқро) меноманд, ки ҳастии воқеии ҳуқуқро таъмин мекунанд. Азбаски мазмуни дохилии ҳуқуқро ғайр аз меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ боз принсипу талаботи ҳуқуқи фитрӣ ташкил медиҳанд, шакли ифодаи берунаи (расмии) ҳуқуқро онҳо низ ташкил медиҳанд [74, с. 354]. Муҳаққиқ, дар ҷойи дигар мазмун ва моҳияти сарчашмаи ҳуқуқро аз ҳафт дидгоҳ маънидод менамояд, аз ҷумла:

1. Сарчашмаи ҳуқуқро ба маънои моддӣ шароити моддии ҳаёти ҷомеа, низоми муносибатҳои иқтисодӣ, шаклҳои моликият, талаботи ҷомеа, манфиатҳои воқеии одамон ва ғ. ташкил медиҳанд.

2. Сарчашмаи ҳуқуқро ба маънои идеологӣ ақидаҳо, назарияҳо, шуури ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

3. Сарчашмаи ҳуқуқ манбаест, ки ҳуқуқро тавлид намудааст. Дар ин ҳолат, ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ иродаи Худо, иродаи халқ, ҳокимияти давлатӣ, адолат, шуури ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

4. Мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ба маънои сарчашмаҳои таърихӣ истифода мешавад. Ба ин маъно дастхатҳои таърихӣ, аз қабили Қонунҳои Ману, Қонунҳои XII ҷадвал ва дигар сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ баромад менамоянд.

5. Сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои манбаи ташаккули ҳуқуқ ва қонунгузорӣ баромад мекунад. Чунончи, ҳуқуқи римӣ манбаи ташаккули ҳуқуқи романиву олмонӣ мебошад.

6. Сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои иттилоотӣ истифода мешавад. Дар ин ҳолат санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои мураттабсозии қонунгузорӣ, асарҳои илмии ҳуқуқшиносон ба ҳайси сарчашмаи иттилоот оид ба ҳуқуқ баромад мекунанд.

7. Ба маънои ҳуқуқӣ, сарчашмаи ҳуқуқ – шакли ифодаи ҳуқуқ мебошад [98, с. 393].

Холиқзода А.Ғ. мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ба ду маънӣ шарҳ додааст. Якум, ба маънии васеъ, яъне манбаи эҷоди ҳуқуқ. Аз ин дидгоҳ табиати иҷтимоии инсон, халқ, манфиати инсонҳо ва мақомоти ваколатдор ҳар як чун сарчашма баромад менамоянд. Дуюм, ба маънии маҳдуд, яъне дар ҳаёти воқеӣ шаҳрвандон ва мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие такя менамоянд, ки дар онҳо ҳуқуқҳо муайян шудаанд. Аз ин рӯ, санадҳо ва асосҳо чун сарчашмаи ҳуқуқ баромад менамоянд [89, с. 181].

Ба андешаи В.С. Нерсесянс бошад, илми муосири ҳуқуқшиносӣ ду мафҳуми асосии сарчашмаи ҳуқуқро пешниҳод менамояд: сарчашмаи моддии ҳуқуқ, яъне ба маънои моддӣ ва сарчашмаи шаклӣ [56, с. 399-400]. Якум, зери мафҳуми сарчашмаи моддӣ ҳамаи он ҳолатҳое, ки ҳуқуқро тавлид мекунанд ва дар шакли ҳуқуқи воқеӣ баромад мекунанд, фаҳмида мешавад. Мафҳуми нисбатан васеътари сарчашмаи моддии ҳуқуқро Г.Ф. Шершенович пешниҳод кардааст, ки тибқи он зери мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ неруе, ки ҳуқуқро эҷод мекунад, фаҳмида мешавад, мисол «иродаи Худованд, иродаи халқ, шуури ҳуқуқӣ, ғояи адолатнокӣ, ҳокимияти давлатӣ»; маводу меъёрҳо ва муқаррароте, ки асоси ин ё он санади қонунгузориро ташкил медиҳад; ёдгориҳои таърихие, ки як замоне ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ «дорои қувваи ҳуқуқӣ буданд», фаҳмида мешавад [99, с. 368]. Андешаи мазкурро профессор М.Н. Марченко низ дастгирӣ менамояд [46, с. 504-505]. Дуюм, зери мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои шаклӣ дар назарияи ҳуқуқ вазъи зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои амалкунандаро мефаҳманд [56, с. 400; 46, с. 505]. Иддае аз олимон онро ба иродаи давлат, дигарон бе мавҷудияти чунин ирода вобаста мекунанд [74, с. 354-356]. Умуман зери мафҳуми шаклии сарчашмаи ҳуқуқ дар илм ва фарҳанг шаклҳои мухталиф арза мешаванд, ки ба асосҳои гуногун такя намуда, худи мафҳуми шаклҳоро то ҷое зери шубҳа мекашанд [46, с. 506]. Бо вуҷуди он назарияи ҳуқуқ

афзалиятро ба маънои мафҳуми шаклии ҳуқуқ, ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбӣ медиҳад [74, с. 354-356].

Муҳаққиқи ватанӣ Э.С. Насриддинзода «шаклҳои ҳуқуқ» ва «сарчашмаҳои ҳуқуқ»-ро истифода бурда, ишора менамояд, ки сарчашма ба маънои шаклӣ-ҳуқуқӣ ифодакунандаи шакли ҳуқуқ аст. Мавсуф дар зери истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» се омилро ворид намудааст:

1. Сарчашма ба маънои моддӣ (шароити моддии ҳаёти ҷомеа, шаклҳои моликият, манофеъ ва талаботи одамон ва ғ.);

2. Сарчашма ба маънои мафкуравӣ (идеологӣ) (таълимоту доктринаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва ғ.);

3. Сарчашма ба маънои шаклӣ-ҳуқуқӣ – ифодакунандаи шакли ҳуқуқ [50, с. 126].

Дар заминаи гуфтаҳои мазкур, муҳаққиқ чаҳор намуди асосии шакли ҳуқуқиро ҷудо намудааст:

1. Санади меъёрӣ ин санади ҳуқуқиест, ки фарогири меъёрҳои ҳуқуқ буда, ба танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ нигаронида шудааст (ба онҳо Конститутсия, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва ғ. мутаалliқанд);

2. Расму оини ҳуқуқӣ ин қоидаи таърихан ташаккулёфтаи рафторест, ки дар шуури одамон вуҷуд дошта, дар натиҷаи истифодаи чандинбора ба ҳукми одат даромадааст ва ба натиҷаҳои (оқибатҳои) ҳуқуқӣ бурда мерасонад;

3. Амсоли (претседенти) ҳуқуқӣ ин қарори судӣ ё маъмуриест, ки аз рӯйи парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ ба он неруи ҳуқуқ дода шуда, татбиққунандагони ҳуқуқ онро ҳангоми ҳаллу фасли парвандаҳои ҳамшабеҳ ба роҳбарӣ мегиранд (афзалан дар мамолики оилаи ҳуқуқии умумӣ – Англия, ИМА, Канада ва ғ. густариш ёфтааст);

4. Аҳдномаи меъёрӣ – созишномаи байни субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар натиҷаи он меъёри нави ҳуқуқ ба вуҷуд меояд (масалан, аҳдномаи Федеративии давлати Россия аз соли 1992) [50, с. 126-127].

Алексеев С.С. шакл ва мазмуни сарчашмаро ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбии меъёр маънидод менамояд [11, с. 121]. Сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои ифодаёбии зоҳирии меъёр чунин намудҳоро доро аст: одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, амсоли судӣ, шартномаи меъёрӣ.

Ҳамин тариқ, тавре мушоҳида мешавад, олимон дар муайян намудани навъ ва шаклҳои ҳуқуқ асосан ба он навъ ва шаклҳое такя менамоянд, ки дар низоми ҳуқуқии кишварҳои муосири дунявӣ мавҷуд аст. Сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои шаклӣ, тарзи зоҳирии ифодаёбии ҳуқуқи амалкунанда аст [74, с. 354-356]. Таърих намудҳои зиёди сарчашмаҳои ҳуқуқиро медонад, аз қабили одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ, санади меъёрӣ, назарияи ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, китобҳои динӣ, шартномаҳои меъёрӣ. Ҳар кадоме аз инҳо дар паҳн шудани низоми ҳуқуқии ин ё он кишвар нақши ҳалкунанда бозидаанд [74, с. 354-356]. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ як намуди сарчашмаҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар давраи муайянии таърихӣ амал намуда, ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва давлатро танзим намудаанд.

Дар таърихи ҷамъияти инсонӣ дар ҳар давру замон ҳар давлату миллатҳо сарчашмаҳои ба худ хоси ҳуқуқиро доштанд. Дар ҳар давру замон чи татбиққунандагони ҳуқуқ ва чи мардуми одӣ ба сарчашмаҳои муайян такя намуда, ҳуқуқҳои худро муаррифӣ ва ҳифз менамуданд [91, с. 71-72].

Холиқзода А.Ғ. мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқиро чунин пешниҳод намудааст: «Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ гуфта он сарчашмаҳоеро дар назар дорем, ки онҳо замоне дар сарзамини падару бобоёни мо тоҷикон ҳамчун сарчашма ва манбаи воқеии ҳуқуқ баромад кардаанд, мардум ва татбиққунандагони ҳуқуқ ба онҳо истинод ва истидлол намуда, масъалаҳои ҳуқуқиро ҳал намудаанд» [91, с. 72].

Вижагии сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар аввал монанди қонунгузории имрӯза дар шакли санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ баромад намекарданд. Одатан қисми зиёди онҳо дар ҳамбастагӣ

бо сарчашмаҳои динӣ ифода ёфта буданд [91, с. 73]. Дар ин қисмат мо бояд дарк намоем, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон мафҳуми васеътар мебошад. Яъне, дар доираи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ имконияти ҷой доштани меъёрҳои тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Аммо, вақте сухан дар бораи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон меравад, пас он фарогирандаи муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон инъикос ёфтаанд. Вале, ин ду истилоҳ ҳамдигарро пур менамоянд ва дар адабиёти ҳуқуқӣ аксар маврид байни онҳо тафовут гузошта намешавад.

Тоҷикон ҳанӯз аз давраҳои қадим ба арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили ҳуқуқи инсон, озодиҳои инсон, адолат ва баробарӣ дар байни инсонҳо арҷ мегузоштанд. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар маркази таваҷҷуҳи ниёгони мо қарор доштанд. Албатта, ҷойгоҳи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҷой доштанд, инъикоси худро пайдо намудаанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи он асноди ҳуқуқие мебошанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ мустаҳкам кардаанд. Вале, бояд зикр намуд, ки моҳияти фарогирии ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон гуногун буданд. Масалан, агар дар марҳилаи нухуст инсоният тавассути сарчашмаҳои ахлоқӣ-динӣ ба ҳуқуқу озодиҳои худ арҷ мегузошт, дар марҳилаҳои баъдӣ, аллакай ҳуқуқи инсон моҳияти расмиро (дар санадҳои расмии давлатӣ) ба худ касб намуд. Дар марҳилаи кунунӣ бошад, дарки ҳуқуқи инсон ва шинохти он бамаротиб мушкил гардида, баъзан сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва озодии инсонро аз будаш зиёд муаррифӣ менамоянд. Махсусияти ҳуқуқи инсон дар ҳазорсолаи нав аз он иборат мебошад, ки дар шароити бархӯрдҳои ба ҳам зид ташаккул меёбанд, ҳам моҳияти таърихӣ доранд ва ҳам дар заминаи муносибатҳои нав рӯйи кор омадаанд. Ин

мушкилоти шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсонро дар гӯшаҳои гуногуни дунё ба вуҷуд меорад. Воқеан, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҷой доштанд, ҳуқуқ ва озодии инсонро бо назардошти муносибатҳои мавҷудаи ҳамон давр танзим менамуданд, ки шояд қисми бештари онҳо бо шароити кунунӣ мутобиқат надошта бошанд. Аммо, ҳадафи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ин бахрабардорӣ аз ҷанбаҳои мусбати дарки ҳуқуқи инсон дар онҳо буда, баҳри мукаммал намудани низоми ҳуқуқии миллӣ ва рушди қонунгузории миллӣ заминагузорӣ намудан аст. Масалан, ҳангоми таҳлил намудани моҳияти Эъломияи Куруши Кабир маълум мешавад, ки дар он озодии пайравӣ намудан ба дин барои ҳама дода шуда, маҳдудияти интихобнамоӣ дар самти дин ҷой надорад. Баръакси ин, дар Хартияи Бузурги Озодӣ аз соли 1215 дар Англия ин ҳуқуқи шаҳрвандон барои пайравӣ кардан ба калисо дода шудааст. Саъдизода Ҷ. ва Сафарзода Н.Ф. ин масъаларо пайгирӣ намуда, ишора менамоянд, ки «фарқи дигари ин ду ҳуҷҷат дар озодии динҳост. Дар Эъломия ошкоро мегӯяд, ки ҳар шахс ҳар динеро метавонад парастиш кунад ё накунад. Аммо дар Хартия ин бартарӣ танҳо ба калисо дода шудааст» [73, с. 93]. Яъне, ҳадаф ин ҷо дигар аст. Ҳадаф аз додани озодӣ ба мардум аз ҷониби Куруши Кабир дар самти пайравӣ ба дин, ин муттаҳид намудани 70 халқу миллати дар ҳудуди империяи Ҳахоманишиён зиндагидошта ба ҳисоб мерафт, аммо Иоанни Безамин танҳо баҳри муттаҳид намудани мардуми худ ва паст кардани норозигии мардум нисбат ба ҳокимият ин амалро анҷом дода буд. Мақсади санадҳои меъёрии ҳуқуқии муосир, ки танзимкунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, аз он иборат аз аст, ки бо назардошти омӯзиши тамоми сарчашмаҳо, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин ба инобат гирифтани манфиатҳои милливу давлатӣ ҳуқуқи инсонро муқаррар намоянд. Зеро, дар раванди ҷаҳонишавӣ ягона роҳи наҷот додани низоми ҳуқуқии миллӣ аз таъсирҳои манфии карни XXI ин омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, махсусан дар самти

ҳуқуқи инсон ва боло гузоштани арзишҳои давлативу миллӣ аз арзишҳои дигар ба ҳисоб меравад. Шаклгирии сарчашмаҳои нави ҳуқуқӣ, ки дар заминаи консепсияҳои гуногун рӯйи кор омода, мазмун ва моҳияти ҳастии инсониятро тавассути меъёрҳои гуногун танзим менамоянд, мутаассифона на ҳамеша ба таърихи гузаштаи инсоният, махсусан ба сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон такя менамоянд. Ин гуна муносибат боис ба он мегардад, ки меъёрҳои онҳо дар ҷомеа самараи дилхоҳи худро ба бор намеоранд ва ифодакунандаи воқеияти таърихӣ ва ё муосир нестанд. Бо ин назардошт, такя намудан ба ҷанбаҳои мусбати танзими ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар аксарияти адабиёти ҳуқуқӣ сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: якум, сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дуюм, сарчашмаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон.

Холиқзода А.Ғ. сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро дар сарзамини Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, ишора менамояд, ки вобаста ба хронологияи таърихӣ ва шаклгирии фазои ҳуқуқии мо бояд ду нукта ба инобат гирифта шавад. Якум, мафҳуми ҷуғрофии Тоҷикистони таърихӣ нисбат ба Тоҷикистони муосир хеле васеъ буда, ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии мардуми тоҷик дар он ҳудудҳо амалӣ мешуд. Аз ин ҷиҳат, сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихиро вобаста ба асосҳои гуногун мумкин аст, ки ба намудҳо ва навъҳо ҷудо намуд. Дуюм, вобастагии ниёгони мо ба меъёрҳои тамаддуни анъанавӣ, динӣ ва салтанатҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки тавлидгари хоси низоми мушаххаси ҳуқуқӣ буданд [89, с. 181-182]. Воқеан, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар Тоҷикистони таърихӣ ҷой доштанд, ҳам аз лиҳози ҳудуди татбиқнамоӣ ва ҳам аз нигоҳи фарогирии арзишҳову муносибатҳо, нисбат ба дигар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии давр фарқ менамоянд.

Агар ба масири ташаккули сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар сарзамини аҷдодӣ назар намоем, маълум мегардад, ки онҳо дар зери таъсирҳои гуногуни меъёрҳои анъанавӣ, динӣ, низоми сиёсии идоракунӣ ва афкори тарбиявӣ қарор гирифта, мазмун ва моҳияти як марҳилаи муайяни таърихиро бозгӯӣ менамоянд. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ, ки дар заминаи онҳо даҳҳо сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон коркард гардидаанд, оғозгоҳи худро аз меъёрҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ мегиранд. Инкори ин андеша низ ҷой дорад, аммо таҳлили амиқи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ташаккули сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба мисли занҷираи пайвасте мебошанд, ки аз як сарчашмаи марҳилаи қаблӣ, сарчашмаи дигари марҳилаи баъдӣ ғизо гирифтааст. Меъёрҳои динӣ, ки қисми ҷудогонаи онҳо моҳияти танзими муносибатҳоро дар ҷомеаи таърихӣ бозгӯӣ менамуданд, дар шаклгирии сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон нақши арзишманд гузоштаанд. Махсусан, дар давраи ташаккули низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ, ки дар қаламрави тоҷикон ҳазорсолаҳо арзи ҳастӣ кардаанд, ингуна таъсиррасонӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек, ки моҳияти арзишҳои бунёдии низоми ҳуқуқии зардуштиро ифода менамоянд, дар рушди ҳуқуқи мусулмонӣ, ки зиёда аз панҷсад меъёрҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро дар худ ҷой додааст, нақши муассир гузоштаанд. Албатта, таъсири низоми сиёсии идоракунӣ дар шаклгирӣ, мазмун ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон таъсири ҷиддӣ расонида, гоҳе ҳуқуқи инсонро ба таври маҳдуд ва гоҳи дигар ба таври васеъ иҷозати танзимнамоӣ медоданд. Аммо, бояд дуруст дарк намуд, ки ҳуқуқи инсон ҷавҳари ҳастии низомҳои сиёсии идоракуниро ташкил дода, бидуни мавҷудияти он пойдор нигоҳ доштани давлат ва муттаҳид кардани халқиятҳои он ғайриимкон мегардад. Маҳз ҳамин унсури давлатдорӣ дар садсолаи охир баҳри хомӯш намудани низоъҳои сиёсӣ, ҷангҳои фаромиллӣ ва ҳадафҳои геопалитикӣ таъсиргузорӣ намуда, дар шароити

кунунӣ бошад, риоя нагардидани он дар манотиқи гуногуни дунё мушкилоти ҷиддиро пешорӯйи низомҳои муосири идоракунӣ овардааст. Аз дидгоҳи мо, дарки дурусти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва бардошт намудан аз таҷрибаи онҳо барои ҳалли мушкилоти муосири ҳуқуқи инсон метавонад таъсиргузорӣ намояд. Афкори маънавӣ-ҳуқуқӣ низ дар рушди сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон саҳми арзишманд гузоштаанд. Онҳо тавассути муқаррар кардани меъёрҳои ахлоқӣ равботи ахлоқро бо ҳуқуқ бештар карда, инсониятро ба он бовар намуданд, ки ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамеша дар якҷоягӣ фаъолият менамоянд.

Барои кушода додани моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба мо зарур аст, ки ба мафҳуми худи калимаи моҳият муроҷиат намоем. Моҳият категорияи фалсафӣ буда, хосияти доимӣ ва асосии ашёро, ки бе он вай маъние надорад, ифода менамояд [25, с. 71; 27, с. 2]. Мувофиқан, моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар он ифода меёбад, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф гашта, кафолатнок шудаанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи шаклҳои гуногуни эътиқодӣ, ахлоқӣ, динӣ, адабию фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ пайдо шуда, минбаъд ташаккул ёфтаанд. Яъне, сарчашмаҳои ишорашуда дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд, ки минбаъд дар шуури ҳуқуқии ҷомеа роҳ ёфтаанд. Аз таҳлили суратгирифта ва дидгоҳи аксарияти муҳаққиқон маълум мегардад, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро метавон шартан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд, яъне сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ ва сарчашмаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ. Ба гурӯҳи якум сарчашмаҳоеро ворид намудан имконпазир аст, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё шахсони роҳбарикунанда рӯйи кор омадаанд. Гурӯҳи дуюм бошад, дар фарқият аз сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ барвақтар ба вуҷуд омада, нақши муҳимро дар ташаккули ҷомеаи инсонӣ ва рушди шуури ҳуқуқии аҳолӣ иҷро намудаанд. Сарчашмаҳои

маънавӣ-ҳуқуқӣ барои дарки ҳуқуқи инсон заминагузорӣ карда, ҳокимони даврро водор кардаанд, ки барои танзими ҳуқуқи инсон тавассути ҳуҷҷати муайян чораандешӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, баъди омӯзишу таҳқиқи мавзуи мавриди назар қарордошта ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз анвои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, асноди ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли сарчашмаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, адабию фарҳангӣ ва қарору мадракҳои сиёсӣ-ҳуқуқии соҳибони фармон эҷод шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой дода, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳо баромад намудаанд.

2. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи андешаи муҳаққиқон аслан ду намуд мешаванд: яке сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигаре сарчашмаҳои маънавӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Сарчашмаҳои маънавии ҳуқуқи инсон, ки шартан номгузорӣ шудааст, ба назари мо дар навбати худ ба чанд намудҳои мустақил тақсим мегарданд. Мисол, сарчашмаҳои асотирӣ, адабӣ ва илмӣ-ҳуқуқӣ.

3. Моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-хуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар он ифода меёбад, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф гашта, кафолатнок шудаанд. Омӯзишу таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар замони муосир аҳаммияти калон доранд, чунки онҳо аз ҳаёти ҳуқуқии як давраи муайяни таърихӣ гувоҳӣ дода, ҳамчун заминаи эҷод ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои наслҳои оянда хизмат менамоянд.

## 1.2. Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ

Андешаи ҳуқуқи инсон ва дарки воқеии он аз ҷониби инсоният роҳи дуру дарози таърихиро тай намудааст. Зеро, аз нигоҳи мантиқӣ инсоният аз замони офариниш соҳиби ҳуқуқу озодиҳои табиӣ буд, ки ба

мавҷудияти давлат ва ё субъектони дигар алоқамандӣ надошт. Вале, ташаккули ҳуқуқи инсон ва дарки он аз ҷониби аҳли ҷомеа фарогирандаи марҳилаҳои гуногун мебошад, ки мо онҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Гурӯҳе аз муҳаққиқони ватанӣ раванди ташаккули андешаи ҳуқуқи инсонро дар Тоҷикистон ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо намудаанд. Аз ҷумла: а) ташаккули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар аҳди қадим (то асри VII мелодӣ); б) ташаккули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна (аз асри VII мелодӣ то аввали асри XX); в) инкишофи ҳуқуқи инсон дар замони Шуравӣ; г) рушди навини ҳуқуқи инсон дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон [26, с. 7]. Бояд ишора намуд, ки ҳар яке аз марҳилаҳои ишорашуда дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Бо ин мақсад, пажӯҳишгарон қайд менамоянд, ки «ҳангоми омӯзиши масъалаи ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон як қатор хусусиятҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Якум, аз ибтидо андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон на ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, балки ҳамчун таълимот дар бораи адолат, баробарӣ, дониш, ақлу хирад, инсондӯстӣ ва ғ. ташаккул ёфтааст. Дуюм, ба низоми ҳуқуқӣ ва ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ таълимотҳои динӣ, махсусан таълимотҳои динии зардуштӣ ва исломӣ таъсири бузург расонидааст» [26, с. 7-8].

Як зумра муҳаққиқон бар он назаранд, ки «ибтидои ҳуқуқи инсон дар шакли арзишҳои ҳаммонанди ҳуқуқӣ ба таърихи ҳазорсолаи X-VIII пеш аз милод рафта мерасад. Дар он давроне, ки инсонҳои нахустин табиатан бо кашишҳои савқи табиӣ ба зиндагии якҷояи одӣ рӯ овարданд, намунаҳои ибтидоии кӯшиши эълон ва эътирофи ҳуқуқҳои шахсӣ дар шакли худмуҳофизатӣ ва муҳофизати дастаҷамъӣ дар паҳнои оила, авлод ва қабилаҳо оғоз шуд» [89, с. 44]. Дар марҳилаи нухуст арзишҳои ахлоқӣ, одатӣ ва динӣ ҷойгузини арзишҳои ҳуқуқӣ буда, инсонҳо ба онҳо такя менамуданд. Маҳз бо ин назардошт, қонунҳои ҷангал ба роҳбарӣ гирифта шуда, адолат ва ҳақиқат тавассути зӯрӣ ва худсудкунӣ ба амал бароварда мешуд. Баъдан, ҳуқуқи инсон дар даврони гузариш аз оилаҳои

ғайрииқтисодӣ ба иқтисодӣ қисман оғоз гардида, дар ҳудуди инкишофи нахустин шаклҳои ҳамзистии ҷомеа – авлод, қабила ва иттифоқи қабилаҳо заминаи мавҷудият ва эътирофи худро пайдо намуда, дар даврони нахустин тамаддун ва давлатҳо ба зинаи болотари рушди худ расидааст [89, с. 45].

Таърихи ҳуқуқи инсон аз ҷомеаи ибтидоӣ оғоз ёфта, бо худмуайянкунии шахс тавассути мансубият ба қабила ва қоидаҳои рафтор дар ин ҷомеа алоқаманд аст. Дар ин марҳила қоидаҳое буданд, ки одатҳои устувор ва ба мақсад мувофиқи одамонро инъикос мекарданд. Онҳо ақидаҳои гуногунро барои қабилаҳо коркард менамуданд ва ба ин васила руҳияи онҳоро барои машғул шудан ба меҳнат баланд мебардоштанд. Дар адабиёти илмӣ қоидаҳои ҷомеаи ибтидоиро «мононормаҳо» маънидод менамоянд, яъне он меъёрҳоеро, ки аз меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мебошанд.

Лукашева Е.А. чунин меҳисобад, ки меъёрҳои «қабилавӣ» дар ибтидо ғояҳои нек ва бадро дар бар мегирифтанд, зеро онҳо қоидаҳои кумаки мутақобила, дифои ҳамдигар ва эндогамияро пешбинӣ мекарданд. Дар баробари ин, ин қоидаҳои сахте буданд, ки шароити ниҳоят вазнини мавҷудияти инсонро муқаррар менамуданд. Мононормаҳо бинобар тақсимнашаванда будани шуури одами ибтидоӣ, ки бо ҷудонашавандагии мавҷудият муайян карда мешаванд, барои дастгирӣ ва нигоҳ доштани якпорчагии ҷомеа, қабила ва лашкар хизмат мекарданд [43, с. 74].

Яке аз вижагиҳои асосии мононормаҳо аз он иборат буд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ як узви қабиларо нисбат ба дигараш бартарӣ намедоданд, яъне онҳо «баробарии ибтидоӣ»-ро, ки хоси ҷомеаҳои потестар (аз лотинии potestas – қудрат) буданд, мустаҳкам мекарданд. Аммо, моҳияти ин баробарӣ дар набудани озодӣ, пурра ба ҷамъият тобеъ будани одамон ва сахттарин танзими тамоми фаъолияти инсонҳо ифода меёфт.

Дар доираи ахлоқи ибтидоӣ, урфу одат, расму оинҳо, ки аз мононормаҳо ба вуҷуд омадаанд, ташаккули ҷамъияти инсонӣ ба амал

омад. Аммо, танҳо дар марҳилаи охирини пошхӯрии ҷамъиятҳои ибтидоӣ, дар давраи ташаккули синфҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Вале, ишора кардан лозим аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии муайянкунандаи ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ рӯйи кор омадаанд.

Дар аҳди қадим меъёрҳои ҳуқуқӣ бо баинобатгирии мақоми иҷтимоии шахс муайян карда мешуд. Дар ҳамин замина, З. Ализода қайд менамояд, ки «дар ибтидо ин меъёрҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба маънои ҳозираи он набуданд, онҳо бо таъсири (обрӯю эътибори) сарвари авлод, қабила таъмин карда мешуданд. Тибқи ин меъёрҳои ҷазои аз ҳама вазнин барои вайрон кардани ин онҳо, рондан аз авлод, қабила буд, зеро чунин ҳуқуқвайронкунанда алоҳида ҳаёт ба сар бурда наметавонист, ӯ нобуд мешуд» [105, с. 26]. Дар ин марҳила ашхосе ҳамчун субъект баромад мекарданд, ки озод буданд, яъне меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ғуломон амалӣ намегашт. Шахси ғулом ҳамчун объекти таъсири ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт, на ҳамчун субъекти он. Масалан, дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ пешбинӣ мешавад, ки агар шахс ғулом ё ғуломро ба ғуломи қарзӣ диҳад, он гоҳ тоҷир метавонад ба ӯро ба каси дигар бифрӯшад [42, с. 7].

Илова бар ин, ғояи ҳуқуқҳои субъект вобаста ба шаҳрвандӣ ба таври назаррас фарқ мекард. Танҳо шаҳрвандони полис субъектҳои комилҳуқуқ буданд, ашхоси ғайримулкӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқ бо қобилияти маҳдуди ҳуқуқӣ баромад мекарданд, онҳо аз ҳуқуқҳои ба шаҳрвандони мулкӣ мутааллиқбуда комилан маҳрум буданд.

Андешаҳои нахустин дар бораи ҳуқуқи инсон ба маънои имрӯзаи он дар Юнони Қадим ва Рими Қадим ба вуҷуд омада, дар шароити зӯроварӣ ва худсарӣ таҳаввулоти бузургро ба миён овард. Баъзе аз муҳаққиқон чунин назар доранд, ки истифодаи вожаи «озодӣ» дар асри 24 п.м. пайдо шудааст. Яъне, ҳокими давлати Шумер барои тобеони худ муҷозот муқаррар карда, занон ва ятимонро аз кирдорҳои ноодилонаи онҳо ҳифз намуда, «озодӣ»-ро барояшон муқаррар намуд [62, с. 271].

Бояд қайд намуд, ки пайдоиши ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар таърихи ҷаҳон ба ҳазорсолаҳои қабл аз милод рост меояд ва бо роҳҳои гуногун инкишоф ёфтааст. Холиқзода А.Ғ. қайд менамояд, ки «аз замоне, ки инсон зиндагии якҷоя ва тамаддуниро касб карда, ба бунёди нахустин давлатҳо замина гузоштанд, унсурҳои ҳуқуқие тимсоли ҳуқуқи инсон тадриҷан мавриди дифоъшавӣ ва ҳимояи расмӣ қарор гирифт. Вале ин дифоъшавӣ низ аксаран дар доираи манфиати ҷамоатҳо, авлодҳо ва синфҳои ҳоким маҳдуд мешуд» [91, с. 12]. Бо пайдоиши нахустин давлатҳо ҳуқуқи инсон моҳияти расмӣ ва ҳимоявиро соҳиб шуд. Масалан, дар Мисри Қадим ҳуқуқи инсон тавассути худои Осирис таъкид карда шуда, адолати судии беғараз ба амал бароварда мешуд. Осирис тибқи таълимоти мисриҳо тамоми кирдорҳои нек ва бади инсонро болои тарозуи адл гузошта, ҳаққи инсонро ба моликият, манзил, ҳаёт, ҳаракат, никоҳ ва амсоли инҳо эътироф ва ҳифз намудааст [86, с. 417]. Яке аз муваффақияти юнониён дар он аст, ки онҳо тавонистанд то рамзи адолати судии худро ба ҷомеаи башарӣ пешниҳод намоянд. Юнониён дар кашфи адолати судӣ чанд зина пеш гузашта, олиҳаи худро пурра дар шакли инсони ҷисмонӣ ва зан-модар табдил дода, аломатҳои додгоҳиро равшантар инъикос намудаанд. Вале, муҳаққиқони ватанӣ ишора менамоянд, ки тамаддуни миллати тоҷик дар самти муайянсозии рамзи адолати судӣ тақрибан 200 сол пеш асос гузошта буданд [73, с. 35-47].

Албатта, дар самти пайдоиши андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон олимон афкори гуногунро иброз менамоянд. Масалан, А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «андеша оид ба озодии инсон, шаъну шараф, мухторияти шахсӣ, адолати иҷтимоӣ, ки аз онҳо дар натиҷа назарияи ҳуқуқи инсон тавлид шудааст, дар тамоми марҳилаҳои таърихии инсоният вуҷуд доштанд. Одамон дар ҳама давру замон дар бораи озодӣ ва адолат андешаронӣ мекарданд» [24, с. 63]. Ин андешаро Д.С. Раҳмон дастгирӣ намуда, иброз менамояд, ки «дурустар он аст, ки одамон танҳо андеша не, балки бо роҳу тариқаҳои мухталиф кӯшиши истодагарӣ ва ҳимоя намудани

ин ҳуқуқу озодиҳоро дар омехтагиҳои мухталифи манфиатхоҳона роҳандозӣ мекарданд, атрофи он зиндагии худро ташаккул медоданд. Муборизаҳои инсон ба муқобили бедодгариҳои таърихӣ, кӯшишҳои инсон дар роҳи ҳимояи ҳаёташ, қадру қиматаш, нангу номусаш, фарзанду ҳамсару марзу бумаш дар ниҳояти кор ба паҳноҳо ва қирраҳои ҷудогонаи ҳуқуқҳои фард ва инсонҳои ҷудогона рафта мерасад» [130, с. 171].

Глухарева Л.И. бошад, чунин менависад: «Агар таърихи ҳуқуқи инсон ҳамчун воқеияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ аз нимаи дуюми асри XVIII оғоз ёбад, пас таърихи мубориза бар зидди беҳуқуқӣ ва зулму истибдод, мубориза ба озодӣ ва баробарӣ ба қаъри асрҳо рафта мерасад. Мубориза барои ҳимояи шахсият ва шаъну шарафи ӯ, мубориза барои таъмини ҳуқуқи ҳар кас ба ҳаёти шахсӣ ва ихтиёрдории он муҳимтарин нишондиҳандаи ҳамзистии инсоният ба ҳисоб меравад» [18, с. 118]. Ба андешаи А. Головатенко таҳкими қонунии ҳуқуқу озодиҳо натиҷаи омодагии бисёрасрае маҳсуб меёбад, ки онро таърихи «ошкорнашуда» ё «ниҳонӣ»-и ҳуқуқи инсон номидан мумкин аст [19, с. 27].

Таърихи ҳуқуқ худ фарогирандаи таърихи ташаккул ва таҳаввули ҳуқуқи инсон аст, ки зина ба зина аз фаҳмиши ибтидоии сода то фаҳмиши муосири онро дар бар мегирад [123, с. 35]. Ба ибораи дигар, таърихи рушди ҳуқуқ дар як вақт таърихи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Яъне, таърихи ҳуқуқи инсонро берун аз таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқ намудан ғайриимкон аст [134, с. 70]. Ин нуқтаи назар дар таълимоти муҳаққиқони доираҳои илмии ҳуқуқшиносии ватанӣ низ баръало дастгирӣ меёбад [53; 78; 79; 8].

Олимони дигар ҳуқуқи инсонро падидаи асри XX ҳисобида, онро бо қабули ЭУҲБ дар соли 1948 пайванд месозанд. Тавре аён мегардад, ҳуқуқи инсон падидаи ҳам таърихӣ ва ҳам муосир маҳсуб меёбад ва имрӯз ҳуқуқи инсон ҳамчун муттаҳидкунандаи тамоми халқҳо, миллатҳо ва кишварҳову созмонҳо баромад мекунад. Беҳуда нест, ки ҳуқуқи инсон аз ҷониби олимон ҳамчун падидаи «муттаҳидсозанда», «умумибашарӣ» ва «махсуси фарогир» дар замони муосир арзёбӣ мегардад [139].

Андешаи олимони нахустро дастгирӣ карда, қайд менамоем, ки ҳама гуна назария заминаҳои таърихии ташаккул ва рушд дорад ва дар ҷойи холӣ пайдо намешавад. Ҳатто, агар ҳуқуқи инсонро падидаи сирф муосир низ арзёбӣ намоем ҳам, он ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ бо усулҳои таърихӣ ва аз нигоҳи таърихӣ ниёз дорад [65, с. 172-173]. Марченко М.Н. бисёр бамаврид қайд мекунад, ки «барои амиқ омӯхтани ҳуқуқи инсон дар замони муосир – дар давраи ҷаҳонишавӣ ва дуруст муайян намудани тамоюл ва дурнамои рушди он дар оянда дар баробари паҳлуҳои шаклӣ-ҳуқуқӣ, ба масъалаи мазмун ва таърихи он бояд бештар диққат дода шавад» [45, с. 341]. Зеро ҳама гуна падидаи нав яку якбора ба вуҷуд наомадааст. Ба қавли Ҷ. Саъдизода «…ҳама чизи нав, фаромӯшшудаи гузашта аст ва ин яке аз қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятист» 134, с. 204-205]. Аз ин рӯ, М.Н. Марченко чунин менависад: «Ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои инсон дар як марҳилаи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, дар шароитҳои мушаххаси таърихӣ рушд кардааст. Аммо бо иваз шудани сохти ҷамъиятӣ ва давлатдориҳо мавриди тағйирот қарор гирифта, бо барҳам хӯрдани онҳо бошад, ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтааст ё мазмунан ғанӣ гардидааст. Сипас, дар марҳилаҳои навбатии таърихӣ бо ба вуҷуд омадани давлатҳои нав ва сохти нави ҷамъиятӣ тадриҷан инкишоф ёфтааст» [45, с. 341]. Маълум мешавад, ки ҳуқуқи инсон хусусияти на танҳо муосир, балки таърихӣ низ дорад, ки он дар доираи андешаҳои ҷудогона ва тамаддунҳои мухталиф пайдо шудаву инкишоф ёфтааст.

Пурра ошкор намудан ва баррасӣ кардани таърихи ҳуқуқи инсон кори хеле мушкил ва нозук буда, таҳқиқоти алоҳидаи илмиро талаб мекунад. Зеро амалан баррасии таърихи ҳуқуқи инсон бояд аз марҳилаҳои ибтидоии ташаккули ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи инсонӣ оғоз ёбад ва тамоми давраҳои минбаъдаро бо вижагиҳои сохти ҷамъиятӣ, низоми идорӣ то замони муосирро дар бар гирад [65, с. 173].

Яке аз муҳаққиқони варзидаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Россия Е.А. Лукашева чунин менависад: «Таҳлили пайдоиш ва рушди ҳуқуқи инсон талаб мекунад, ки ба он аз нигоҳи таърихӣ муносибат карда шавад» [110, с.

117]. Аммо мутаассифона Е.А. Лукашева одатан ба гунаи аврупоии ҳуқуқи инсон бештар таваҷҷуҳ мекунад. Ба андешаи ӯ «гунаи аврупоии ҳуқуқи инсон – қонунҳои шаҳр-давлатҳои юнонӣ ва римӣ, асримиёнагӣ ва замони нав ба ҳайси меъёри асосӣ барои ташаккул ва рушди ҳуқуқи инсон дар замони муосир хизмат кардааст. Ба вуҷуд омадани номгӯи ҳуқуқи инсон ба замони инқилобҳои буржуазӣ мансуб аст, ки дар натиҷа бузургтарин санадҳои таърихӣ – Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса (1789), Эъломияи истиқлолияти ШМА (1776), Билл оид ба ҳуқуқҳо дар Англия (1791) тавлид ёфтанд» [110, с. 117]. Лукашева Е.А. чунин навъи таҳлилро хоси назария ё муносибати форматсионӣ меҳисобад. Ба андешаи ӯ «муносибати форматсионӣ имконият медиҳад, ки муҳимтарин шароитҳои ҳастии ҳуқуқи инсон – озодӣ, баробарӣ ва адолат нишон дода шавад» [110, с. 117].

Раҳмон Д.С. иброз менамояд, ки «ҳуқуқи инсон аз инсон ҷудонашаванда буда, муҳимтарин унсури муайянкунандаи шахсияти инсон ва ҳастии инсон аст. Аз ин рӯ, ҷараёни ташаккулёбии назарияи ҳуқуқи инсон роҳи дуру дарозеро тай намуда, бо таърихи рушди ҷамъият дар маҷмуъ пайвандии зич дорад. Аммо саволе ба миён меояд, ки ҷараёни ташаккули ҳуқуқи инсон дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон яксон сурат гирифтааст? Муҳаққиқони таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва таърихи ҳуқуқи инсон то ҳол оид ба ин масъала мавқеи якхеларо ихтиёр накардаанд» [65, с. 174]. Ба андешаи Л.И. Глухарева «ҳуқуқи инсон натиҷаи рушди табиии халқҳои Ғарб, одату анъана, фарҳанг, тафаккури онҳо ва ғ. ба ҳисоб меравад. Якчанд ҳолатҳо барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи инсон дар Аврупо имконият фароҳам оварданд. Дар тафовут аз Шарқ дар Аврупо падидаи моликияти хусусӣ барвақттар пайдо шуда, рушд кардааст; аврупоиҳо равиши нав – яҳудӣ-насрониро қабул карданд, ки мувофиқи таълимоти он Худованд инсонро тимсоли худ офаридааст; ҳувият (менталитет), тарзи зиндагӣ ва интизому қоидаҳои аврупоиён дигаргуна аст; арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, сиёсии онҳо аз дигарон тафовут дорад ва ғ. Минтақаҳои дигари дунё бошанд, ба ҳуқуқи инсон дар натиҷаи

чараёнҳои навсозӣ (модернизатсионӣ), махсусан ҳангоми истифода аз таҷрибаи дигарон ошно гаштаанд. Ҳуқуқи инсон барои ҷомеаҳое, ки роҳи гузариш аз тамаддуни анъанавӣ ба муосир ё аз низоми «давлатмарказӣ» ба «инсонмарказӣ»-ро пеш гирифтаанд, заруртарин ва муҳимтарин омил ба ҳисоб меравад. Инкишофи ҳуқуқи инсон берун аз тамаддуни ғарбӣ бошад, дигар хел сурат гирифтааст. Дар тафовут аз тамаддуни ғарбӣ дар дигар тамаддунҳо инкишофи ҳуқуқи инсон хусусияти субъективӣ дошт. Яъне, ин ҷараёни дарку фаҳмиши бошууронаи яккачинҳо (элитаҳои давлатӣ) ва ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт» [18, с. 119-123]. Муаллиф дар бораи ташаккули ҳуқуқи инсон дар Шарқ чунин менависад: «Роҳи шарқии рушди ҳуқуқи инсон, тавре маълум аст, аз роҳи ғарбии он фарқ мекунад. Роҳбарии давлатӣ ва низоми маъмурии шарқӣ, дуюмдараҷа ҳисобидани нақши бозор ва моликияти хусусӣ, паст будани мақоми инсон ва ҷамъият (коллектив) ва ҳукмронии мутлақи давлат аз болои ҷамъият ва ҷамъият аз болои шахс – ба таври табиӣ барои рушди шахс ва озодии ӯ мусоидат намекарданд. Давлат ва доираҳои роҳбарикунанда ҳама гуна фаъолияти хусусӣ, махсусан моликияти хусусиро назорат мекарданд ва барои рушд наёфтани он маҳдудияту монеаҳои ҷиддиро роҳандозӣ менамуданд. Амалан ин ҳолат маънои онро дошт, ки барои ҳимояи шахс – соҳибмулк аз даҳолати давлат ягон навъи ҳуқуқ, имтиёз ё кафолатро бархӯрдор набуд. «Ҳокимияти бештар – моликияти бештар» – принсипи фаъолияти давлатҳои шарқӣ ба ҳисоб мерафт. Давлат аз болои соҳибмулк ҳукмфармоӣ мекард, ки ин сабаби тавлиди падидаи ғуломдорӣ мегардид. Дар Шарқ ҳама гуна ташаббусҳои шахсӣ саркӯб гардида, рӯзгори мардум бо усули карахт пеш мерафт, ки умуман ба тарзи зиндагии мардуми Аврупо ва инкишофи он шабоҳат надошт. Аммо Шарқ ҷиддан ваҳдати инсонро бо табиат таъмин карда, устувории мақоми фардро кафолат дод. Мардуми Шарқ қоидаҳои маънавӣ ва ахлоқии худро аз даст надода, худпарастии шахси алоҳида ва боло гузоштани манфиатҳои шахсиро аз манфиатҳои ҷамъиятӣ қатъиян маҳкум ва маҳдуд мекарданд» [18, с. 37].

Холиқзода А.Ғ. ташаккул ва инкишофи андешаи ҳуқуқи инсонро дар таърихи тамаддунҳо васеътар тавзеҳ дода, роҳи шарқӣ ва ғарбии рушди ҳуқуқи инсонро пешниҳод мекунад. Ба андешаи мавсуф «эҳтимол меравад, ки ибтидои расмии шинохти ҳуқуқи инсон чи дар тамаддуни қадимаи шарқӣ ва чи дар тамаддуни ғарбӣ дар зинаҳои ибтидоии ҳаёти иҷтимоӣ ҳамоҳанг ва монанд буд. Зеро нахустинсонҳо, бо табиати якхела ва талаботи ҳаммонанд ба ҳаёти иҷтимоӣ (чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб) қадам гузоштаанд. Дигар ин ки воситаҳои ҳимояи ин ҳуқуқҳо дар ин минтақаҳо бо усулҳои якхелаи ақлӣ ва ғайриақлӣ такя намуда, манбаи эътирофи ҳуқуқи инсонро на дар табиати иҷтимоии он, балки дар талаботи худоҳои аввалия медиданд. Тасаввуроти динии қадима дар заминаи сатҳи пасти шуури одамон ба сарчашмаҳои ғайриақлӣ такя мекард. Худоҳои Осмонӣ – Оссирис, Аҳура Маздо, Митра, Зевс ва ғ. ҳуқуқи инсонро муайян мекарданд ва иҷроиши онро тавассути ҳодисаҳои табиӣ гӯё назорат менамуданд. Агар хушксолӣ, гармии аз ҳад зиёд, хунукӣ ва ё боришоти аз ҳад зиёд мешуд ба тафсири коҳинон ин нишонаи беадолатиҳои инсон дар рӯйи замин буд. Худоҳои асотирии борон, офтоб, раъду барқ, об ва ғ. тибқи тасаввури мардумони қадим ба ҳаёти онҳо таъсир мерасониданд. Ҳатто гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахсро тавассути усулҳои ғайриақлӣ – ордалия (важи гарм ва сард) исбот менамуданд. Ин ҳамааш нишонаи он буд, ки ҳуқуқи инсон дар ин зинаҳо чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб бо усулҳои эътироф ва ҳимояи ғайриақлӣ ва ғайришаклӣ шабоҳат дошт. Манбаи эҷод ва ҳимояи ҳуқуқи инсон қувваҳои табиӣ ва осмонӣ буд. Инсон ҳанӯз аз рӯйи талабот дарк намекард, ки ҳуқуқ ва озодии ӯ шарти мавҷудияти ӯст. Ҳатто сабаби тавлиди фарзандро нафаҳмида занро дар тамаддуни қадима чун Офаридгор мепарастид» [91, с. 39-40].

Дар идомаи андешаҳояш А.Ғ. Холиқзода эътироф мекунад, ки рафта-рафта байни тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ дар усулҳои шинохт ва эътирофи ҳуқуқҳо фарқиятҳо пайдо мешавад. «Ин фарқиятҳо бо асосҳои ҷуғрофии макони зист, вазъияти боду ҳаво, тарзи истеҳсолот, қувваҳои истеҳсолкунанда, дин, урфу одат, фарҳанг ва махсусияти инкишофи шуури

ин халқиятҳо вобастагӣ дошт. Ҳатто чунин тафовутҳо дар минтақаҳои ҷудогонаи минтақаи Шарқ таъсири худро ба шакли идорӣ ва ҳуқуқии ин халқиятҳо гузошт. Қисмати давлатҳои шарқӣ, ки дар шароитҳои мусоиди табиӣ қарор доштанд ва тасаввуроти динию сиёсии бармаҳалро соҳиб буданд, онҳо бо дар назари бунёди иншоотҳои азиму шаҳрҳои аввалия якбора ба низоми ғуломдории махсусияти коллективидошта ворид шуданд (Миср, Бобулистон, Ҳиндустон ва ғ.). Аммо қисмати дигарашон (Осиёи Миёна, аз ҷумла сарзамини таърихии Тоҷикистон), ки бо истеҳсолоти осиёгӣ дар ибтидо маълуманд, дар оғози ташаккули ҳуқуқи давлатӣ, мақомоти идоракунӣ ва эътирофи ҳуқуқҳои нахустини иҷтимоии инсон истисмори молумулкии инсонро намедонистанд. Моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот умуман вуҷуд надошт. Деҳқонон ва ҳунармандони озод табақаҳои асосии ҷамъиятро ташкил медоданд. Ҳуқуқҳои табиии инсон бо ҳуқуқҳои нахустини иҷтимоии он: ҳуқуқ ба меҳнат, ба шикор, ба ҳунармандӣ, ки ҳамчун меросияти ҳуқуқи даврони авлодӣ баромад мекарданд, дар зинаи нав зинаи обшинагӣ-ҷамоавӣ арзи вуҷуд мекарданд. Моликият махсусияти коллективиро дошта, тамоми аъзоёни ҷомеа ба замин ва дигар неъматҳои табиӣ ҳуқуқи баробарро доштанд. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба замин, манзил, об ва ғ. умумӣ буд» [91, с. 40-41].

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонҳои нахустин дар вазифаҳои давлатҳои нахустини шарқӣ таҷассуми худро меёфт:

1) таъмини мардум бо неъматҳои лозима бо усули тақсими адолатноки меҳнату маҳсули меҳнат;

2) нигоҳ доштани идоракунии марказонидашуда ва танзими муносибатҳои мураккабшудаистода;

3) таъмини тартибот ва бехатарии мардум [91, с. 36].

Раҳмон Д.С. андешаҳои матраҳшударо таҳлил карда иброз менамояд, ки «ҷараёни ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон якзайл набудааст. Илова бар ин, тафовути низомҳои ҳуқуқӣ, гуногунии фарҳангӣ ва тамаддунҳо масъалаи дигарро пеш меорад ва чунин саволе ба миён омаданаш мумкин аст: Оё мавҷуд будани чандин назарияи

ҳуқуқи инсон эҳтимол дорад, ё ин ки чунин назария бояд барои ҳамаи халқҳо ва давлатҳо ягона бошад? Ба андешаи мо назарияҳои ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои гуногуни дунё, махсусан дар Шарқ ва Ғарб гуногун ҳастанд. Аммо дар илми ҳуқуқшиносӣ дигар андешаҳо низ ҷой доранд» [65, с. 178-179].

Аксарияти олимон бар он назаранд, ки падидаи ҳуқуқи инсон асосан аз назарияи ҳуқуқи табиӣ маншаъ мегирад. Назарияи ҳуқуқи табиӣ натиҷаи таҳқиқоти олимони Ғарб аст, ки онҳо танҳо назарияи ғарбии ҳуқуқи инсонро дастгирӣ карда, дигар назарияҳои ҳуқуқи инсонро рад месозанд. Масалан, Ю.В. Самович тасдиқ мекунад, ки падидаи ҳуқуқи инсон маҳсули давраи муайяни таърихии фарҳанг ва фалсафаи Ғарб, махсусан давраи маорифпарварист. Ба андешаи ӯ «ташаккул ва инкишофи андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон натиҷаи худогоҳии одамон, рушди бахши иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, тавсеаи озодиҳои сиёсӣ ва дигар омилҳо буданд, ки барои шахс дар ҷомеа зарур маҳсуб меёфтанд. Ҳуқуқу озодиҳои имрӯза, ки инсоният аз онҳо бархӯрдор аст, як навъ инъикоси «ҷараёни эмансипатсияи таърихӣ»-и инсон аст, зеро барои соҳиб шудан ба сатҳи озодии имрӯза ва дастёб гардидан ба имкониятҳо инсон имтиҳоноти ҷиддии таърихиро пушти сар намудааст» [142]. Ба ибораи дигар инсоният барои ҷойгоҳи худро дар ҷомеа ва низоми давлатдорӣ ёфтан аз «эмансипатсия»-и таърихӣ гузаштааст ва соҳиби озодии комил гардидааст.

Мосин О.В. робитаи мутақобилаи шахс ва ҳокимиятро тавсиф карда, мафҳумҳои «инсонмарказӣ» ва «низоммарказӣ»-ро пешниҳод мекунад. «Инсонмарказӣ» гуфта, муаллиф ҳолатеро мефаҳмад, ки дар он фард ҷойгоҳи олиро соҳиб буда, ченаки ҳама гуна ашёҳо ҳисобида мешавад. «Низоммарказӣ» бошад, чунин ҳолатест, ки дар он фард ё умуман иштирок намекунад, ё ин ки нақши ёридиҳандаро мебозад. Дар ҳолати «низоммарказӣ» фард метавонад манфиати бештар ё камтареро танҳо барои дастёб гардидан ба мақсадҳои шахсӣ ноил гардад. Муаллиф оид ба дини ислом низ андешаронӣ карда, қайд мекунад, ки ин дин сабаби тавлиди тамаддуни Шарқи наздик (арабӣ, эронӣ, туркӣ) ва дар умум

ҳуқуқи мусулмонӣ гардид. Яке аз вижагиҳои танзими рафтори фард дар кишварҳои исломӣ аз он иборат аст, ки мақсад аз чунин танзимот ҳифзи манфиатҳои мусулмонон ва дар умум арзишҳои исломӣ мебошад. Ҳар шахсе, ки берун аз ин мақсадҳо фаъолият мекард ва ё муқобили он мебаромад, «муртад» ҳисобида мешуд ва барои ӯ ҷазоҳои муайяне низ пешбинӣ шуда буданд. Аз сабабе ки ҳуқуқи мусулмонӣ хусусияти динӣ дорад, бинобар ҳамин риоя ва амалисозии меъёрҳои он дар назди мусулмонон ҳамчун уҳдадории динӣ ба ҳисоб мерафт. Яке аз вижагиҳои ҳуқуқи мусулмонӣ аз он иборат аст, ки дар он на танҳо рафтори зоҳирии шахс бояд танзим ёбад, балки ба масъалаи ботини инсон низ диққати махсус дода мешавад. Дар ҳолате ки тамаддуни аврупоии дар асоси дини насронӣ шаклгирифта ба фард озодиҳои бештар ва тарзҳои гуногуни интихобро додааст. Яъне дар тамаддуни аврупоӣ ҳолати «инсонмарказӣ» бештар мушоҳида мешавад [111, с. 5-6].

Андешаҳои монандро Н.П. Повешенко қайд мекунад: «Дар Шарқи қадим беҳуқуқии инсон ҳамчун ҳолати зарурӣ ва ягонаи имконпазир эътироф мешуд. Кӯшиши шахс барои ба даст овардани озодӣ ба сифр баробар буд. Яъне, чунин навъи кӯшиш умуман дида намешуд. Дар ҷомеае, ки дар тафаккури омма падидаи ғуломӣ ҷой дорад, эътироф намудани инсон ба ҳайси узви комилҳуқуқи ҷомеа имконнопазир аст. Худогоҳии шахсият дар тафовут аз Шарқи қадим бештар дар тамаддуни атиқа рушд ёфта буд. Баъзе олимон мавҷудияти ҳама гуна назарияҳои ҳуқуқи инсонро дар аҳди бостон рад мекунанд. Масалан, В.А. Максименко чунин менависад: «Новобаста аз оне ки андешаҳо оид ба ҳуқуқ ва озодии инсон дар аҳди қадим пайдо шудааст, аммо падидаи ҳуқуқи инсон аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар замони Эҳё танҳо дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудааст. Тафаккури атиқа ҳоло бо ҳуқуқи инсон ошно набуд, аммо андешаҳои атиқӣ барои ташаккули назария ва доктринаи ҳуқуқи инсон ҳамчун асос хизмат намудаанд» [128, с. 42]. Барои ташаккул ёфтани сатҳи баланди худогоҳии шахсият моликияти хусусӣ бештар хизмат

намудааст. Моликияти хусусӣ тадриҷан шарти асосии озодии шахсият баромад мекард» [140].

Малевич Ю.И. олимонеро, ки маҳсули кишварҳои ғарбӣ будани ҳуқуқи инсонро рад менамоянд, сахт танқид менамояд. Ӯ чунин менависад: «Ҳамаи консепсияҳои ҳуқуқи инсон ғарбӣ ҳастанд. Берун аз Ғарб ягон консепсияи ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад ва дошта ҳам наметавонад. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар ислом консепсияи ҳуқуқи инсон ҷой надорад» [139].

Аммо олимоне низ вуҷуд доранд, ки назарияҳои ғайриғарбии ҳуқуқи инсонро бо дарназардошти вижагиҳои фарҳангӣ ва анъанаву одатҳои онҳо эътироф менамоянд. Аз нигоҳи онҳо дар ҳамаи тамаддунҳо ва ҷомеаҳо мафҳум ё категорияи ҳуқуқи инсон ҷой дорад ва ҳамаи ҷомеаҳо ва тамаддунҳо дар ҷараёни рушди фарҳангӣ ва таърихӣ категорияи ҳуқуқи инсонро паҳн намудаанд. Гурӯҳи дигар, тамоман андешаи дигарро иброз медоранд, яъне назарияи ҳуқуқи инсон аз рӯзҳои нахустини пайдоиши инсон ҷой дошт ва пайдоиши он ба нажоди инсоният алоқаманд аст ва фалсафаи ҷомеаи муосирро ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад.

Лукашева Е.А. чунин менависад: «Дар ҳамаи низомҳо, ҷомеаҳо ва фарҳангҳо новобаста аз оне ки ҳуқуқ нақши асосӣ ва ё ёридиҳандаро иҷро мекунад, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷой дорад. Аз ин рӯ, дар тамаддунҳои гуногун мавҷудияти ҳуқуқи инсонро инкор намудан кори нодуруст аст, зеро ҳуқуқу озодиҳо ба принсипи адолат, ки дар зеҳни мардум, дар шароитҳои мушаххаси таърихӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфта буд, мувофиқат доштанд. Онҳо ифодагари амалишавии фармудаҳои Худованд ба ҳисоб мерафтанд. Фармудаҳои Худованд муносибатҳои мутақобилаи фардҳоро дар ҷомеа муайян ва доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои қишрҳои гуногуни аҳолиро мушаххас месохт. Агар ягон гурӯҳи аҳолӣ аз ҳуқуқҳо маҳрум мегардид ва ба онҳо уҳдадориҳои иловагӣ бор карда мешуд, ин ҳолати маъмуле буд, ки манбаи худро аз дин мегирифт» [44, с. 44].

Максименко В.А. зимни тавзеҳи консепсияи фитрӣ-хуқуқӣ чунин менависад: «Консепсияи ҳуқуқи инсон низоми андешаҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодии шахсиятро фаро мегирад, ки аз ҷиҳати ахлоқ (маънавиёт) асоснок гардида, дар ҷомеа зарур мебошанд. Ҳуқуқҳои фитрӣ табиатан ба инсон тааллуқ дошта, аз дин, фарҳанг ва ҷаҳонбинии ҷомеаи мушаххас маншаъ мегиранд ва барои рушди ҳамаҷонибаи шахс дар ҷомеа пайдо шудаанд» [128, с. 19]. Максименко В.А. консепсияи позитивии ҳуқуқи инсонро аксар вақт дар шакли «меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон» ном мебарад. Ба андешаи ӯ «меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон гурӯҳи муайяни ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсонро фаро мегиранд, аз ҷониби давлат таъмин ва ҳифз мегарданд. Ҳуқуқҳои позитивӣ дар ҷомеаи мушаххас ва дар марҳилаи муайяни таърихӣ муҳити созгори умумиро бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи инсон таъсис медиҳанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон зуҳуроти сирф ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз назарияҳои ҳуқуқи инсон тавлид шудаанд. Аммо меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон таъсири бузурги шароитҳои объективӣ ва гурӯҳи шахсони манфиатҷӯ (лоббистҳо)-ро таҳаммул кардааст. Консепсияи ҳуқуқи инсон андешаҳои умумии инсонро дар бораи мақоми худи ӯ дар ҷомеа фаро мегирад. Консепсияи ҳуқуқи инсон бояд на танҳо зуҳуроти ҳуқуқӣ, балки таъсири фарҳанг, фалсафа, дин ва дигар омилҳоро ба ҳуқуқу озодиҳои инсон низ фаро гирад» [128, с. 19]. Дар ҳамин маврид Е.А. Лукашева ҷонибдори муттаҳидсозии консепсияҳои позитивӣ ва фитрӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи ӯ онҳо ҳеҷ гоҳ бар муқобили якдигар намебароянд ва дар муборизаи оштинопазир қарор нахоҳанд гирифт. Чунончи: «Доктринаи фитрӣ-ҳуқуқӣ бештар ба масъалаи оғози пайдоиши ҳуқуқи инсон ва хусусиятҳои дахлнопазирӣ ва бегонанашавандагии онҳо диққат медиҳад. Он ҳуқуқи инсонро аз давлат боло мегузорад, ки мақсад аз он аз байн бурдани кӯшишҳои тоталитарии давлатҳо бобати маҳдуд сохтани ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон бо сабаби дар қонунгузории расмӣ таҳким наёфтан, ҳуқуқҳои инсон номуайян ва норавшан боқӣ мемонанд, ки ин ҳолат амалисозии функсияи давлатро бобати таъмин ва ҳимояи онҳо

мушкил месозад» [58, с. 14]. Ба андешаи В.А. Максименко «барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахс муттаҳид сохтани консепсияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ва позитивӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аммо чунин тарзи муносибат хоси давлатҳои Ғарб аст. Ба монанди падидаи муосири ҳуқуқи инсон консепсияи фитрӣ-ҳуқуқӣ маҳсули андешаи ҳуқуқии Ғарб мебошад. Андеша ва тасаввурот дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишварҳои ғарбӣ инкишоф ёфтааст, ки ҳангоми шиносоӣ бо таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ин ҳолат боз ҳам равшан аён мегардад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки консепсияи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс маҳсули андешаи ҳуқуқии ғарбӣ ва низоми ҳуқуқи ғарбӣ мебошад. Ҳамаи тасаввурот, андеша ва принсипҳои асосии ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ғарбӣ бо дарназардошти фарҳанг, дин ва анъанаҳои ҷомеаи ғарбӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки назар ба дигар низомҳои ҳуқуқӣ андешаи ҳуқуқи инсон барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ маҳз дар ҷомеаи ғарбӣ бештар хизмат мекунад. Барои ҷомеаҳои дигар бошад, тасаввуроти ғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун падида ё унсури бегона ба ҳисоб меравад» [128, с. 40].

Мо ба ин андеша розӣ шуда наметавонем, ки гӯё тасаввурот ва андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон танҳо дар кишварҳои ғарбӣ рушд кардааст. Зеро ҳангоми шиносоӣ бо вазъи ҳуқуқии шахс дар дигар тамаддунҳо, ҳолати баръакс баръало маълум мегардад. Аз ин рӯ, муттаҳид намудани назарияҳои ҳуқуқи инсонро мувофиқи мақсад меҳисобем. Аз ҷумла А.Ғ. Холиқзода ташаккули падидаи ҳуқуқи инсонро дар Шарқ таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки дар Шарқ эътирофу эҳтироми ҳуқуқи инсон бо ду роҳ рушд кардааст: 1) роҳи давлатӣ, ки ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлатӣ инъикос меёфт; 2) сарчашмаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ, яъне осори олимону файласуфон, ки дар онҳо андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ҷой доштанд. Андешаи мазкур бо навиштаҳои В.А. Максименко мувофиқат дорад. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки роҳи давлатӣ – назарияи позитивии ҳуқуқи инсон ва роҳи маънавӣ – назарияи фитрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Павлова Л.В. низ ҷонибдори чунин андеша буда, ишора менамояд, ки

падидаи ҳуқуқи инсон дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа дар зери таъсири омилҳои зерин ташаккул ёфтааст: андешаҳои фалсафӣ ва танзими ҳуқуқӣ. Дугунагии табиати ҳуқуқи инсон боис гардид, ки консепсияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ва позитивӣ рӯйи кор оянд.

Ҳангоми даврабандӣ намудани ҷараёни ташаккули консепсияҳои ҳуқуқи инсон бояд дастовардҳои тамаддунҳои дигар ба назар гирифта шаванд. Даврабандии рушди дилхоҳ падидаи ҳуқуқӣ бо дарназардошти маҳаку омилҳои гуногун ба роҳ монда мешавад, ки ин омил ба инобат гирифтани фарҳанг ва тамаддунҳои наздикро низ ногузир мегардонад. Дар назарияи муосири ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ консепсияҳои гуногуни ҳуқуқи инсон ёдрас мегарданд [71].

Инчунин, дар муҳити илмӣ чунин таснифоти назарияҳои ҳуқуқи инсон пешниҳод карда мешаванд:

1) бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ: русиягӣ, ғарбӣ, исломӣ, ҷопонӣ, амрикоӣ, британӣ ва ғ.;

2) аз рӯйи омили рушд ва инкишофи ҳуқуқи инсон: назарияи наслҳои ҳуқуқи инсон;

3) аз рӯйи маҳаки идеологӣ: озодихоҳӣ (лебералӣ), куҳнагароӣ (консервативӣ), иртиҷоӣ (радикалӣ) аз ҷумла, марксистӣ, сотсиалистӣ, коммунистӣ, миллӣ-сотсиалистӣ, шуравӣ ва ғ.;

4) вобаста ба эътирофи арзишҳои умумибашарии ҳуқуқи инсон: назарияи фарогири ҳуқуқи инсон, ки бо номи назарияи универсалӣ машҳур аст, назарияи нисбӣ ё шартии ҳуқуқи инсон, ки онро релятивизми фарҳангӣ низ меноманд [63, с. 66-67].

Таснифоти дигар низ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, баъзе олимон пайдоиши ҳуқуқи инсонро таҳқиқ намуда, бештар ба таърихи пайдоиши ҳуқуқи инсон дар тамаддунҳо диққат медиҳанд. Бо дарназардошти ин чунин навъҳои назарияҳои ҳуқуқи инсон ҷудо карда мешавад: аҳди бостон, асрҳои миёна, давраи эҳё, замони нав, давраи навтарин ё давраи ҷаҳонишавӣ [126, с. 37; 64, с. 303].

Даврабандӣ кардани ташаккули ҳуқуқи инсон барои дарки дурусти он кӯмак менамояд. Аммо, марҳилаи ташаккули ҳуқуқи инсон дар масири давлатдорӣ ва идоракунии халқу миллатҳо яксон нест. Зеро, ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши инсонӣ решаи амиқи таърихӣ дошта, моҳияти он ва танзими ҳуқуқии он аз низоми идоракунӣ ва низоми сиёсии давлатҳо низ вобастагӣ дошт. Маҳз бо назардошти ин омилҳо, муҳаққиқон дар муайян кардани давраҳои ташаккули ҳуқуқи инсон бо мушкилотҳои гуногун дучор мегарданд ва назарҳои мухталифи худро матраҳ менамоянд.

Пас аз таҳлили таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ пешниҳоди чунин хулосаҳои илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва илмӣ собит менамоянд, ки дар марҳилаи нахусти пайдоиши ҷомеаи инсонӣ арзишҳои одатӣ, асотирӣ ва эътиқодӣ ҷойгузини арзишҳои ҳуқуқӣ буда, инсонҳо ба онҳо бештар такя менамуданд. Нахустинсонҳо дар остонаи гузариш ба тамаддун, дар заминаи савқи табиӣ тартибу қоидаҳои замони барбарии худро ба роҳбарӣ гирифта, меъёри барои худ нисбатан одилона манфиатовар ва ҳақиқатнаморо тавассути неруи зӯрӣ, ғайриақлона бо усулҳои худсудкунӣ ба амал мебароварданд. Ҳарчанд, ки дар ин даврон муносибатҳои ҳуқуқӣ атрофи манфиати нахустинсонҳо ва сардорони авлоду қабила ва ҷамоа дар сатҳи муайян тобиш мехӯрд, он замонҳо дар бораи ҳуқуқи инсон ҳарф задан мазмунан мушкилӣ дошт. Баъдан, ҳуқуқ дар даврони гузариш аз оилаҳои ғайрииқтисодӣ ба иқтисодӣ қисман сарҳаду паҳнои худро дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқи моликият ва ташкили қудрат ҳамвор намуда, унсур ва аломатҳои ибтидоии худро дар ҳудуди инкишофи нахустин шаклҳои ҳамзистии ҷомеа авлод, қабила ва иттифоқи қабилаҳо ҳамчун ҷамоаи потестарӣ дар шаклҳои ибтидоӣ масъалагузорӣ менамояд. Ҳуқуқ заминаи мавҷудият ва эътирофи худро тадриҷан пайдо намуда, бо мурури замон дар даврони нахустин тамаддун ва давлатҳо ба зинаи болотари рушди худ расидааст. Новобаста аз оне ки дар ин марҳалаҳои ибтидоии рушд доир ба вуҷуди

ҳуқуқи инсон ҳарф гуфтан мушкил аст, вале шаклгирии ғояи ҳуқукро берун аз манфиати инсонҳои нахустин эътироф кардан номумкин аст.

2. Аз нигоҳи мо, ғояҳои марбут ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ пайдо шудаву ташаккул ёфтаанд: дар дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи эҳё, замони нав ва давраи навтарин. Ҳар яке аз ин давраҳо, ба замми он, ки дар марҳилабандии таърихӣ хусусияти рушднамоӣ доранд, бо хусусиятҳои хоси мазмунӣ ва таркибии худ аз ҳамдигар тафовутҳо низ доранд, ки ин тафовутҳо инъикоси худро дар сатҳ ва сифати неъматҳои моддӣ ва маънавии башар расонидаанд. Ҳуқуқи инсон ва ғояи аслии он дар фазои иҷтимоӣ, ки аз неъматҳои бузурги маънавии тамаддун аст, дар ҳар як давраи таърихӣ таҳти таъсири силсилаи муносибатҳо ва арзишҳои хоссаи дигари иҷтимоӣ қарор гирифта, дар қатори дигар аз унсурҳои таркибии ҷомеа, башарро барои рушд ба давраҳои нави таърихӣ омода намудааст. Бо ибораи дигар, ташаккули ғояҳои ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои таърихӣ мисли занҷираи пайвастанд, ки баҳри арзи ҳастӣ кардани дигар аз унсурҳо ва манфиатҳои тозаи иҷтимоӣ хизмат менамоянд. Андешаи он, ки ғояи ҳуқуқи инсон ба тариқи истисно дар олами ғарбӣ пайдо шудаву ташаккул ёфтааст, мантиқан ғалат мебошад.

3. Ҳуқуқи инсон ҳамчун неъмати олӣ васли устувор бо инсон дорад, ҳеҷ мумкин нест, ки инсонҳои як кураи Замин ин хислати даркро дошта бошанду дигарашон не. Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсур ва сифати муҳимми зуҳури инсони арзанда, тадриҷан дар ҳавзаҳои мухталифи тамаддун ташаккул ёфтааст. Барои рушду зуҳури арзандаи он ҳама халқу миллатҳо ва ҳама тамаддунҳо дар масири таърихи башар саҳмгузорӣ кардаанд. Инкори якҷонибаи ин воқеият ба манфиати як тамаддун, инкори ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи фарогир ва фароунсур ва хоси инсон буда, таркибан ғалат аст. Зеро инкори ин хислати як гурӯҳи калони ҷомеаи инсонӣ, худ эътироф накардани ҳаққи табиии онҳо ба ин неъмат буда, поймолнамоии ҳуқуқи зиндагии арзандаи онҳост. Ин ҳолат бидуни шубҳа як навъ дискриминатсияи (тафриқагузории) ҳуқуқи маънавии халқҳост. Халқу

миллатҳо ва тамаддунҳои гуногун баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва эҳтиром гузоштан ба он ҳамчун навъи зиндагии шуурмандона, таърихан саҳмгузорӣ намудаанд, ки нодида гирифтани онҳо номумкин аст. Халқи тоҷик ҳамчун бардорандаи бори амонати фарҳанги вижа ва оламшумули таърихӣ, ки ба башар озодӣ ва адолатро дар шаклҳои намуна пешниҳод кардааст, дар зиёд аз масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар саргаҳи шинохти ғояи ҳуқуқи инсон қарор доштааст, ки шинохт, эълон ва эътирофи он вазифаи илми таърихи ҳуқуқи инсон мебошад.

# БОБИ 2. АНДЕШАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАМАДДУНИ ЗАРДУШТӢ

## 2.1. Шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик

Таърихи инсоният дар роҳи шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон, ки имрӯз он ҳамчун унсури муҳимми давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд баромад менамояд, ҳолату воқеиятҳои гуногунеро бозгӯӣ менамояд ва аз дарки ноҳамвории роҳи тайнамудаи ҳуқуқи инсон дар масири таърих шаҳодат медиҳад. Дар дарозои таърихи давлатдории халқи тоҷик низ даҳҳо ҳолатҳои ба ҳам мухолифе мушоҳида мешаванд, ки баъзан маврид аз сатҳи пасти мавҷудияти ҳуқуқи инсон, дар ҳолати дигар аз сатҳи баланди мавҷудияти он башорат дода, моро водор менамоянд, то андешаи онро намоем, ки насли гузаштаи мо баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва эътирофи он кадом чораҳоро анҷом додаву чиро барои мо ҳамчун дастоварди таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Зеро, инсоният на танҳо дар аҳди бостон ва марҳилаҳои баъдӣ, балки имрӯз низ дар ин самт мушкилоти худро дорад ва дар ин росто муҳаққиқони ватанӣ бисёр бамаврид иброз менамоянд, ки «инсоният дар масири таърих бештар ба эътирофи қолаби худ ва шахсияти хеш диққат дода, кӯшиши дарки сатҳ ва сифати ботини худ менамояд. Дар ин шоҳроҳи шинохти хеш инсони муосир ҳам музаффариятҳо ва ҳам шикастҳо дорад. Яқин он аст, ки халқиятҳои рушдкарда дар ин шоҳроҳ муваффақтаранду халқҳои қафомонда дар ин самт ҳанӯз мушкилиҳо доранд. Дар шинохт ва эътирофи инсон ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ислоҳи вазъ дар ин паҳно, имкон дорад ҳам таҷрибаи гузаштагонамон ва ҳам дастовардҳои имрӯзи илми ҳуқуқ дар якҷоягӣ барои коркарди қирраҳои нави рушди давлатдорӣ барои наслҳои фардо хизмат намоянд» [89, с. 10]. Пас, ҳадаф ва аслияти таҳқиқоти илмӣ, ки марбут ба шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик аст, фарогиранда ва

муайянкунандаи дастовардҳои таърихӣ дар ин самт буда, баҳри бунёди давлати миллӣ ба хотири насли фардо равона карда шудааст. Зеро, «нодида гирифтани гузаштаи бойю ғании ҳуқуқэҷодкунии миллати тоҷик, на танҳо беэҳтиромӣ, балки хиёнат ба гузаштагону имрӯзиёни ин миллати куҳанбунёд аст» [73, с. 20]. Дар ҳамин росто, месазад аз хизматҳои хастанопазири Пешвои миллат дар роҳи дарки ҳақиқати таърихӣ ва муаррифию зинда намудани арзишҳои миллӣ хотиррасон намуд. Пешвои муаззами миллат на танҳо дар самти шинохти арзишҳои миллӣ, балки дар роҳи муаррифии таърихи ҳуқуқэҷодкунии халқи тоҷик дар масири таърих нақши муассир гузошта, иброз менамоянд, ки «гарчанде илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист» [143]. Албатта, мо доир ба нақш ва ҷойгоҳи Эъломияи Куруши Кабир дар самти шинохти ҳуқуқи инсон сухан хоҳем гуфт, аммо дурандешии Пешвои миллат моро водор менамояд, ки имрӯз аз диди илми ҳуқуқшиносии муосир, таърихи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунофарии мардуми тоҷикро дар масири таърих омӯхта, баҳри бунёди низоми ҳуқуқии миллӣ, ки орӣ аз арзишҳои бегона бошад, заминаи комилро фароҳам орем. Маҳз бо ҳамин назардошт, С. Ятимов ва С. Собиров ишора менамоянд, ки «таҳқиқ ва омӯхтани маводи таърихӣ дар асоси далелҳои муътамад ба мақсади муайянсозии ҳақиқати таърихӣ яке аз ҷанбаҳои мавриди таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари давлат мебошад. Ӯ донистани қонунмандӣ ва ҳаракати тафаккурро ба хотири дарки раванди шаклгирии воқеияти тақдири миллат пояи маърифатнокӣ мешуморад» [103, с. 378].

Таҳлили сарчашмаҳои зиёди таърихӣ башорат аз он медиҳанд, ки новобаста аз ҷой доштани мушкилотҳои мухталиф дар самти шинохти ҳуқуқи инсон дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ, халқи тоҷик

тавонистааст, ки даҳҳо ҳуқуқҳои бунёдии инсонро ба хубӣ шиносад ва онҳоро расман дар сатҳи давлатӣ эътироф намояд. Пас, насли муосир бояд сари он андеша намояд, ки бо кадом роҳ ва васила имконияти дифоъ намудан аз арзишҳои таърихӣ дар самти ҳуқуқи инсонро доро аст ва тавассути кадом васила ва имкониятҳо эҳтимолияти ба хуби муаррифӣ намудани ин арзишҳои таърихӣ дар замони муосир ҷой дорад. Зеро, мо дар умум ба худ ҳаққи онро дода метавонем, ки яке аз бунёдгузорони ҳуқуқи инсон дар таърихи мавҷудияти инсоният ҳастем. Дар ин росто, муҳаққиқони ватанӣ низ дуруст ишора менамоянд, ки тоҷикон аз зумраи халқу миллатҳое маҳсуб мешаванд, ки ба инсоният ҳуқуқ ва озодиро инъом намудаанд [119, с. 71-85]. Дар ҷойи дигар қайд мегардад, ки таърихи ҳуқуқэҷодкунии миллати тоҷик ба умқи асрҳо расидаву имрӯз низ мавқеъ ва аҳаммияти худро дар қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ аз даст надодааст. Миллати тоҷик дар инкишофи қонунҳое, ки ба адолат, баробарӣ, озодӣ, инсоф ва ахлоқ нигаронида шуда буданд, саҳми шоистаи худро гузоштааст. Дар ибтидо онҳо дар доираи қоидаҳои ахлоқӣ ба вуҷуд омада, баъдан бо рушд намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ шакли қонунро гирифтаанд [68, с. 17-18]. Маҳз бо дарназардошти исботи гуфтаҳои боло, талош баҳри он менамоем, ки мавҷудияти ҳуқуқи инсон ва шинохти онро дар нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, махсусан дар доираи Авасто ва қисматҳои алоҳидаи он, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем.

Бояд ишора намуд, ки дар байни муҳаққиқон доир ба замони таълифи китоби муқаддаси зардуштиён – Авасто андеша ва назарҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, Мэри Бойс таърихи зиндагии Зардушт ва таълифи китоби ӯро ба солҳои 1500-1200 т.м. рабт медиҳад [49, с. 27]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаёт ва зиндагии Зардуштро мавриди пажӯҳиши амиқ қарор дода, ба хулосае меоянд, ки Зардушт дар ҳазораи II-и т. м. зиндагӣ намуда, китоби худро маҳз дар ҳамин давра таълиф намудааст [67, с. 32]. Саъдизода Ҷ. ва Сафарзода

Н.Ф. ишора менамоянд, ки Зардушт тақрибан 3500-4000 сол қабл зиндагӣ намуда, китоби муқаддаси зардуштиён, яъне Авасторо маҳз дар ҳамин марҳилаи таърихӣ таълиф намудааст [73, с. 17].

Гуфтаҳои боло моро бори дигар водор менамоянд, то дарк намоем, ки дар муҳити илмӣ, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ доир ба замони таълифи яке аз нодиртарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик – Авасто андеша ва назарҳои яксон ҷой надоранд. Вале, чун ба мазмун ва моҳияти таҳлилҳои илмӣ назар афканем, боз ба қадимият ва таърихӣ будани ин сарчашма эътиқод пайдо намуда, хулоса менамоем, ки он таърихи беш аз 4000-соларо дорост. Инчунин, миллати тоҷик дар масири давлатдорӣ ва мавҷудияти худ, ба ҷуз Авасто боз санадҳои дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар ёд дорад, вале мутаассифона онҳо то замони мо нарасидаанд. Бо ин мақсад, метавон иброз намуд, ки Авасто яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик ба шумор рафта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва арзишманд эътироф намудани он ҳамчун субъекти олӣ, хизмати бесобиқа бузургро анҷом додааст.

Ғафуров Б. доир ба мазмун ва моҳияти вожаи «Авасто» ва ё «Авесто» бисёр андешаҳои судманд ва илмиро манзур намуда, ишора менамояд, ки вожаи «Авесто» аз калимаи форсии миёнаи *apastāk,* баъдан *aβastāv* гирифта шуда, ба маънии «асос», «гузориш», «дастур», «ниёиш» ва ғ. фаҳмида мешавад [20, с. 65]. Модоме чунин аст, пас метавон иброз намуд, ки Авасто ҳамчун асос ва дастури зиндагии аҳолии зардуштӣ баромад менамуд, ҳамон гунае, ки имрӯз мо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои худ ба ҳайси қонуни асосӣ ва дастури бунёдӣ баҳогузорӣ менамоем. Вале, бояд иқрор шуд, ки зардуштиён ҳаёт ва фаъолияти худро дар доираи дастури амиқан мушаххасшуда, ки онро сегонаи зардуштӣ ном мебаранд, ба роҳ мемонданд, ки он фарогирандаи ҳумата, ҳухта, ҳварита, яъне пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек мебошад [32, с. 236].

Дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ санадҳое, ки хусусияти меъёриро доро буданд, хеле барвақтар пайдо гардидаанд ва дар доираи қонун, қоидаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ арзи ҳастӣ намудаанд [21, с. 63-86]. Пайдо шудани чунин санадҳои ахлоқию ҳуқуқӣ ба ҳазорсолаҳои II-I пеш аз милод рост меояд ва намунаи он нахустин китоби зардуштиён – Авесто [6] мебошад, ки хусусиятҳои динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро дорад [87, с. 23-72]. Авесто китоби қадимаи динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии мардуми Осиёи Миёна ва Эрон мебошад [96, с. 20-48].

Китоби Авесто аҳаммияти тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ дорад, зеро вай асари пандномаи ниёгон ба ҳисоб меравад [16, с. 57-68; 17, с. 50-57; 15, с. 11-14]. Зардушт се принсипи ҳуқуқи инсон – гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори некро пешниҳод намуда [75, с. 34-37; 88, с. 25], мардумонро даъват менамояд, то ки дар ҳаёти худ ба ҳафт рафтори бад – дурӯғ, шаҳват, тамаъ, хашм, рашк, ғурур, танбалӣ роҳ надиҳанд. Авесто на танҳо китоби динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқист, балки китоби илм, фалсафа, таърих, хатту забон ва фарҳанги қадимаи халқҳои тоҷику форс мебошад. Асрҳои зиёд аст, ки китоби Авесто раҳнамои инсоният ва фарогиру арҷгузор ба ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Аз ин лиҳоз, ин китоби муқаддаси динӣ ва ҳуқуқӣ [7, с. 24-27] на танҳо барои давлатҳое, ки дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ [53, с. 48-99] имрӯзҳо арзи ҳастӣ менамоянд, аҳаммияти калон дорад, балки он барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳамчун арзиши умумиинсонӣ хизмат менамояд. Дар китоби Авесто дар баробари арзишҳои асосии ҳуқуқи инсон [91, с. 43-75; 33, с. 35-39], инчунин арзишҳои заминавии ҳуқуқи оилавӣ [124, с. 37, 48-50], ҳуқуқи гражданӣ [85, с. 46], ҳуқуқи ҷиноятӣ [106, с. 44-59] ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ гузошта шудааст [86].

Дар Авесто ва қисмати он – Вандидод арзишҳои асосии ҳуқуқи инсон оварда шудаанд [91, с. 43-75]. Ба монанди, тарзи дурусти муошират намудани инсон, таълиму тарбия гирифтани инсон, риоя намудани адлу инсоф дар муносибатҳои байни одамон [59, с. 41-61], роҳҳои тарбия намудани насли наврас, муносибати хуби инсон бо

ҳайвонот, ухдадории инсонҳо оид ба риоя намудани тозагии об ва истифодаи оқилонаи он ва ғ. Дар Авесто, инчунин масъалаҳои мубрами ҳуқуқи инсон [26, с. 54-59; 113, с. 21-23; 115, с. 16-22] мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накарда, насли инсоният барои ҳалли онҳо, мунтазам риоя намудани онҳо кӯшишҳо карда истодааст.

Барои дарки пурраи Авесто ва қисмати он Вандидод, инчунин андешаҳои ҳуқуқи инсон дар онҳо ба мо зарур аст, ки омӯзишу таҳқиқоти илмиро дар ҷодаи пайдоиши Авесто, қисматҳои Авесто, таҳқиқоти анҷомдодаи олимону муҳаққиқон оид ба Авесто ва қисмати он Вандидод ба анҷом расонем.

Авесто дар шакле, ки ба мо расидааст, аз панҷ қисмат иборат аст, ки чортои он бо забони қадимаи авестоӣ як хел бо санскрит навишта шудааст ва дигаре бо забони паҳлавӣ ё форсии миёна (забони эронии даврони Сосониён, яъне асрҳои III-VII пеш аз милод) навишта шудааст. Қисматҳои китоби Авесто, ки ҳоло пайдо шудаанд, ба замони пайдоиши онҳо мувофиқат намекунанд ва дар ҳама китобҳо вақту замон ва макони пайдоиши онҳо гуногун мебошанд.

Қисмати якуми Авесто – Ясно ном дорад. Ясно (ясн, язисн, авест. ясно – ҳурмат аз феъли яз – «хондан», «муқаддас бошед») – китоби муҳимтарин буда, дар худ матни литургии асосии зардуштиҳоро дар бар мегирад. Ясно 72 бобро (авест. Готҳо – «хӯша») аз мундариҷаи гетерогенӣ муттаҳид мекунад. Бобҳои 28-34, 43-51, 53 ба готҳо мансубанд, ки қисми зиёди онҳо ба эҳтироми Аҳура Маздо, тамоми ҷамоати авестоӣ, гимнҳои метрикӣ бахшида шудаанд, ки муаллифии онро аксар донишмандон ба худи пайғамбар Зардушт мансуб медонанд. Ясно («қурбонӣ», «дуо») – маҷмуи матнҳоест, ки маросимҳои асосии диниро ба ҳаёти одамон ҳамроҳ мекунад. Дар Ясно ибодати литургии зардуштиҳо муқаррар шудааст. Дар он дуоҳо ва сеҳру ҷоду оварда шудаанд. Аз ҷумла, дуоҳои муроҷиат ба оташ ва об. Дар дини зардуштӣ ба парастиши оташ аҳаммияти махсус дода мешуд. Дар маъбадҳои

зардуштӣ, аз ҷумла дар маъбадҳои Парсиси муосири Бомбейи Ҳиндустон тасвири худоҳо вуҷуд надоранд. Дар онҳо имомҳо ба оташи қурбонгоҳ саҷда мекунанд. Воридшавӣ ба маъбад барои шахсони дигар динҳо манъ аст. Бо даст расонидан ҷасад нопок мегардад. Бо ҷасад ифлос кардани оташ манъ аст. Бо ҷасад даст задан ба ҷузъҳои муқаддас – замин, ҳаво ва об ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, зардуштиҳо ҷасади шахси фавтидаро ба воситаи ҳайвонот ва парандагони ваҳшӣ пора мекунанд. Ин одатан дар ҷойи махсус таъиншуда («dacma» ё «манораи хомӯшӣ») иҷро карда мешавад.

Қисми дуюми Авесто – Виспарад ном дорад. Виспарад (авест. Nspe ratauuo «ҳама бобҳо») илова ба Ясно буда, маҷмуи дуоҳои литургӣ ба худоҳо мебошад. Виспарад аз 24 боб иборат буда, дар шакли муроҷиатҳо оварда шудааст.

Қисмати сеюми Авесто – Вандидод ном дорад. Вандидод – яке аз қисматҳои қадимтарини Авесто мебошад. Вандидод (Вандид., паҳл. Вандидод, Авест. Vi-daevo-data «қонуни дуршавӣ аз девҳо») – маҷмуаест, ки аз 22 боб (фаргард) иборат буда, дар он қонунҳои Зардушт дар бораи тозагӣ, покшавӣ ва қоидаҳо дар бораи мубориза бар зидди ифлосшавӣ, харобшавӣ оварда шудаанд. Вандидод – низомномаест, ки дар он маросими нигоҳ доштани тозагӣ оварда шудааст. Вандидод аз як қатор муқаррароти ҳуқуқии динӣ, порчаҳои бостонӣ, афсонаҳо, достонҳо иборат мебошад. Вандидод бо тавсифи офариниши олам аз ҷониби Аҳура Маздо оғоз меёбад. Минбаъд дар Вандидод шарҳи шоиронаи 16 кишваре, ки дар он ибодаткунандагони ин дин зиндагӣ мекарданд, оварда шудааст. Бобҳои дуюм ва сеюми Вандидод дар бораи таърихи инсоният ва дар бораи асосгузори тамаддуни инсонӣ – шоҳ Ҷамшед бахшида шудааст. Бобҳои боқимондаи Вандидод ба муқаррароти динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ бахшида шуда, дар шакли қоидаҳои рафтори одамон оварда шудаанд. Дар байни онҳо ҷойи асосиро муҳокима дар бораи ифлосшавӣ, ки дар натиҷаи даст расонидан ба ҷасад ба вуҷуд меояд, инчунин роҳҳои аз чунин ифлосшавӣ озод шудан пешниҳод шудааст. Ду

боби дигари Вандидод ба сагҳо ва муносибати одамон нисбати онҳо бахшида шудааст, ки қоидаҳои рафтори одамонро дар бар гирифта, дар шакли панду насиҳатҳо оварда шудаанд. Дар Вандидод нисбат ба куштани сагҳо ҷазои вазнинтар дода мешуд. Эҳтимол меравад, ки дар ин бобҳои Вандидод боқимондаҳои тасавуротҳои тотемикӣ инъикос ёфтаанд. Вандидод бо бобҳои мазмуни мифологӣ ба поён мерасад.

Қисми чоруми Авесто – Яштҳо ном дорад. Яштҳо (Яштс. pehl. Yast, Авест. Yesti – аз ҳамон verb yaz – «бихонед») аз 22 суруде, ки ба васфу ситоиши Аҳура Маздо, амешаспентҳо ва яздҳо бахшида шудаанд, иборат аст. Яштҳо дар худ ақидаҳои муҳимми дини зардуштиҳо ва тавсифи дини мазкурро дар бар мегирад. Дар баробари баъзе мавзуъҳои ғайридинӣ, ба монанди дастурҳо оид ба тозагии ҷисмонии бадан, инчунин дар Яштҳо усулҳои муҳофизат аз руҳҳои бад, формулаҳои лаънатшавӣ, пушаймоншавӣ ва ғайра оварда шудаанд.

Қисми панҷуми Авесто – Хурд Авесто ном дорад. Хурд Авесто маҷмуи дуои ҳамарӯзаи зардуштиён мебошад, ки коҳинон ва ашхоси одӣ истифода мекунанд ва мундариҷаи он асосан аз дигар қисматҳои Авесто иборат аст. Баъзе намозҳои аслӣ бо забони форсии миёна сохта шудаанд ва муаллифи онҳо ба таври анъанавӣ ба Адурбад Маҳраспанд тааллуқ дорад.

Ҳамин тариқ, андешаи ҳуқуқи инсон дар Авесто ва қисмати он Вандидод яке аз мавзуъҳои мубрами таърихи ҳуқуқи инсон мебошад. Омӯзишу таҳқиқи андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии расмӣ-давлатӣ дар мисоли Авесто ва Вандидод саҳифаҳои норавшани ҳуқуқи халқи тоҷикро дар соҳаи ҳуқуқи инсон равшану ғанӣ мегардонад. Дар Авесто ва Вандидод арзишҳои умумиинсонии зиёде нуҳуфтаанд, ки муҳаққиқону олимон бояд онҳоро мавриди омӯзишу таҳқиқот қарор дода, пешкаши ҷомеаи умумибашарӣ намоянд.

Ҳарчанд дар муҳити илмӣ бештар маврид Авесторо ҳамчун сарчашмаи динӣ ва ахлоқӣ баҳогузорӣ менамоянд, вале мо бояд иқрор шавем, ки дар ин сарчашмаи нодири таърихии мо даҳҳо масъалаҳои

ҳуқуқие ҷой гирифтаанд, ки муҳиммият ва мубрамияти худро, ҳатто то имрӯз нигоҳ доштаанд. Маҳз бо ҳамин назардошт, муҳаққиқони ватанӣ Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода ишора менамоянд, ки «китоби «Авасто» на танҳо китоби динӣ, балки нахустин қомуси фарҳангии мардуми тоҷик дар масири таърих мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба таърихи зуҳури китоби «Авасто» ва муҳтавои он пай бурдан мумкин аст, ки бори нахуст дар заминаи ин китоб дар шуури инсоният ва зиндагии ӯ раванди ахлоқиву маънавӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, дар ҳаёт бо роҳи росту дуруст зиндагӣ намуданро ба инсоният омӯхтааст» [73, с. 16]. Муҳаққиқи эронӣ Б. Муҳаммад бошад, ҳуқуқҳои инсонро дар тамаддуни зардуштӣ мавриди таҳлил қарор дода, арзишмандтарин ҳуқуқҳои инсонро дар ин марҳилаи таърихӣ ҷудо намудааст, аз қабили озодии сухан, озодии андеша, озодии интихоби дин, ҳуқуқи зан, ҳуқуқи кӯдаки дар батни модар буда, озодии ҳаракат, дахолат накардан ба сарҳади дигарон, гиромидошти ҳуқуқи ҷонварон, нигоҳ доштани амнияти ҷамъиятӣ, тарбияи фарзанд, бунёди оила ва ғ. [13, с. 15-18]. А.Ғ. Холиқзода, ишора менамояд, ки дар Авасто як зумра ҳуқуқҳо, ба мисли ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёти осоишта, ҳуқуқ ба муносибати хуби инсонӣ, ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо, ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки тавлиднашуда, ҳуқуқ ба тандурустӣ, ҳуқуқ ба никоҳ ва ғайра расман эътироф ва эълон шуда, бори нахуст намудҳои шартнома, ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, покизагии об, ҳимояи ҳаққи ҳайвонот, намудҳои ҷиноят, намудҳои никоҳ ва ғайра ҳамчун институти ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Яке аз қисматҳои таркибии Авесторо «Вандидод» ташкил медиҳад, ки шакли дурусти он «Видевдат» [20, с. 66], яъне қонун ба муқобили девон аст ва дар ин ҷо «ван-вай»-ба муқобили, «даева»-дев-бадӣ, «дод-дотик»-қонунро ифода намуда, Қонуни зидди бадӣ ё Қонунномаи муқобили бадӣ ба ҳисоб меравад [48, с. 32]. Ин сарчашмаи нодири таърихӣ нахустин офарандаи қонун ва танзимгари муносибатҳои ҳуқуқӣ Урвахшайа, яъне бародари Гаршоспро эътироф ва эълон менамояд [48, с.

32]. Дар банди 10, Йаснаи 9 пешбинӣ мегардад, ки «Урвахшайа ва Гаршосп, якумин доваре додгузор ва дувумин ҷавоне забардасту гесувар ва гурзбурдор» буданд [5, с. 61]. Аз моҳияти ин бармеояд, ки Урвахшайа нахустин довар дар аҳди қадим буда, бародари ӯ, яъне Гаршосп ҳамчун ҷавони забардасту тавоно муаррифӣ шудааст. Урвахшайа дар баробари додгустарӣ, инчунин баҳри танзими муносибатҳо аз нигоҳи меъёрҳои адолат муносибат карда, ҳақро дар ҷойи муҳим қарор медод. Пас маълум мегардад, ки ниёгони мо, на танҳо ба масъалаи эътирофсозии ҳуқуқи инсон дар доираи санади (китоби) расмӣ аҳаммияти вижа зоҳир менамудаанд, балки ба ҳуқуқэҷодкунандагон ва қонунофарон низ диққат дода, баҳри инсонгароёна ва адолатпарастона омода шудани санадҳои ҳуқуқӣ шахсони махсусро тайёр мекардаанд, ки ин мароқовар ва омӯзанда ба ҳисоб меравад.

Албатта, Авасто ва қисматҳои алоҳидаи он фарогирандаи масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд ва инро касе инкор карда наметавонад, аммо дар ин қисмат мо сари он таваҷҷуҳ хоҳем намуд, ки дар ин сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик, ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони гуногуни ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқҳои субъектони махсуси ҳуқуқи инсон, ки илми муосири ҳуқуқи инсон онҳоро ҳамчун субъектони ба ҳимоя эҳтиёҷманд муаррифӣ менамояд, мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки ба онҳо кӯдакон, занон, маъюбон, пиронсолон, муҳоҷирон ва дигаронро метавон дохил намуд. Аз ин дидгоҳ, ҳуқуқ ва манфиатҳои эътирофшудаи субъектҳои ишорашударо дар ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, яъне Авасто мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Шинохти ҳуқуқ ва манфиатҳои занон дар таърихи мавҷудияти инсоният фарогирандаи марҳила ва вижагиҳои худ мебошад. Вазъи ҳуқуқу манфиатҳои занон аз доираи масъалаҳои танзимнамудаи Авасто берун нарафта, ба ин субъекти ба ҳимояи эҳтиёҷманд диққати махсус дода шудааст. О.Э. Раҳмон вазъи ҳуқуқи занонро дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди таҳлил қарор дода, ишора менамояд,

ки «дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ вазъи ҳуқуқии занон тавассути ду категорияи сарчашмаҳо мавриди танзим қарор гирифтааст: сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии расмӣ ва сарчашмаҳои таърихии ахлоқӣ-ҳуқуқӣ. Ба ҳайси сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии расмӣ, ки танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии занон мебошанд, инҳо дохил мешаванд: Авасто (махсусан, қисмҳои Йаснаҳо, Йаштҳо, Виспарад ва Вандидод), Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён. Ба сифати сарчашмаҳои таърихии ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ки ифодакунандаи мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои занон мебошанд, метавон инҳоро шомил намуд: Ардавирознома, Ёдгори Бузургмехр, Чида андарзи парйуткешон, Рисолаи рӯзҳо, Андарзи пешиниён ва ғ.» [112, с. 228].

Воқеан, ҳуқуқ ва манфиатҳои занонро сарчашмаҳои гуногуни низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди танзим қарор додааст, аммо дар ин қисмат таваҷҷуҳи бештар ба танзими масъалаи мазкур аз нигоҳи меъёрҳои авастоӣ равона хоҳад шуд. Авасто ва қисматҳои ҷудогонаи он, ки то имрӯз ба мо омода расидаанд, зумраи бештари ҳуқуқҳои занон, махсусан ҳуқуқҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии занонро мавриди танзим қарор додааст. Дар ҳамин замина, О.Э. Раҳмон чунин ибрози назар намудааст: «Аз мазмун ва моҳияти сарчашмаҳои танзимкунандаи низоми ҳуқуқии зардуштӣ чунин ҳуқуқ ва озодиҳои занонро метавон ҷудо намуд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба озодии интихоб, ҳуқуқи озодона ташкил намудани оила, ҳуқуқи интихоб намудани шавҳар, ҳуқуқи омӯхтан ва омӯзонидан, ҳуқуқ ба нигоҳдошти саломатӣ, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодабарии моликият, ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати додгоҳӣ, ҳуқуқи интихоби ҷойи зист, ҳуқуқи фарзандхондӣ ва ғ.» [112, с. 229].

Аз муқаррароти ишорашуда метавон дарк намуд, ки ҷойгоҳи занон дар тамаддуни зардуштӣ дорои унсурҳои хоси худ буда, то имрӯз диққати муҳаққиқони соҳаҳои мухталифро ба худ ҷалб намудааст. Шинохти ҳуқуқ ва манзалати занон ҳам дар доираи сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам дар доираи сарчашмаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ танзим гардида,

ҳатто баҳри эҳтироми занон рӯзи махсус муқаррар гардида буд. Яъне, дар тамаддуни зардуштӣ ҷашни Спандармадгон таҷлил карда мешуд, ки он ба рӯзи панҷуми моҳи Спандармад (Исфанд) рост меояд [5, с. 732]. Муҳаққиқи варзидаи тоҷик А. Берунӣ ин ҷашнро ҳамчун ҷашни вижаи занон маънидод намуда, ишора месозад, ки дар ин ҷашн занон аз шавҳарони худ ҳадя дарёфт мекарданд. Маҳз ба ҳамин хотир онро ҷашни Муздгирон ном мебурданд [4, с. 229]. Масъалаи мазкурро олими тоҷик О.Э. Раҳмон бисёр оқилона таҳлил намуда, ишора менамояд, ки «дар масири таърихи инсонӣ шинохти ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои занон ба таври фарогир танҳо дар асрҳои XIX-XX ба вуҷуд омада, аз соли 1975 то имрӯз, ҳамасола 8-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии занон» таҷлил карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» низ онро ба таври ҳуқуқӣ танзим менамояд. Аммо, бояд махсус ишора намуд, ки агар ҷомеаи байналмилалӣ барои шинохти ҳуқуқ ва озодии занон пас аз корпартоӣ ва инқилобҳои мухталифи онҳо рӯй оварда бошад, пас низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар ҳазорсолаи қабл аз мелод занро ҳамчун субъекти махсус маънидод намуда, бо мақсади арҷгузорӣ нисбат ба ӯ таҷлили ҷашни Спандармадгонро пешбинӣ менамояд. Ин ҷашн дар Спандармадрӯз, яъне рӯзи панҷуми моҳи Спандармад (Исфанд) таҷлил карда шуда, шабеҳи Рӯзи байналмилалии занон (8-уми март) мебошад. Дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, рӯзи панҷуми моҳи Спандармад (Исфанд) занон аз шавҳарони худ ҳадя дарёфт карда, аз иҷрои 229 машғулияти рӯзгор озод буданд. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки таҷлили рӯзи махсус ҳамчун рӯзи байналмилалии занон ё рӯзи модар барои миллати тоҷик бегона набуда, балки аз таъриху тамаддуни қадимаи ниёгони мо маншаъ мегирад» [112, с. 228-229]. Муҳаққиқони ватанӣ Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода низ ишора менамоянд, ки дар тамаддуни зардуштӣ рӯзи махсус баҳри эҳтиром гузоштан ба манфиатҳои занон ҷой дошт ва дар он рӯз мардон ба занони худ тухфа инъом мекарданд [73, с. 18].

Андеша ва назари муҳаққиқони ватаниро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Авасто аз нахустин сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ маҳсуб мешавад, ки нисбат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон эҳтиром гузошта, анъанаи таҷлили рӯзи занонро ба насли башарӣ мерос гузоштааст. Инчунин, он оғозгоҳи расмикунонии ин ҷашн дар таърихи башарият маҳсуб шуда, баъдан баҳри фарогир намудани ин ҷашн мамолики гуногуни дунё, махсусан ҷомеаи аврупоӣ дар замони нав талош ба харҷ доданд ва муваффақ ҳам гаштанд. Зеро, имрӯз таҷлили рӯзи байналмилалии занон ҳамчун маҳсули олами ғарбӣ баҳогузорӣ гардида, дар доираи санадҳои фарогири (универсалии) байналмилалӣ ва қонунгузории миллии давлатҳои алоҳида мазмун ва моҳияти худро пайдо намудааст. Ин моро бори дигар баҳри он водор менамояд, ки аслияти таърихии худро дуруст бишносем ва баҳри муаррифии арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқии худ, ки ба мо ҳамчун мерос боқӣ мондааст, аз дирӯз дида бештар талош ба харҷ диҳем. Вазъияти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар моро водор менамояд, ки эҳтиром гузоштан ба зан-модар ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯро омӯзем ва дар саргаҳи ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқу озодиҳои занонро қарор диҳем, ки гузаштаи дури мо онҳоро ба таври зарурӣ муқаррар ва танзим намуда буданд. Махсусан, дар қисматҳои алоҳидаи Авасто, ба мисли Йаснаҳо [35, с. 75-181], Йаштҳо [36, с. 182-272], Виспарад [84, с. 273-277], Хурд-Авасто [97, с. 278-293] ва Вандидод [83, с. 294-481] ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои занон мавриди танзим қарор гирифтааст, ки ба таври мухтасар метавон аз онҳо далел овард.

Яке аз муҳаққиқони эронӣ Б. Муҳаммад дар фасли ҷойгоҳи ҳуқуқ ва манзалати зан дар тамаддуни зардуштӣ ибрози назар карда, онро баланд баҳогузорӣ менамояд ва аз қисмати Авасто чунин меъёрро пешниҳод месозад: «Дар рӯзи нахуст Ҳурмуз ба зан фармуд: Эй зан туро офаридам, то мардони порсо ба вуҷуд оварӣ ва дар оғӯши пурмеҳри худ парвариш диҳӣ, то ба ёрии онон решаи нодурустӣ ва нопокӣ аз ҷаҳон биафтад» [13, с. 17]. Аз ин бармеояд, ки ҳадафи аслии зан ба дунё овардани насле

мебошад, ки решаҳои ноадолатӣ ва нопокиро аз байн бурда, баҳри бунёди ҷомеаи адолатпарвар замина бигзорад. Ба таври дигар агар ишора намоем, пас ин фарогирандаи он маъност, ки занон аз зумраи бунёдгузорони адолат ва ҳуқуқ дар рӯйи заминанд, ки тавассути насли худ ҷомеаро беҳбудӣ бахшида, барои ҳақиқатпарастӣ ва ҳақиқатгустарӣ заминаи воқеӣ фароҳам меоранд. Аз тарафи дигар, вазифаи занон тарбияи насли солим ба ҳисоб меравад, ки имрӯз аз зумраи масъалаи бисёр ҳассос ва нозуки на танҳо ҷомеаи Тоҷикистон, балки башарият ба ҳисоб меравад. Ҳатто, агар ба аслияти қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» назар афканем, пас маълум мешавад, ки онҳо мақсади дар руҳияи адолатпарварӣ, ҳақиқатсолорӣ ва ватанпарастӣ тарбия намудани насли замони муосирро дар худ доранд. Бояд ишора намуд, ки таълим ва тарбияи кӯдак, дар Авасто ҳам ба сифати ҳуқуқ ва ҳам ба сифати уҳдадории падару модар инъикоси худро ёфтааст, ки далели ин гуфтаҳо банди 6, Йаснаи 35 ба ҳисоб меравад. Дар он пешбинӣ мегардад, ки «он чиро, ки ҳар марде, ё зане донист, ки дурусту нек аст, бар ӯст, ки худ ба кор бандад ва дигаронро низ биогоҳонад то онро – ончунонки ҳаст – ба кор банданд» [34, с. 120]. Ин нуктаро О.Э. Раҳмон бисёр олимона ба риштаи таҳлил кашида, ишора менамояд, ки «дар ҳолати нахуст занро мебоист барои соҳибхирад гардидани худ ба омӯзиш бипардозад то бидонад кадом амал дуруст асту кадом амал нодуруст. Дар сурати аз худ намудан, ӯ вазифадор буд, ки дониши худро ба дигарон, аз ҷумла ба фарзандону наздикон биомӯзонад. Бояд қайд намуд, ки дар ин муқаррарот омӯхтан ва омӯзонидан ҳамчун ҳуқуқ ва уҳдадорӣ ба занон пешбинӣ карда шудааст» [112, с. 226]. Пас, маълум мешавад, ки танзими ҳуқуқии масъулияти падару модар ва дигар аъзои ҷомеа дар таълим ва тарбияи кӯдак, инчунин дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани онҳо решаи таърихӣ дошта, то ба давраи аҳди қадим, махсусан ба давраи мавҷудияти тамаддуни зардуштӣ рафта мерасанд, ки диққатҷалбкунанда ва омӯзанда

мебошад. Вале, бояд ишора намуд, ки баҳри дуруст тарбия намудани фарзанд масъулияти асосиро зан-модар бар уҳда дорад, ки инро Авасто ба таври зарурӣ танзим кардааст. Пас аз таҳлилҳои илмӣ дар ин самт, андешаи ҷолибе матраҳ мегардад, ки «дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ занони некандеша, некгуфтор ва некрафтор мақоми баландро соҳиб буда, мусъулияти омӯхтану омӯзонидан ва ҳурмату эҳтироми шавҳарро бар дӯш доштанд. Дар тафовут аз ин, низоми ҳуқуқии зардуштӣ занони бадсиришт, дорои ахлоқи зишт ва фиребандаро манфӣ баҳогузорӣ намуда, нисбат ба онҳо вазнинтарин ҷазоҳоро пешбинӣ менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар Авасто вожаи «Ҷаҳӣ» бештар маврид ба маънои зани фурӯмояву бадкор, фиребандаву иғвогари мардон, нопорсову фармонравои ситамгар ва рӯсапиву бадкора истифода бурда шудааст. Вале, мувофиқи таълимоти ин низоми ҳуқуқӣ интихоб намудани роҳи нек ё бад аз ҷониби зан ҳамчун ҳуқуқи ӯ муаррифӣ карда мешавад» [112, с. 229]. Омӯзанда он аст, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ масъулияти занро дар самти тарбияи фарзанд ва ҳурмату эҳтироми аъзои оила баланд баҳогузорӣ намуда, иҷроиши ҳуқуқ, озодӣ ва эҳтироми занро аз муносибати ӯ ба субъектони ишорашуда вобаста медонад, ки моҳияти гуфтаҳои фавқуззикр имрӯз дар қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танзими ҳуқуқӣ пайдо намудаанд. Аз ҷумла, дар қисми 3-юми моддаи 32 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки «зану шавҳар вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кумаки якдигарӣ ба роҳ монанд, барои таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некуаҳволӣ ва рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ кунанд» [2].

Яке аз субъектони дигаре, ки дар Авасто ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии зардуштӣ доирои мақом ва манзалати баланд мебошад, кӯдакон маҳсуб мешаванд. Зеро, тамаддуни зардуштӣ нисбат ба кӯдакон ҳамчун субъекти махсус ва ба ҳимоя эҳтиёҷманд тарзе муносибат намудааст, ки доираи муносибатҳои хуби он то имрӯз мазмун ва моҳияти худро аз даст надодаанд.

Як нуктаро бояд ишора намуд, ки аксарияти муҳаққиқон изҳор менамоянд, ки меъёрҳои зардуштӣ дар самти танзимнамоии манфиатҳои кӯдак бештар хусусияти динӣ ва ахлоқӣ доранд. Албатта, чунин андеша қобили пазириш аст, аммо боз қисми дигари меъёрҳои зардуштиро меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо низ ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон мавриди танзим қарор гирифтаанд. Аз моҳияти меъёрҳои авастоӣ бармеояд, ки дар ин марҳила як қатор ҳуқуқҳои кӯдакон мавриди танзим қарор гирифта буданд. Масалан, дар қисмати Вандидоди Авасто чунин ҳуқуқҳои кӯдакон танзим шудаанд: ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёти осоишта, ҳуқуқ ба муносибати хуб, ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо, ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки таваллуднашуда, ҳуқуқ ба тандурустӣ, ҳуқуқ ба никоҳ ва ғ. [31, с. 31]. Дар ҳамин замина бояд қайд намуд, ки татбиқ сохтани ҳуқуқҳои ишорашуда бештар мавридтавассути падару модар амалӣ мегардид, ки дар ин хусус болотар ишора намудем. Зимнан, дар баъзе сарчашмаҳо синну сол муқаррар шуда буд, ки то расидан ба он падару модар бояд ин ё он шакли ғамхориро зоҳир намоянд (аз лаҳзаи таваллуд то расидан ба синни 7-солагӣ). Нақши муҳимро дар ҳимояи кӯдакони ноболиғ падар ва ё сардори оила (мард) дошт. Пеш аз ҳама, сабаб дар он буд, ки мард чун сарвари оила барои фарзандони худ, ҳамсар ва молу мулки хеш масъулият дошт. Маҳз барои ҳамин бисёр муқаррароти Авасто ва дигар сарчашмаҳо ба сардори оила – мардон равона гардида буданд [22, с. 11].

Муқаррароти қонунгузории замони муосир низ шаҳодат аз он медиҳад, ки меъёрҳои авастоӣ то имрӯз ҳангоми муқаррар намудани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар шакли бавосита мавриди истифода қарор мегиранд. Дар ҳамин зовия, муҳаққиқи ватанӣ А.У. Азиззода қайд менамояд, ки дар тули тамоми таърихи давлатдории тоҷикон ва инкишофи ҳуқуқи халқи тоҷик, бештари институтҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ, ки ҳуқуқи кӯдаконро ҳифз мекарданд, ҳамчун мерос аз як низом ба низоми дигар гузаштанд ва қисме аз онҳо ҳанӯз ҳам дар ҳаёту

зиндагии рӯзмарра ва анъанаҳои муосири тоҷикон амал карда истодаанд [9, с. 48-52].

Аз муқаррароти меъёрҳои Авасто, ки болотар мавриди баррасӣ қарор гирифт, маълум мегардад, ки дар он ҳуқуқҳои гуногуни инсон мавриди танзим қарор гирифтаанд. Дар баробари муносибатҳои ишорашуда, инчунин аз моҳияти меъёрҳои ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ танзими муносибатҳоеро мушоҳида намудан имконпазир аст, ки дорои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар сатҳи бурунмарзӣ доранд. Яъне, мазмун ва моҳияти унсурҳои муосири ҳуқуқи байналмилалиро бозгӯӣ менамоянд. Мавҷудияти олиҳаи Меҳр дар қисмати Вандидоди Авасто ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои тарафҳои воридшаванда ба паймол аз ҷониби ӯ, далели равшани масъалаи мазкур мебошад. Махсусан, агар ба муҷозоти дар он муқарраршуда нигоҳ намоем, пас мавҷудияти адолати судӣ ва таъмини иҷрои ухдадориро дар заминаи меъёрҳои ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида кардан имконпазир мегардад. Инчунин, шарти бунёдӣ дар бастани созиши муштарак, баинобатгирии ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ба ҳисоб мерафт, ки бозгӯкунанда аз мавҷудияти адолат ва таъмини баробарҳуқуқии тарафҳои паймонкунанда ба ҳисоб меравад.

Маълум мегардад, ки сарчашмаҳои нахустин дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ифодакунандаи масъалаҳои гуногун ва танзимкунандаи муносибатҳои мухталиф буда, баҳри равнақ додани ин муносибатҳо ва муҳимтар аз ҳама ҷиҳати эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодии ӯ заминаи асосиро фароҳам овардаанд. Дар ин миён, Авасто ва қисматҳои он, махсусан, Вандидод, ки фарогирандаи масъалаҳои бештари ҳуқуқӣ мебошад, мақом ва ҷойгоҳи хоссаро соҳиб аст.

Паз аз таҳлили амиқи андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои нахустини таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик пешниҳод кардани чунин хулосаҳоро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

1. Ҳуқуқи инсон ва унсурҳои муҳимму бунёдии он дар масири таърихи халқи тоҷик дар ҳама давраҳои рушди фарҳанги ҳуқуқии

ниёгони мо дар сатҳҳои мухталиф дарк ва эҳсос мешуд. Паҳнои анъанаи ҳуқуқии давлатдориҳои Пешдодиён ва Каёниён, таркиби оилаи ҳуқуқии зардуштӣ, низоми ҳуқуқи исломӣ бо мактаби ҳуқуқи мовароуннаҳрии фиқҳи ҳанафӣ, ҳуқуқи замони Шуравӣ бо ҳама маҳдудияту иллатҳои замонию макониашон теъдоди муайяни арзишҳои ҳуқуқию падидаҳои сиёсиеро доро будаанд, ки дар ин ё он сатҳ ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсонро эълон, ҳифз ва тарғиб кардаанд. Онҳоро нодида гирифтан ва эътироф накардан  инҳирофи омӯзиши таърихи ҳуқуқи халқ аст. Аз зумраи чунин сарчашмахои нодире, ки дар таърихи ҳуқуқи миллати мо дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши бориз бозидаанд, анъанаи одилонаи идораи давлат аз ҷониби Пешдодиёну Каёниён, таълимоти оилаи ҳуқуқии зардуштӣ, Вандидод, Эъломияи Куруши Кабир оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, Қонунномаи Сосониён ва дигар сарчашмаҳои нодири фарҳанги ҳуқуқи исломӣ ва қонунгузории замони Шуравӣ будаанд.

2. Дар муҳити илмӣ, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ доир ба замони таълифи яке аз нодиртарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик – Авасто андеша ва назарҳои яксон ҷой надоранд. Вале, чун ба мазмун ва моҳияти таҳлилҳои илмӣ назар афканем, боз ба қадимият ва таърихӣ будани ин сарчашма эътиқод пайдо намуда, хулоса менамоем, ки он таърихи беш аз 4000-соларо дорост. Инчунин, миллати тоҷик дар масири давлатдорӣ ва мавҷудияти худ, ба ҷуз Авасто боз санадҳои дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар ёд дорад, вале мутаассифона онҳо то замони мо нарасидаанд. Бо ин мақсад, метавон иброз намуд, ки Авасто яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик ба шумор рафта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва арзишманд эътироф намудани он ҳамчун субъекти олӣ, хизмати бесобиқа бузургро анҷом додааст.

3. Аз моҳияти Авасто ва қисматҳои он метавон мушаххас намуд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба сифати нахустин довар, эҷодкунандаи

меъёр ва танзимкунандаи муносибатҳо – Урвахшайа[*] муаррифӣ шудааст. Урвахшайа дар баробари додгустарӣ ва таъмини адолат, инчунин ба танзими муносибатҳо машғул буда, меъёрҳои хусусияти танзимкунандаро эҷод карда, дар муносибатҳои додгоҳӣ аз онҳо истифода менамуд. Аз ин дидгоҳ, ӯро метавон ҳамчун нахустэҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сарзамини тоҷикон баҳогузорӣ намуд. Яъне, ниёгони мо на танҳо ба масъалаи эътирофсозии ҳуқуқи инсон тавассути санадҳои расмӣ, балки ба омода кардани додгустарон, ҳуқуқэҷодкунандагон ва қонунофарон низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷиҳати инсонгароёна ва адолатпарастона омода гардидани меъёрҳои танзимкунанда шахсони махсус – ҳуқуқшиносонро тайёр мекардаанд, ки ин мароқовар ва омӯзанда мебошад.

4. Авасто аз нахустин сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон эҳтиром гузошта, анъанаи таҷлили рӯзи занонро ба насли башарӣ мерос гузоштаст. Инчунин, он оғозгоҳи расмикунонии ин ҷашн дар таърихи башарият маҳсуб шуда, баъдан баҳри фарогир намудани ин ҷашн мамолики гуногуни дунё, махсусан ҷомеаи аврупоӣ дар замони нав талош ба харҷ доданд ва муваффақ ҳам гаштанд. Зеро, имрӯз таҷлили рӯзи байналмилалии занон ҳамчун маҳсули олами ғарбӣ баҳогузорӣ гардида, дар доираи санадҳои фарогири (универсалии) байналмилалӣ ва қонунгузории миллии давлатҳои алоҳида мазмун ва моҳияти худро пайдо намудааст. Ин моро бори дигар баҳри он водор менамояд, ки аслияти таърихии худро дуруст бишносем ва баҳри муаррифии арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқии худ, ки ба мо ҳамчун мерос боқӣ мондааст, аз дирӯз дида бештар талош ба харҷ диҳем. Дар қисматҳои алоҳидаи Авасто, ба мисли Йаснаҳо, Йаштҳо, Виспарад, Хурд-Авасто ва Вандидод ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои занон мавриди танзим қарор гирифтаанд.

[*] Номи писари Атрат (Трита) ва бародари Гаршосп аз хонадони Сом аст, ки дар Йасна (готи 9, банди 10) аз ӯ ба сифати «довари додгустар» ёд шудааст.

5. Бо назардошти он, ки сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Авасто ва Қонунномаи Сосониён дар ташаккули мафҳуми ҳуқуқи инсон дар тамаддуни тоҷикону ориёиён нақши муҳим бозидаанд, мувофиқи мантиқ ва аҳамияти илмӣ зарур аст, ки дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази илмӣ-тадқиқотии «Авасто» таъсис дода шавад. Фаъолияти он ба таҳқиқи решаҳои таърихии ҳуқуқи инсон, муқоисаи онҳо бо арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташкили осорхонаи рақамии сарчашмаҳои ҳуқуқӣ равона гардад. Ин марказ метавонад заминаи илмиро барои шинохти мустақили таърихии ҳуқуқи инсон дар фарҳанги тоҷикӣ фароҳам оварад ва дар сатҳи байналмилалӣ мавқеи илми тоҷикро муаррифӣ кунад.

## 2.2. Андешаи ҳуқуқу озодии инсон дар Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон

Ҳуқуқи инсон ва эҳтироми шахс дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик соҳиби ҷойгоҳи махсус буда, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди эътироф қарор гирифта буд. Дар ин росто, ёдовар шудан аз Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон, ки дар онҳо ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам шудаанд, аз аҳаммият холӣ нест. Зеро, инсоният аз даврони пайдоиш ва шинохти худ ҳамчун субъекти бошуури ҷамъият баҳри ҳифз намудан ва аз байн нарафтани худ ҳамеша кӯшишҳо менамуд. Баъдан бо инкишофёбии ҷамъият, баланд гаштани сатҳи шуури инсонӣ, ба вуҷуд омадани тақсимоти меҳнат, гузаштан ба зиндагии бошууронаи ҷамъиятӣ, авлодӣ, қабилавӣ дар инсоният талаботи маънавӣ низ боло мерафт. Дар доираи урфу одат ва анъанаҳои худ ба муқобили касоне, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро поймол менамуданд, мубориза мебурданд. Воқеан, инсоният ҳазорсолаҳост, ки барои ба вуҷуд овардани инсони комил кӯшишу талошҳо карда, заҳмату машаққатҳо кашида истодааст. Аз ин рӯ, ҷойи ифтихор аст, ки дар

саргаҳи шинохти ҳуқуқи инсон ҳамчун санади расмии ҳуқуқӣ Эъломияи Куруши Кабир қарор мегирад.

Қабл аз баррасии Эъломияи Куруши Кабир ҷоиз мешуморем то нақши Куруши Кабирро ҳамчун шахсияти таърихӣ дар роҳи шинохти ҳуқуқи инсон муайян созем. Куруши Кабир яке аз шахсиятҳои бузурги таърихӣ, давлатдори соҳиби санъати баланди идоракунии давлатӣ, таъсисдиҳандаи яке аз аввалин империяҳои бузург дар ҷаҳон, ки бо номи империяи Ҳахоманишиҳо [21, с. 89-117; 16, с. 39-56] дар таърих машҳур мебошад, муаррифӣ карда мешавад. Инчунин, нақши ӯро дар самти шинохти инсони комил, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ баланд арзёбӣ менамоянд. Маҳз бо ҳамин назардошт, ишораҳое дар байни олимон оид ба муайян нагаштани ҷойгоҳи шинохти Куруши Кабир ҷой дорад [14, с. 94].

Дар байни шоҳони империяи Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир (558-530 то мелод) бо рафтору амали худ мақоми хосаро касб намудааст. Баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки Куруши Кабир бузургтарин шахсияти сулолаи Ҳахоманишиҳо буда, нахустин империяи муттамадини аҳди қадимро дар таърихи башарият боқӣ гузоштааст [73, с. 51]. Давлати Ҳахоманишиҳо нахустин империяи бузурги ҷаҳонӣ буда, солҳои 558-330 то мелод, яъне зиёда аз 222 сол арзи ҳастӣ намудааст. Давлати Ҳахоманишиҳоро дар асри VII то мелод Чимпиши I писари Ҳахоманиш бунёд гузоштааст [73, с. 51]. Баъд аз муддате Куруши Кабир давлати паҳновар ва муттамаркази худро ташкил менамояд [28, с. 128]. Давлати Ҳахоманишиҳо ҳудуди васеъро форогир буда, аз рӯйи маълумоти таърихнигорон он аз 22 вилоят (сатрап) иборат буда ва дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо паҳн шуда буд [28, с. 129]. Ҳудуди Осиёи Миёна ба чор сатрапияи империяи Ҳахоманишиҳо шомил буда, ҳар сол ба миқдори муайян таланта (1 таланта баробар ба 30 кг нуқра) ба ҳокимияти марказ боҷ месупориданд: 1) қабилаҳои кӯчманчии соҳили баҳри Каспий ба сатрапияи XI шомил буда, ҳар сол ба миқдори 200 таланта молиёт месупориданд; 2) мулки Бохтар ба сатрапияи XV

шомил буда, ҳар сол ба миқдори 360 таланта боҷ месупорид; 3) Саккоиҳо ва Масагетҳо ба сатрапияи XII шомил шуда, ҳар сол супоридани 250 талантаро ба уҳда доштанд; 4) Хоразм, Суғд ва Порт ба сатрапияи XVI дохил шуда, ҳар сол супоридани 300 талантаро ба уҳда доштанд [96, с. 54]. Дар таърих Куруши I ва Куруши II маълум мебошанд, ки ин ҳамон Каёраш Куруши I мебошад, ки номи Куруши II аз ӯ гирифта шудааст. Бояд гуфт, ки Куруши Кабире, ки мо онро мешиносему дар борааш ҳарф мезанем ва Эъломия низ бо номи ӯ машҳур аст, ин ҳамон Куруши II мебошад.

Куруш дар бисёр ҳолатҳо нисбати душмани оштинопазири худ, ҳукми авфро истифода мебурд. Инсондӯст буд ва нисбати инсонҳо бо муомилаи нек рафтор менамуд [73, с. 50-55]. Асосгузори аввалин империяи бузург дар рӯйи олам Куруши ориёист. Аввалин интишордиҳандаи Эъломияи ҳуқуқи башар Куруши Кабир буд [29, с. 462-463].

Дар Эъломияи Куруши Кабир соли 539 қабл аз мелод нахустин маротиба дар таърихи инсоният ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил ва ҳуқуқ ба моликият расман эълон шуда, мавриди ҳифз қарор мегирад. «Ҳар кас дар пайравии дини худ озод аст, касе ҳақ надорад диндори ғайрро ба дини худ ҷалб намояд, маъбадҳои динҳои ғайр барқарор карда шавад ва мардум ба ҷойи худ оварда шавад» – гуфта шудааст дар Эъломияи Куруши Кабир ҳангоми ворид шудан ба Бобулистон [91, с. 75]. Эъломияи Куруши Кабир нахустин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар масъалаи эътирофи расмии ҳуқуқҳои табиии инсон: ҳуқуқ ба зиндагии осоишта, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба озодии виҷдон буда, дар он дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон расман эълон ва ҳифз шудаанд [91, с. 75].

Куруши Кабир ба халқҳо озодии виҷдон, ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ пешниҳод намуда, шароит фароҳам овард, ки қавмҳои кӯчак дар баробари халқҳои бузург дар пешбурди мубодилоти байналмилалӣ бо ҳаққи баробар ширкат варзида, ба омезиши анъанаҳо ва фарҳангҳо ва

шаклгирии тамаддунҳои бостон саҳмгузор бошанд. Гуго Гротсий бошад, асосҳои илмию ҳуқуқии халқро ҷиҳати баҳамоӣ ва муоширaт собит сохта, илми ҳуқуқи байналмилалиро замина гузошт ва афзалияти онро нисбат ба ҳуқуқи дохилӣ иброз намуд.

Куруши Кабир тақрибан ду ҳазор сол пеш аз Гуго Гротсий моҳияти ҳуқуқи байналмилалиро амалӣ намуда, халқиятҳои мухталифро муттаҳид намуда буд, ки меҳвари андешаи онро ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳ ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон қарор медиҳад. Дар таърихи давлатҳои бостон ёфтани чунин давлате ба мисли империяи Ҳахоманишиҳо ғайриимкон аст, ки бо роҳи расидан ба сулҳ, тартибот, ҳамкорӣ, некуаҳволии халқҳо, рушду нумуи низоми идораи маҳал, шаҳрҳо ва тамаддунҳо хизмат карда бошад.

Хизмати бузурги Ҳахоманишиҳо боз аз он иборат мебошад, ки онҳо ҳамеша ва дар ҳама ҳолат озодии пайравӣ ба дин ва озодии виҷдонро дар ҳама гӯшаю канори салтанати худ эътироф менамуданд. Санги таҳдобии ин консепсия маротибаи аввал дар Эъломияи зикршудаи Куруш дарҷ гардида буд, ки амр менамуд: «Ҳамаи халқҳо дар парастиши худоёни худ озоданд ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки бединонро ранҷонад…» [88, с. 236]. Ҷолиби диққат аст, ки 2550 сол қабл Куруши Кабир меъёрҳои ҳуқуқиеро муқаррар намуда буд, ки то ҳол онҳо нишондиҳандаи рушди волои тамаддуни инсонӣ буда, ба санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои мамлакатҳои тараққиёфтаи ҷаҳон ҳамчун арзиши қиматбаҳо ворид шудаанд.

Моддаи 13 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон эълон менамояд: «1. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар ҳудуди ҳар давлат озод рафтуомад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад. 2. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад» [106, с. 8]. Моддаи 18 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон эълон менамояд: «Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад» [106, с. 8]. Дар моддаи 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин

мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад» [1, с. 15]. Ин гуна меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қисми 1-и моддаи 4 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, моддаи 2 Конститутсияи Фаронса, моддаи 28 Конститутсияи Федератсияи Русия, Конститутсияи Иёлоти Мутаҳидаи Амрико (моддаи 6, қисми 3 ва ислоҳи I) ва бисёре аз дигар конститутсияҳои тараққиёфтаи ҷаҳон арзи ҳастӣ доранд [88, с. 236]. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқу озодиҳое, ки Куруши Кабир дар Эъломияаш муайян намуда буд, мубрамияти худро то ҳол гум накарда, дар ҷаҳони муосир омили сулҳу субот ва пайвасткунандаи умумияти инсонҳо гардидаанд.

Маврид ба тазаккур аст, ки дар байни муҳаққиқон оид ба нақши Эъломияи Куруши Кабир ва аҳаммияти меъёрҳои он дар замони муосир андешаҳои зиёд матраҳ гардидаанд. Масалан, Б. Абдураҳмон ишора менамояд, ки Куруши Кабир ҳомии ростиву адолат, озодии дину мазҳаб ва баробарҳуқуқии мардумони сарзамини худ буд ва мекӯшид то дар ҷомеа адолат ҳукмронӣ кунад. Бо ин мақсад ҳар ҳафта як маротиба дар рӯзи бозори калон бар тахти адлу додгустарӣ нишаста, арзу доди мардумро мешунавид [12, с. 194]. Афлотун бошад, дар рисолаи «Қавонин»-и худ қайд менамояд, ки ҳангоми ҳукмронии Куруш эрониён озодӣ доштанд ва ҳама мардум озод буданд [16, с. 41]. Яъне, Куруши Кабир маҳз бо дарки озодманишӣ ва эҳтиром ба ҳаққу ҳуқуқи мардум андешаи қабули Эъломияро дар вуҷуди худ парварида, тавассути он тавонист, ки ба инсоният тарзи дурусти дарк ва шинохти ҳуқуқи инсонро матраҳ намояд. Албатта, ҳуқуқ замоне амалӣ хоҳад шуд, агар дар муҳити онро иҳотанамуда озодӣ ҳукмронӣ намояд ва озодӣ замоне амалӣ хоҳад шуд, агар ҳуқуқ онро фаро гирифта бошад. Ба ибораи дигар, ҳуқуқ ва озодӣ дар робитаи мутақобил қарор доранд ва Куруши Кабир инро хуб эҳсос намуда, дар сатҳи санади пешбиникардаи худ ҳам ҳуқуқ, ҳам озодӣ ва маҳдудиятро мавриди эътироф қарор додааст. Ба андешаи мо, дар Эъломияи Куруш андозаи татбиқи ҳуқуқ ва озодӣ яқинан муқаррар гардида буд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар бобати инсонпараст ва адолатпеша будани Куруши Кабир андешаронӣ намуда, қайд менамоянд, ки Куруш дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати дилхоҳ шахс ва ҳатто душмани оштинопазири худ, ҳукми авфро истифода мебурд. Инсондӯст буд ва нисбати инсонҳо бо муомилаи нек рафтор менамуд, масалан ҳангоми гирифтани Бобул, Набонидро асир мегирад, вале нисбати ӯ ягон ҷазоеро таъин накарда, ӯро авф намуд, ки ин башорат аз инсондӯстии ӯст. Куруш ҳамеша пеш аз сар намудани ҷанг кӯшиш менамуд бо воситаҳои дипломатӣ, яъне бо музокира мунoқишаро бартараф созад [101, с. 111-112]. Қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки тавонад садсолаҳо ба манфиати халқ хизмат намояд, аз субъекти қабулкунандаи он сахт вобаста мебошад. Маҳз ба мисли Куруши Кабир ашхоси инсонмеҳвар ва инсонпараст имконияти қабули санади инсонгароро доранд. Бо ин назардошт, андешаҳои иброзшуда бори дигар фикри моро тасдиқ намуда, мубрамияти худро гум накардани Эъломияи Куруши Кабир пас аз ҳазорсолаҳо инро боз ҳам бештар ҳақиқатнок менамояд.

Воқеан, андешаҳои боло моро водор менамоянд, ки дар хусуси мубрамият доштани Эъломияи Куруши Кабир, ҷойгоҳи он дар шинохти ҳуқуқи инсон ва нақши он дар бунёди низомҳои ҳуқуқии замони муосир андешаронӣ намоем. Зеро, аксарияти муҳаққиқон бар он назаранд, ки Эъломияи Куруши Кабир на танҳо роҳи низоми ҳуқуқӣ ва қонунэҷодкуниро дар сарзамини тоҷикон боз кард, балки он заминаи мустаҳками қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқофариниро дар манотиқи дигари дунё гузошт. Масалан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин қисмат бисёр андешаи созгор ва санҷидашударо иброз менамоянд: «Гарчанде илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар

ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист» [143]. Дар ҷойи дигар Пешвои муаззами миллат қайд менамоянд, ки «шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард» [102, с. 155]. Андешаи ба ин монандро профессор А.Ғ. Холиқзода иброз менамояд. Мавсуф қайд менамояд, ки «кодификатсияи қонунгузории Куруши Кабир соли 539 қабл аз милод, ки дар омезишу гуфтугӯи ҳуқуқии тамаддунҳои қадима нахустин кӯшиши меросияти ақлонии инкишофи ҳуқуқи ҷаҳони куҳан ба шумор мерафт, танҳо пас аз ҳазор сол ба тамаддуни ғарбӣ роҳ ёфта, дар шакли кодификатсияи Юстиниан соли 539 мелодӣ рӯйи кор омадааст» [90, с. 310]. Саъдизода Ҷ. ва Сафарзода Н.Ф. низ андешаҳои матраҳшударо ҷонибдорӣ намуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Эъломияи Куруши Кабир ва Хартияи Бузурги Озодӣ дар Англияро анҷом медиҳанд ва ба хулосае меоянд, ки ҳангоми таълифи Хартияи Бузурги Озодӣ дар Англия аз Эъломияи Куруши Кабир ба таври фарох истифода бурда шудааст [119, с. 71-85].

Аз ин андешаҳои созанда хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми ҳуқуқии кишварҳои ғарбӣ ва манотиқи дигари ҷаҳон оғозгоҳи худро аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ, аниқтараш аз Эъломияи Куруши Кабир мегиранд, ки он дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ омода ва эълон карда шудааст. Вале, дар раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди манфиатҳо ва дигаргун гардидани сиёсати давлатҳои абарқудрат моро, махсусан аҳли илмро зарур аст, ки ба масъалаи коркард намудани арзишҳои таърихӣ рӯ орем ва натиҷаҳои мусбати онро матраҳи ҷомеаи инсонӣ созем то ба ин восила ҷойгоҳи худро дар самти бунёди низомҳои нухустини ҳуқуқӣ, инчунин шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амиқан муайян созем. Дар сурати ғайр, мо қудрати соҳибӣ ва муаррифӣ намудани ин арзишҳои дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ, ки ҳатто як навъ таърихсозӣ

сурат гирифта истодааст, аз даст хоҳем дод. Маҳз бо ҳамин назардошт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024, баҳри ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва муаррифии боз ҳам бештари Эъломияи Куруши Кабир дар арсаи байналмилалӣ, сохторҳои дахлдорро муваззаф намуданд, ки барои таҷлили 2550-солагии ин санади таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик маводи заруриро омода ва ба мақомоти махсусгардонидашудаи СММ – ЮНЕСКО пешниҳод намоянд [140].

Бо мақсади иҷрои дастури Пешвои миллат мақомоти салоҳиятдори давлатӣ корҳои муайянро анҷом доданд, ки дар натиҷа таърихи 6 ноябри соли 2025 дар иҷлосияи 43-юми ЮНЕСКО қатъномаи махсус – «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи инсон ва гуногунрангии фарҳангӣ» қабул карда шуда, дар заминаи он Эъломияи Куруши Кабир ҳамчун нахустин санади таърихӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар масири таърих шинохта шуд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки бо гузашти солҳо мубрамият ва арзишмандии ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ дар назди ҷомеаи байналмилалӣ бештар гардида, баҳри арҷгузорӣ ба он қадамҳои устуворро мегузоранд то дар раванди бархӯрди манфиатҳо ва дигаргун гардидани фарҳанги ҷаҳонӣ моҳияти чунин арзишҳои таърихӣ бештар инъикос гардад.

Аз нигоҳи аввал, ин танҳо эътирофи як санади таърихӣ вонамуд мегардад, аммо агар ба моҳияти масъала ба таври амиқ таваҷҷуҳ зоҳир намоем ва онро дуруст таҳлил кунам, маълум мегардад, ки он натанҳо шинохти таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик, балки ҳифзи арзишҳои таърихии тоҷикон дар раванди тағйирёбии арзишҳои башарӣ, дигаргунсозии таърих ва рушди технологияи муосири рақамӣ ба ҳисоб меравад. Воқеан, дар ин марҳила мо бояд натанҳо баҳри эътирофи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифзи онҳо андешаронӣ намоем, балки барои эмин нигоҳ доштани ҳуқуқҳои бунёдии инсон, ки дар Эъломияи Куруши Кабир инъикос ёфта буданд ва имрӯз моҳияти худро дар санадҳои гуногуни башарӣ ва миллӣ пайдо намудаанд, тавассути таъсис

додани марказҳои гуногуни омӯзиши техлогияи рақамӣ тадбирандешӣ намоем. Аз ин дидгоҳ ва бо дарназардошти рушди босуръати технология ва зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамигардонӣ, тавсия дода мешавад, ки дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази миллии тадқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад, ки самтҳои фаъолияти он шомили таҳқиқи ҳуқуқ ба махфият, озодии баён, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва таҳияи дастурҳои ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи киберҳуқуқ бошанд. Марказ метавонад ба рушди ҳуқуқи рақамӣ ва таҳкими кафолатҳои конститутсионии шаҳрвандон дар шароити ҷаҳони рақамӣ мусоидат намояд. Ин тадбир баҳри иҷрои масъулияти конститутсионӣ, ки мо худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда масъул шуморидаем, мусоидат намуда, арзишҳои конститутсионӣ, ки сарчашма аз умқи таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик мегиранд, ба таври шоиста дар раванди равнақёбии ҷиноятҳои киберӣ ва поймолшавии ҳуқуқҳои бунёдии инсон мавриди ҳифз қарор мегиранд.

Албатта, бояд ишора намуд, ки Эъломияи Куруши Кабир ҳанӯз дар замони қабули худ нақши бисёр муассирро дар самти эътирофи ҳуқуқи инсон гузошт ва инсониятро соҳиби ҳаққу ҳуқуқи хеш намуд. Дар ҳамин зовия, муҳаққиқони ватанӣ бисёр андешаҳои хуб ва созандаро нигоштаанд, ки чунин аст:

«а) дар замоне, ки як давлати бузургу паҳновар халқҳои гуногунро гирд оварда буд, имконияти ба вуҷуд омадани ошубҳо вабаста ба дину мазҳабро пайгирӣ менамуд, ин санад ба онҳо озодии дин ва мазҳабро эълон намуд, то ҳар кас тавонад ба кадом дине, ки майл дорад ба он пайравӣ намояд ва онро мавриди парастиш қарор бидиҳад.

б) дар замоне, ки аҳолии табақаи камбизоат чун ғулом кор фармуда мешуданд ва метавон гуфт, ки онҳо ҳамчун мол ба мерос мегузаштанд, ин санад ба онҳо озодӣ аз ғуломиро эълон кард то ҳар кас озодона

тавонад барои пешбурди зиндагиаш меҳнат намуда, дар озодӣ ҳаёт ба сар барад.

в) дар замоне, ки касе имконияти аз давлати худ берун баромадан ва зиндагӣ намуданро надошт, ин санад ба онҳо озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зистро эълон намуд, то ҳар кас тавонад берун аз қаламрави худ макони зист интихоб намуда, зиндагии хешро пеш барад.

г) дар замоне, ки мардуми асирафтода зери шиканҷа қарор мегирифтанд ин санад ба онҳо озодӣ аз шиканҷа ва асоратро эълон намуд то ҳар асирафтода тавонад берун аз шиканҷаву зулм ва асорат зиндагӣ намояд.

д) ин санад имконият фароҳам овард то дар як империяи абарқудрат сулҳу оромӣ ҳукмфармоӣ намояд ва эътиқоди мардум ба давлату давлатдорӣ зиёд гардад ва мардум ба шоҳи худ итоат намоянд» [73, с. 67].

Воқеан, агар замони қабул шудани ин санади таърихӣ-ҳуқуқиро нигоҳ намоем, маълум мешавад, ки дар ин марҳила қадр ва манзалати инсон то ба ҳадди поёнӣ расида буд. Инсон имконияти истифода аз одитарин ҳуқуқҳои худро аз даст дода, баъзан маврид ҳамчун ғулом мавриди истифода ва хариду фурӯш қарор мегирифт. Бо ин назардошт, дар арафаи таҷлили соли нави аҷдодӣ, яъне Наврӯз, Куруш баҳри эҳтироми инсон ва болобурди манзалати ӯ эъломияро қабул карда, барои истифода ҳуқуқ ва озодӣ ба тамоми аҳолӣ имкониятро фароҳам овард. Чунин муносибат далели возеҳи инсонпарвар будани Курушро бозгӯӣ менамояд. Зеро, ҳеҷ як аз шоҳаншоҳони он замон қудрати анҷом додани чунин амалро надоштанд ва имкониятро барои озодии инсон фароҳам намеоварданд. Агар ба ҳуқуқҳои кафолатдода назар намоем, айён мегардад, ки аксарияти онҳо дар шароити кунунӣ ба сифати ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд баромад менамоянд.

Дар баробари мақсадҳои ишорашуда, ҳадафи дигар ва муҳимми қабули Эъломияи Куруши Кабир ин муттаҳид намудани халқу миллатҳои дар ҳудуди империяи Ҳахоманишиён зиндагидошта ба ҳисоб мерафт. Дар пасманзари ин муттаҳидӣ, таъмини сулҳ ва субот дар ҳудуди

империяи бузурги ҳахоманишинӣ қарор дошт. Зеро, дар ҳудуди ин империя халқияту миллатҳои мухталиф зиндагӣ менамуданд, ки нигоҳ доштани оромӣ ва таъмин намудани муттаҳидӣ дар байни онҳо танҳо тавассути шинохти ҳуқуқи эшон ва додани ҳаққу ҳуқуқҳои онҳо имконпазир буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора менамоянд, ки «Куруш дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои гуногунро муттаҳид карда, ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ато намуд. Башарият метавонад имрӯз ҳам аз таҷрибаи инсондӯстӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназир истифода барад» [101, с. 97]. Империяи таъсисдодаи Куруши Кабир мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони Қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан, ба мисли Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда буд. Пешвои миллат дар ҷойи дигар зикр мекунанд, ки «эъломияе, ки ӯ баъди тасхири Бобул интишор кард, падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс Куруш олиҳиматии сиёсӣ, адолат ва инсондӯстии бемисл нишон дода, ба халқҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ эъто кард» [101, с. 96]. Воқеан, авф намудани шоҳони мағлубшуда, ҳуқуқу озодӣ додан ба аҳолӣ ва баробарҳуқуқ эътироф намудани ҳамаи халқу миллатҳо таҷрибаи нави идоракунӣ дар аҳди қадим маҳсуб ёфта, барои муттаҳидӣ ва оромӣ дар минтақа заминаи мусоидро фароҳам овард. Зеро, халқияту миллатҳои дар ҳудуди империяи Ҳахоманишиён сукунатдошта аз нигоҳи дин, забон, анъана ва урфу одат аз ҳамдигар тафовут дошта, муттаҳид нигоҳ доштани онҳо бо роҳи зӯрӣ ғайриимкон буд. Аз ин хотир, эълон намудани ҳуқуқу озодӣ ва баробарҳуқуқ муаррифӣ кардани онҳо заминаи воқеиро ҷиҳати нигоҳ доштани як империяи бузург ба миён овард. Мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дар марҳилаи муосир оид

ба ҳуқуқи инсон қабул шудаанд, агар аз як тараф ифодакунандаи шинохти инсон ва ҳуқуқи ӯ ҳамчун арзиши олӣ бошанд, аз тарафи дигар хусусияти муттаҳидӣ ва таъминсозии сулҳу суботро дар ҷомеаи инсонӣ доранд. Яъне, ниҳодҳои байналмилалӣ ва давлатҳо дар алоҳидагӣ, маҳз тавассути ин усул мехоҳанд оромиву осоиштагиро таъмин намуда, ҳадаф ва мақсадҳои худро амалӣ намоянд. Ба таври мисол метавон аз ҳадафҳои таъсисёбии Созмони Милали Муттаҳид ёдовар шуд. Ин ташкилоти фарогир (универсалӣ) пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон таъсис ёфта, дар моддаи якуми Оинномаи худ расман муқаррар намуд, ки ҳадаф аз таъсиси он таъмини амнияти байналмилалӣ, нигоҳ доштани сулҳу субот ва шинохти ҳуқуқи инсон аст. Албатта, расидан ба ҳадафҳои ишорашуда танҳо замоне имконпазир мегардад, ки он нисбат ба ҳар яки онҳо муносибати якранг аз ҷониби субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ сурат бигирад. Зеро, онҳо дар робитаи мутақобила қарор доранд. Дар сурати муносибати сард зоҳир намудан нисбат ба яке аз ҳадафҳо, имконияти амалӣ сохтани ҳадафи дигар ғайриимкон мегардад. Ба ибораи дигар, дар сурати мавҷудияти ҷанг ва низоъҳои мусаллаҳона, доир ба ҳукмронии ҳуқуқи инсон дар ин ҳудуд сухан рондан қобили қабул нахоҳад буд. Одатан дар чунин ҳолат арзишмандии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои ӯ аз байн рафта, имконияти қурбон шудани он дар натиҷаи низоъҳои мусаллаҳона ба вуҷуд меояд. Маҳз бо назардошти ҳадафҳои ишорашуда, аз ҷониби ниҳодҳои СММ садҳо санади ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон қабул гардиданд, ки барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҷомаи фарогир (универсалӣ) бахшидан ба ин арзиши ҷомеаи демократӣ равона шудаанд. Ҷомеаи муосир тавассути қабул кардани санадҳои бешумор мехоҳад мақом ва манзали инсонро ҳамчун бузургтарин арзиши башарӣ таъмин намояд, аммо бо қабул шудани санад масъала роҳи ҳалли худро пайдо наменамояд. Яъне, он замоне шукӯҳ ва шаҳоматашро метавонад нигоҳ дорад, агар кафолатҳои марбут ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври қатъӣ амалӣ гарданд. Мақсад аз он иборат аст, ки таҷрибаи Куруши

Кабир дар самти шинохти ҳуқуқи инсон ва дар раванди идоракунӣ ба роҳбарӣ гирифтани он, имрӯз низ аҳаммияти худро аз даст надодааст. Куруши Кабир бо қабул намудани Эъломияи худ на танҳо ба шинохти ҳуқуқи инсон заминаи воқеӣ гузошт, балки тавассути он ҳадафи дигар – муттаҳидсозӣ ва таъмини суботро дар ҳудуди худ, амалӣ намуд. Андешаи мазкур моҳияти худро дар Эъломияи Куруши Кабир ёфтааст. Аз ҷумла, Куруш ишора менамояд, ки бо барқарор намудани моликияти мардум, таъмини озодӣ ва кафолати ҳуқуқ ба онҳо «сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам». Ин гуна таҷрибаи нодир ва ҳакимонаро на танҳо дар аҳди қадим, балки дар марҳилаҳои баъдӣ низ мушоҳида намудан мушкил мебошад.

Воқеан, агар замони қабули Эъломияи Куруши Кабирро мавриди баррасӣ қарор диҳем, пас маълум мешавад, ки вазифаи инсонпарвариро барои ҷомеаи бостонӣ талқин кард ва як навъ масъулиятро дар самти арҷ гузоштан ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пешорӯйи мансабдорону ҳокимон гузошт. Зеро, дар он марҳилаи ҳастии инсоният, шахсро имконияти шиканҷа намудан, хариду фурӯш кардан ва ҳамчун барда (ғулом) истифода бурдан, маъмулан ҷой дошт. Аз ин дидгоҳ, метавон гуфт, ки Эъломияи Куруши Кабир на танҳо дар он марҳилаи ҳастӣ, балки пас аз ҳазорсолаҳои қабули худ, барои инсоният хизмат намуда, роҳи шинохти инсонро ҳамчун олитарин мавҷудот ҳамвор намуд.

Куруши Кабир дар Эъломияи худ ба се масъалаи асосӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, яъне ҳуқуқи инсон, озодии инсон ва манъи амалҳои ғайриқонунӣ (ғайриинсонӣ) баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон. Мазмун ва моҳияти Эъломияи ишорашуда ба мо имкон медиҳад то як қатор ҳуқуқҳои инсонро, ки дар он ифодаи худро пайдо намудаанд, ҷудо намоем. Аз ҷумла:

а) **ҳуқуқ ба моликият**. Дар банди 3-юми Эъломия пешбинӣ мегардад: «Ман то рӯзе, ки подшоҳ ҳастам, нахоҳам гузошт, ки касе молу амволи дигареро бо зӯр ва ё ҳар равиши нодурусти дигаре аз ӯ бидуни пардохти

арзиши воқеии он бигирад» [73, с. 117]. Аз мазмуни муқаррароти мазкур як қатор унсурҳои муҳимро ҷудо намудан мумкин аст, ба мисли:

– дар зери ҳимояи шоҳ қарор доштани моликияти шахс;

– истифода, соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ намудани моликият аз ҷониби соҳибмулк;

– маъни бо роҳи зӯрӣ, фиреб ё усулҳои ғайри қобили қабул соҳиб шудан ба молу амволи нафари дигар;

– ба даст овардани моликияти шахси дигар танҳо ҳангоми пардохт намудани арзиши воқеии он.

Маълум мегардад, ки ҳуқуқ ба моликият ҳамчун ҳуқуқи муҳим аз ҷониби Куруши Кабир эътироф шуда, ҳифзу ҳимояи моликияти шахсро ӯ бевосита ба ихтиёри худ гирифта буд. Инчунин, агар ба моҳияти ҳуқуқ ба моликият дар замони муосир назар намоем, маълум мешавад, ки ҳуқуқи маданӣ се унсури муҳимми онро пешбинӣ кардааст, яъне ҳуқуқи истифода бурдан, ихтиёрдорӣ кардан ва соҳибӣ намудан, ки ҳар се аломати ишорашударо мо аз мазмуни муқаррароти болозикр пайдо намуда метавонем. Бо ин мақсад, ҳуқуқ ба моликият дар низоми ҳуқуқии марҳилаи мазкур ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ ва шахсии инсон пазируфта шуда буд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин ҳуқуқ дар Эъломия аз он иборат мебошад, ки имконияти тавассути зӯрӣ ба даст овардани моликиятро аз ҷониби шахс маън намуда, баҳри ҳимояи ҳуқуқи шахс ба моликият тадбирандешӣ кардааст. Инчунин, имконияти истифода намудани моликияти шахс аз ҷониби нафари дигар танҳо тавассути ризоияти молик сурат мегирифт, ки шаҳодат аз ҳимояи ҳуқуқи соҳибмулк менамояд. Дар сурати поймол гардидани ҳуқуқи шахс ба моликият ҳимояи он аз ҷониби шоҳ ба роҳ монда мешуд ва ин таҷриба замоне амалӣ мегардид, ки шоҳ дар рӯзи муқарраршуда баҳри қабули муроҷиати шаҳрвандон ба майдони калон меомад ва муроҷиати шаҳрвандонро қабул менамуд. Новобаста аз он ки баъзе муҳаққиқон бунёди ҳуқуқ ба моликиятро ба мамоли Ғарб рабт медиҳанд, аммо ин унсурҳои ишорашуда шаҳодат медиҳанд, ки дар таърихи ҳуқуқи халқи

тоҷик низ ба ҳастии ҳуқуқи ишорашуда диққати махсус сафарбар гардида буд.

б) **ҳуқуқ ба меҳнат ва музди кор**. Дар банди 4-уми Эъломия қайд мегардад, ки «ман то рӯзе, ки зинда ҳастам, нахоҳам гузошт касеро ба бекорӣ бигирад ва ба ӯ музд напардозад» [73, с. 118]. Яъне, дар заминаи ин муқаррарот шахс соҳиби ҳуқуқ ба меҳнат аст, аммо, агар ӯ бо назардошти ҳолате бекор бошад, пас касе ҳаққи бо роҳи маҷбурӣ ӯро кор фармудан ва бар ивази ин амал ба ӯ музд пардохт накарданро надошт. Ҳангоми ба кор ҷалб намудани шахсе бояд музди меҳнати ӯ пардохт карда мешуд, ки ин гуна муқаррарот моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии замони муосирро низ ташкил медиҳад.

Дар пасманзари ҳуқуқи инсон, Куруш дар Эъломияи худ як зумра озодиҳои инсонро низ пешбинӣ менамояд, ки дар алоқаи мустаҳкам бо ҳуқуқи инсон қарор доранд. Яъне, озодиҳои дар Эъломияи Куруши Кабир манзуршуда дар алоқамандӣ бо ҳуқуқи инсон, ки ӯ муқаррар ва кафолат додааст, амалӣ мегардиданд. Ба сифати озодиҳои бунёдии дар Эъломия муайяншуда чунин озодиҳои инсонро метавон ҷудо намуд:

а) **озодӣ дар интихоби подшоҳии Куруши Кабир**. Дар банди 2-юми Эъломия ишора мегардад, ки «… ҳаргиз фармонравоии худро бар ҳеҷ мардумоне ба зӯр таҳмил накунам ва дар подшоҳии ман ҳар миллат озод аст, ки маро ба шоҳии худ бипазирад ё напазирад» [73, с. 117]. Ин озодӣ бисёр рамзӣ ва муҳим буд. Зеро, дар марҳилаи мазкур аксарияти шоҳон, ки ҳудудҳои дигарро ба ҳудуди худ ворид менамуданд, бо роҳи зӯрӣ ҳокимиятро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд ва ҳаққи мардумро ба инобат намегирифтанд. Аммо, Куруш бо дарки нигоҳдории сулҳ ва муттаҳид намудани аҳолӣ, эълон кард то ҳар нафаре, ки хоҳони ӯро ҳамчун подшоҳ пазируфтан надоранд, метавонанд ӯро ҳамчун шоҳи худ қабул накунанд. Барои чунин амал касеро ҷазо интизор набуд. Ин махсусияти идоракунии Куруши Кабирро бозгӯӣ менамояд. Зеро, таҷрибаи давлатдорӣ ва низоми сиёсӣ дар таърихи инсоният борҳо собит намудааст, ки идора кардани ҳокимият тавассути зӯрӣ побарҷо нигоҳ

доштани давлатро зери савол гузошта, ба мавҷудияти он метавонад таъсири ногузор расонад. Бо ин назардошт, Куруш дар раванди идора намудани давлат ва пайваст кардани аҳолӣ бо корҳои давлатдорӣ ба онҳо озодиро раво дониста, ба ин васила мавҷудияти садсолаҳои империяи худро гузошт.

б) **озодӣ дар интихоби дин ва оин**. Ин масъала ҷузъи муҳимми кафолатҳои додаи Курушро ташкил медиҳад. Зеро, дар ҳудуди империяи ӯ пайравони дину оинҳои гуногун зиндагӣ менамуданд. Муҳаққиқони ватанӣ ишора менамоянд, ки Куруши Кабир ба ҳамаи одамон ҳуқуқи бо худоҳои худ ибодат карданро иҷозат дода, фармуд, ки барои ин ҳеҷ кас ҳақ надорад бо ин шахсон муносибати бадро раво бинад [26, с. 9]. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон пас аз таҳлили Эъломияи Куруши Кабир ва Хартияи Бузурги Озодӣ дар Англия чунин қайд менамоянд: «Фарқи дигари ин ду ҳуҷҷат дар озодии динҳост. Дар Эъломия ошкоро мегӯяд, ки ҳар шахс ҳар динеро метавонад парастиш кунад ё накунад. Аммо дар Хартия ин бартарӣ танҳо ба калисо дода шудааст, дар хусуси дигар адён ҷои гап нест» [119, с. 71-85]. Воқеан, дар ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик озодии инсон барои пайравӣ кардан ба ҳар дину оин пешбинӣ шуда, барои қонеъ намудани ҳолати руҳиву равонии аҳолӣ имконияти воқеиро ба вуҷуд овард. Куруш бо ворид шудан ба Бобул мушоҳида намуд, ки одамон дар ҳоли ғуломӣ қарор доранд ва ҳаққи истифода аз дину мазҳаби худро надоранд. Бо ин назардошт, ҷиҳати пайравӣ ба дину мазҳаби худ ба онҳо озодӣ дод ва дар натиҷа халқиятҳои гуногун бо тарафдорӣ аз ӯ ба ин империя пайваст гардиданд.

в) **озодӣ дар интихоби ҷойи сукунат**. Куруши Кабир ҳангоми ворид шудан ба Бобул шоҳиди манъи интихоби ҷойи сукунати шахсони барда (ғулом) гардид ва бо дарки масъулияти инсондӯстӣ тавассути Эъломия ба онҳо озодӣ дод то ҳар ҷоеро мехоҳанд барои худ ҳамчун макони сукунат интихоб намоянд. Ин навъ озодӣ барои халқиятҳои гуногун, ки дар ҳудуди империяи Ҳахоманишиён зиндагӣ менамуданд, имконият

фароҳам овард то ҷойи зисти худро аз диди манфиатҳои шахсӣ интихоб намоянд.

г) **озодӣ дар интихоби касбу кор**. Низоми идоракунии Куруши Кабир тавассути принсипи адолатнокӣ ба роҳ монда шуда буд. Бо ин мақсад, ҷиҳати таъмин кардани адолати иҷтимоӣ ва рушди давлат ӯ ба мардум озодӣ дар интихоби касбу корро мешниҳод намуд, ки ин заминаи рушди соҳаҳои гуногун гардид.

Дар баробари озодиҳои ишорашуда, боз дигар озодиҳоро Куруш ба аҳолӣ пешниҳод намуд. Аммо, аксар маврид дар таҳқиқотҳои илмӣ ва адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ байни озодии инсон ва ҳуқуқи инсон, ки дар Эъломияи Куруши Кабир муқаррар шудаанд, тафовут намегузоранд. Агар, ба илми ҳуқуқи инсон нигоҳ намоем, маълум мегардад, ки дар байни ҳуқуқи инсон ва озодии инсон фарқият ҷой дорад. Албатта, ҳуқуқи инсон ва озодии инсон дар робитаи мутақобил қарор дошта, чун занҷирае ҳамдигарро пурра менамоянд. Ҳуқуқи инсон аксар маврид тавассути қонунгузорӣ танзим ва кафолат дода шуда, ҳангоми муқаррар кардани он як қатор қоидаҳо, аз қабили қоидаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва динӣ ба инобат гирифта мешаванд. Озодии инсонро бошад, илми ҳуқуқшиносии муосир аз ду дидгоҳ баҳогузорӣ менамояд, яке аз диди фалсафӣ ва дигаре аз диди ҳуқуқӣ. Ба маънои фалсафӣ озодӣ хусусияти мутлақ дорад, аммо аз нигоҳи ҳуқуқӣ озодӣ дар сарҳади муайян ба амал бароварда мешавад. Бо ин мақсад, кафолатҳои дар Эъломияи Куруши Кабир пешнибишударо метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: яке кафолатҳои марбут ба ҳаққу ҳуқуқи аҳолӣ ва дигаре кафолатҳои марбут ба озодии аҳолӣ, ки нисбат ба интихоби баъзе амалҳо равона шудаанд. Бояд зикр намуд, ки озодиҳои дар Эъломияи Куруши Кабир муқарраршуда на хусусияти фалсафӣ, балки моҳияти ҳуқуқӣ доштани онҳоро ифода намуда, дар доираи сарҳади муайян ба амал бароварда мешуданд. Аз ин нигоҳ, новобаста аз дар робита қарор доштани ҳуқуқи инсон ва озодии инсон, ки Куруш дар эъломияаш пешбинӣ кардааст, мо бояд онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намоем.

Бояд ишора намуд, ки дар Эъломияи Куруши Кабир дар радифи ҳуқуқ ва озодии инсон, инчунин анҷом додани баъзе амалҳо маън карда шудааст, ки ҳадафи он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб меёбад. Ба онҳо метавон дохил намуд:

а) **маъни ҷабру ситам ва зарар расонидан ба шахс.** Дар банди 2-юми Эъломияи Куруши Кабир ишора мешавад, ки «…нахоҳам гузошт, ки касе ба дигаре ситам кунад ва агар касе нотавон буд ва бар ӯ ситаме рафт, ман аз вай дифоъ хоҳам кард ва ҳаққи ӯро гирифта ва баъд пас хоҳам дод ва ситамкоронро ба кайфар хоҳам расонд» [73, с. 117]. Куруши Кабир тавассути ин муқаррарот ҳама гуна ҷабру ситамро нисбат ба инсон маън карда, ҳатто эълон менамояд, ки агар чунин амал анҷом ёфт, худ, яъне Куруш чунин шахсро дастгир намуда, ба ҷавобгарӣ мекашид. Сафарзода Н.Ф. доир ба меъёри мазкур изҳори назар карда, қайд менамояд, ки «дар ин ҷо, истилоҳи «нотавон» ба маънои шахси бемор ва барҷомонда омадааст. Агар, касе бо истифода аз ҳолати беморӣ, нотавонӣ ва ё барҷомондагии шахс ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро поймол менамуд, нисбат ба ӯ бевосита худи шоҳ чораандешӣ мекард ва ҳаққи поймолшудаи чунин ашхосро барқарор менамуд» [132, с. 29]. Аз нигоҳи мо, муқаррароти мазкури Эъломия дар худ се унсури ба ҳам алоқамандро ҷой додааст, аз ҷумла манъи зӯроварӣ (чунин зӯроварӣ нисбат ба доираи ашхоси нотавон амалӣ мешуд, ки Куруш онро маън кард), таъмини адолат (ин адолатро худи шоҳ ба амал мебаровард) ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахси ситамкарда (ҷавобгарӣ дар намудани ҷазо бо назардошти сатҳи зарари расонида амалӣ карда мешуд).

б) **манъи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси бегуноҳ (ҷавобгарии фардӣ).** Дар банди 6-уми Эъломия чунин муқаррарот дарҷ ёфтааст: «Ман эълон мекунам, ки ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад, ҳеҷ касеро набояд ба ангезаи ин ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозат кард ва агар аз дудмон ё хонаводае, хилоф кард, танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигар мардумон ва хонавода коре нест» [73, с. 118]. Моҳияти ин муқаррарот бозгӯкунандаи принсипи ҷавобгарии фардӣ

мебошад, ки имрӯз қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ онро дар худ ҷой додаанд. Дар заминаи он, ҳар шахс, ки амали ғайриинсонӣ ва ё ғайриқонуниро анҷом медиҳад, танҳо худи ӯ ба ҷавобгарӣ бояд ҷалб карда шавад. Бар ивази ӯ, ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси ба ӯ наздик, аз ҷумла падару модар, ёру бародарон ва зану фарзанд ва ғ. манъ карда шуд. Муқаррароти ишорашуда ҳамчун нахустунсури принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар аҳди қадим ба ҳисоб меравад.

в) **манъи ғуломӣ ва хариду фурӯши инсон.** Дар банди 7-и Эъломияи Куруши Кабир зикр мегардад: «То рӯзе, ки ман зинда ҳастам, нахоҳам гузошт, ки мардон ва занонро ба номи барда ва каниз ё номҳои дигар бифурӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд ба гетӣ рахт барбандад» [73, с. 118]. Аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ва илмӣ маълум аст, ки дар аҳди қадим ғуломӣ як ҷузъи зиндагии мардум, махсусан аҳолии камбағал маҳсуб ёфта, онҳо мавриди хариду фурӯш ҳам қарор мегирифтанд. Чунин амали ғайриинсонӣ Курушро водор намуд, ки тавассути Эъломия ба ин одатҳои мавҷуда ҳусни анҷом бахшад. Яъне, ӯ ғуломиро барои мардон ва занон манъ карда, ба хариду фурӯши онҳо низ дигар иҷозат надод. Воқеан, чунин амал шаҳодати возеҳ аз инсондӯстии Куруш намуда, дар аҳди қадим инсонро чун олитарин мавҷудот муаррифӣ кард.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, метавон ба хулоса омад, ки дар Эъломияи Куруши Кабир се гурӯҳи муносибатҳо мавриди танзим қарор гирифтаанд:

1. Муносибатҳое, ки ифодакунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, ба мисли ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба меҳнат ва музди кор ва ғ.;

2. Муносибатҳое, ки муқарраркунандаи озодиҳои инсон мебошанд, аз ҷумла озодӣ дар интихоби шоҳ, озодӣ дар интихоби дин ва оин, озодӣ дар интихоби ҷойи сукунат, озодӣ дар интихоби касбу кор ва ғ.;

3. Муносибатҳое, ки ба манъи амалҳои ғайриқонунӣ (ғайриинсонӣ) равона шудаанд, аз ҷумла манъи ҷабру ситам ва зарар расонидан ба

шахс, манъи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси бегуноҳ (ҷавобгарии фардӣ), манъи ғуломӣ ва хариду фурӯши инсон ва ғ.

Дар баробари Эъломияи Куруши Кабир, боз сарчашмаҳои дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли катибаҳо вуҷуд доранд, ки дар онҳо низ масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва таъмини адолат нисбат ба ӯ инъикоси худро ёфтаанд. Масалан, яке аз катибаҳо ин Катибаи Доро дар Бийстун* мебошад, ки масъалаҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар худ ҷой додааст. Аз ҷумла, шоҳ Доро мегӯяд: «Дар ин диҳҳо мардеро, ки арҷманд мебуд, бартар медоштам, мардеро олак буд, ӯро ман ба пурсиши хуб мепурсидам. Бо бузургии Аҳурамаздо дар ин диҳҳо доди маро гиромӣ доштандӣ, ҳар чи аз ҷониби ман гуфта будӣ, он кардандӣ» [37, с. 257]. Дар катибаи мазкур се унсури муҳимро мушоҳида кардан мумкин аст: а) муносибати некуи шоҳ бо халқи худ; б) итоат намудани мардум ба сиёсати шоҳ; в) эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ. Яъне, ду унсури аввал замоне ба вуҷуд меояд, агар унсури сеюм аз ҷониби шоҳ риоя гардад. Ҳар қадаре ки шоҳ нисбат ба ҳуқуқу манфиатҳои аҳолӣ эҳтиром гузошт, ҳамон қадар халқ ӯро гиромӣ дошта, сиёсаташро амалӣ менамоянд. Бо ин мақсад, унсурҳои муҳимми давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёди замони муосирро мо дар катибаи ишорашуда то ҳадди зарурӣ пайдо намуда метавонем.

Дар катибаи дигари бостон, аниқтараш Катибаи Доро дар нақши Рустам**, масъалаи бисёр муҳим, яъне таъмини адолати судӣ ва баргардони ҳаққи шахс ба таври амиқ муайян карда шудааст. Масалан, дар катибаи мазкур омода: «Шоҳ Доро мегӯяд: ба бузургии Аҳурамаздо ман чунин як одамам, ки ба рост дӯстам, ба бад дӯст нестам. Хоҳиши ман ин нест, ки ба марди нотавон барои тавонгар бадӣ карда шавад, хоҳиши ман ин нест, ки ба марди тавонгар ба суди нотавон бадӣ карда шавад. Ҳар чи рост аст, хоҳиши ман аст» [38, с. 271]. Яъне, дар ин ҷо, Доро ҳаққу

* Яке аз катибаҳои аз назари ҳуқуқӣ хеле муфид ва пурмазмуни таърихист, ки рӯзгори давлатдории Ҳахоманишиниҳоро бо тамоми назокаташ дар даврони шоҳ Доро рӯшан кардааст ва он соли 1976 аз порсии бостон ба тоҷикӣ тарҷума шудааст.

** Яке аз катибаҳои бостон ба ҳисоб рафта, масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқиро фаро гирифтааст ва соли 1976 бо забони тоҷикӣ баргардон карда шудааст.

ҳуқуқи ашхоси сарватманд ва ё соҳибмансабро аз ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандони одӣ боло намегузорад, ва баръакс. Ҳақиқат ва адолати додгоҳиро ҳамон гунае ба роҳ мемонад, ки ба воқеияти кор такя намояд. Бо ин мақсад, ҳангоми гуноҳ кардан ҳатман паҳлуҳои гуногуни онро пурсон шуда, баъдан бо дарназардошти далелҳои исботшуда нисбати шахс ҷазоро амалӣ месохт, ки инро дар катибаи мазкур ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст: «Марде, ки ҳамкорӣ мекунад, пас ба чанди ҳамкорӣ бартар медорамаш. Касе, ки гуноҳ мекунад, пас ба чанди гуноҳиш мепурсамаш. Маро чунин хоҳиш нест, ки кас гуноҳ кунад, ҳамчунин маро ӯ ҳоҳиш ҳам нест, ки марде гуноҳ мекунад, пурсида нашавад (кайфар набарад)» [38, с. 271]. Дар ҳамин муқаррарот як қатор принсипҳо ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии замони муосир ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла ҷавобгарии фардӣ, ногузирии ҷавобгарӣ ва ҳамкорӣ дар ошкор намудани ҳолати кор, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо. Маълум мешавад, ки андеша ва афкори созандаи Доро дар самти эҳтироми ҳуқуқи инсон ва татбиқи адолат нисбат ба ӯ то ба ҳадди олии худ расида буд, ки барои пойдории империяаш заминагузорӣ намуд.

Китабаҳои Шуш* аз зумраи катибаҳои дигари бостон мебошад, ки дар худ масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқи инсонро ҷой додааст. Масалан, дар банди 4-уми катиба омадааст: «Дориюшшоҳ мегӯяд: бадиҳои бисёре карда буданд, ман хубӣ кардам; мардумоне, ки шӯришӣ шуда буданд, бо якдигар меҷангиданд, коре кардам ба хости Аҳурамаздо, ки дигар бо ҳам наҷанганд, ҳар кадом комилан дар ҷойи худ аст; қонуни ман, онҳо аз он метарсанд, ба гунае ки тавоно нотавонро дигар намезанад, дигар бо ӯ бадрафторӣ намекунад» [39, с. 284]. Бисёр мароқовар аст, ки дар аҳди қадим подшоҳони адолатпарвар тавассути муқаррар намудани қонунҳои худ на танҳо адолат ва ҳуқуқи инсонро таъмин месохтанд, балки барои оромӣ ва таъмини сулҳ дар манотиқи

* Катибаҳои Шуш иборат аз 24 бахш аст ва дар он масъалаҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаанд.

гунонун, заминаи ҳуқуқӣ мегузоштанд. Албатта, бояд иқрор шуд, ки сулҳ ва оромӣ роҳи асосӣ барои амалӣ сохтани ҳуқуқи инсон мебошад. Зеро, дар манотиқе, ки ҷанг асту низоъ дар бобати ҳуқуқи инсон ва амалӣ кардани он сухан рондан аз нигоҳи мантиқӣ дуруст нест, ки инро мо дар мисоли давлатҳои муосир, ба мисли Афғонистон, Сурия, Ироқ, Фаластин ва ғ. ба хубӣ эҳсос менамоем.

Бо дарназардошти таҳлили суратгирифта дар доираи зербоби мазкур манзур кардани чунин хулосаҳои илмиро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

1. Эъломияи Куруши Кабир дар замони худ вазифаи инсонпарвариро барои ҷомеаи бостонӣ талқин кард ва як навъ масъулиятро дар самти арҷ гузоштан ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пешорӯйи мансабдорону ҳокимон гузошт. Зеро, дар он марҳилаи ҳастии инсоният, шахсро имконияти шиканҷа намудан, хариду фурӯш кардан ва ҳамчун барда (ғулом) истифода бурдан, маъмулан ҷой дошт. Аз ин дидгоҳ, метавон гуфт, ки Эъломияи Куруши Кабир на танҳо дар он марҳилаи ҳастӣ, балки пас аз ҳазорсолаҳои қабули худ, барои инсоният хизмат намуда, роҳи шинохти инсонро ҳамчун олитарин мавҷудот ҳамвор намуд.

2. Яке аз мақсадҳо ва ҳадафҳои қабули Эъломияи Куруши Кабир ин муттаҳид намудани халқу миллатҳо ва дар пасманзари он таъмини сулҳу субот дар ҳудуди империяи бузурги ҳахоманишинӣ маҳсуб меёфт. Дар 22 вилояти империяи Ҳахоманишиён, ки дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда буд, зиёда аз 70 қавму миллатҳо зиндагӣ менамуданд, ки нигоҳ доштани оромӣ ва таъмин намудани муттаҳидӣ дар байни онҳо танҳо тавассути шинохти ҳуқуқи эшон ва додани ҳаққу ҳуқуқҳои онҳо имконпазир буд. Воқеан, авф намудани шоҳони мағлубшуда, ҳуқуқу озодӣ додан ба аҳолӣ ва баробарҳуқуқ эътироф намудани ҳамаи халқу миллатҳо таҷрибаи нави идоракунӣ дар аҳди қадим маҳсуб ёфта, барои муттаҳидӣ ва оромӣ дар минтақа заминаи мусоидро фароҳам овард. Куруши Кабир бо қабул намудани

Эъломияи худ на танҳо ба шинохти ҳуқуқи инсон заминаи воқеӣ гузошт, балки тавассути он ҳадафи дигар – муттаҳидсозӣ ва таъмини суботро дар ҳудуди худ, амалӣ намуд.

3. Маврид ба тазаккур аст, ки то ба марҳилаи кунунӣ зиёда аз се навъи матни Эъломияи Куруши Кабир ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, фарогирандаи бандҳои гуногун мебошанд, аммо аз нигоҳи мазмун ва моҳият ба ҳам наздикӣ доранд, ки дар онҳо чунин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ шудаанд: ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқи ба адолати додгоҳӣ, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб ва тоату ибодат, манъи шиканҷа, манъи ғуломӣ, манъи хариду фурӯши инсон, дастгирӣ намудани шахсони нотавон, яъне ҳуқуқи дастрасӣ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба интихоб намудан ва ғ.

4. Бо дарназардошти мазмун ва моҳияти муносибатҳои дар Эъломияи Куруши Кабир танзимшуда, онҳоро метавон шартан ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

а) Муносибатҳое, ки ифодакунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, ба мисли ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба меҳнат ва музди кор ва ғ.;

б) Муносибатҳое, ки муқарраркунандаи озодиҳои инсон мебошанд, аз ҷумла озодӣ дар интихоби шоҳ, озодӣ дар интихоби дин ва оин, озодӣ дар интихоби ҷойи сукунат, озодӣ дар интихоби касбу кор ва ғ.;

в) Муносибатҳое, ки ба манъи амалҳои ғайриқонунӣ (ғайриинсонӣ) равона шудаанд, аз ҷумла манъи ҷабру ситам ва зарар расонидан ба шахс, манъи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси бегуноҳ (ҷавобгарии фардӣ), манъи ғуломӣ ва хариду фурӯши инсон ва ғ.

5. Дар шинохи ҳуқуқи инсон, эҳтиром гузоштан ба инсон ва ҳаққи ӯ ва таъмин кардани адолат нисбат ба аҳолӣ нақши катибаҳои дигари бостон бағоят бузург мебошад. Махсусан, дар катибаи Доро дар Бийстун, катибаи Доро дар нақши Рустам ва китабаҳои Шуш, масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки башорат аз таъмини адолати иҷтимоӣ дар марҳилаи кунунӣ мекунанд. Як хусусияти бунёдии ин катибаҳо дар он аст, ки онҳо тавассути

муқаррар кардани унсурҳои сулҳхоҳӣ ва оромманишӣ баҳри инсоният шароити мусоиди амалӣ кардани ҳуқуқи инсонро фароҳам овmarданд, ки ин шарти муҳим дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

6. Бо дарназардошти рушди босуръати технология ва зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣдар соҳаи рақамигардонӣ, тавсия дода мешавад, ки дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази миллии тадқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад, ки самтҳои фаъолияти он шомили таҳқиқи ҳуқуқ ба махфият, озодии баён, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва таҳияи дастурҳои ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи киберҳуқуқ бошанд. Марказ метавонад ба рушди ҳуқуқи рақамӣ ва таҳкими кафолатҳои конститутсионии шаҳрвандон дар шароити ҷаҳони рақамӣ мусоидат намояд.

7. Бо дарназардошти рушди босуръати технология ва зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамигардонӣ, тавсия дода мешавад, ки дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази миллии тадқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад, ки самтҳои фаъолияти он шомили таҳқиқи ҳуқуқ ба махфият, озодии баён, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва таҳияи дастурҳои ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи киберҳуқуқ бошанд. Марказ метавонад ба рушди ҳуқуқи рақамӣ ва таҳкими кафолатҳои конститутсионии шаҳрвандон дар шароити ҷаҳони рақамӣ мусоидат намояд.

## 2.3. Андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ҳамчун низоми таърихӣ-ҳуқуқӣ баҳогузорӣ карда мешавад, барои шинохти инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нақши бисёр муҳимро иҷро

кардааст. Ҷойгоҳи ҳуқуқи инсон дар ин низоми ҳуқуқӣ ба таври зарурӣ аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта шуда бошад ҳам, аммо ҳамоно паҳлуҳои ҷудогона он вуҷуд доранд, ки ба таври мукаммал коркард нагардидаанд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, агар мо баҳри муайян сохтани ҳуқуқи инсон дар ин сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ икдом бигирем.

Қонунномаи Сосониён яке аз нодиртарин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ натанҳо дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, балки дар таърихи ҷомеаи башарӣ баҳогузорӣ мегардад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ онро бо номҳои гуногун ба қалам медиҳанд, минҷумла «Мотикони ҳазор додистон», «Китоби ҳазор қарорҳои судӣ» ва ғ. Дар хусуси кай таълиф шудани ин сарчашмаи таърихии ҳуқуқӣ назари яксон дар байни муҳаққиқон ба чашм намерасад. Як қисми пажуҳишгарон замони таълиф гардидани онро ба асри IX ва гурӯҳи дигар ба соли 620-и милодӣ марбут медонанд [48, с. 5-6]. Аз ҷой доштани чунин сарчашма ҷомеаи Аврупо барвақтар огоҳӣ пайдо намуд. Зеро, бори нахуст як аз донишмандони фаронсавӣ Ҷеймс Дарсмтетер (соли 1887) дар самти таърихи ҳуқуқи инсон таҳқиқот анҷом дода, доир ба Қонунномаи Сосониён ибрози андеша менамояд, ки баъдан боис мегардад то аврупоиён аз мавҷудият ин хуҷҷат хабардор гарданд. Дар муҳити илмии шуравӣ, танҳо соли 1973 ба олими арманӣ Периханян Анаит Георгиевна муяссар гардид, ки Қонунномаи Сосониёнро бо забони русӣ рӯйи нашр оварад ва муҳаққиқони ҳавзаи русзабонро аз ҳастии ин санади таърихии ҳуқуқӣ бохабар гардонад [61; 60, с. 4]. Нақши Мӯбад Рустами Шаҳзодӣ дар муаррифии Қонунномаи Сосониён бориз мебошад. Зеро, мавсуф соли 1949 матни қонунномаро аз хатти паҳлавӣ ба форсӣ баргардон намуда, меросбарони тамаддуни аҷдодиро бо мазмун ва моҳияти он ошно намуд. Дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, соли 2015 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим фишурдаи матни қонунномаро аз форсӣ ба тоҷикӣ баргардонӣ карда, дар инкишоф ва муаррифии шоистаи таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик саҳми арзишманди худро гузошт.

Маврид ба зикр аст, ки доир ба паҳлуҳои мухталифи сарчашмаи мазкур олимон андешаву назари худро иброз намуда, онро аз ҷумлаи сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик маънидод намудаанд [68; 73; 113, с. 21-25].

Дар баробари танзими соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, ба мисли ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, мурофиаи маданӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва ғ. муқаррарнамоӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷавҳари асосии Қонунномаи Сосониёнро ташкил медиҳад.

Аз мазмун ва мундариҷаи ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ бар меояд, ки он фарогирандаи қарорҳои судӣ буда, шумораи ин гуна қарорҳо ба ҳазор баробар мегардад. Қарорҳои мазкур аз ҷониби ҳуқуқшиносони барҷастаи замони сосонӣ бурун омода, дар худ масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи инсонро фарогир мебошанд. Аммо, дар баробари ин, дар таркиби ин сарчашма меъёрҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар доираи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии қаблӣ, махсусан Вандидод бар меоянд. Дар умум метавон ишора намуд, ки ин сарчашма фарогирандаи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ буда, дар худ ақидаҳои ҳуқуқшиносони варзида ва таҷрибаи судии мубадони барҷастаи тоҷикро ҷой додааст. Инчунин, дар он баъзан меъёрҳое ба назар мерасанд, ки бозгӯкунандаи таҷрибаи шоҳон мебошанд ва дар заминаи дастурҳои суратгирифта ба меъёрҳои Қонуннома ҷой дода шудаанд.

Аз муқарраротои меъёрҳои қонунномаи мазкур бармеояд, ки эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамуд. Маврид ба зикр аст, ки қонуннома дар зери мафҳуми шахс ворисони зардуштӣ ва ғайризардуштиро дар назар дорад. Аҳолии ғайризардуштӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳое бархурдор буданд, ки аҳолии маҳаллӣ аз онҳо истифода менамуданд. Бояд ишора кард, ки дар марҳилаи рӯйи кор омадани ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ ҳамкориҳои хориҷӣ дар минтақа, махсусан аз ҷониби Сосониён ба таври хуб ба роҳ монда шуда буд. Аз ин хотир, дар доираи қонунномаи мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳолии мулкӣ ва

шаҳрвандони хориҷӣ баробар муқаррар карда шуд. Дар асоси муқарраароти он қобилияти ҳуқуқдории шахс аз лаҳзаи таваллуд ва қобилияти амалкунӣ аз синни 15-солагӣ ба вуҷуд меояд [114, с. 90-93].

Ҳангоми баррасии Қонунномаи Сосониён бо ҳуқуқ ва озодиҳое метавон дучор гардид, ки имрӯз аз ҷумлаи ҳуқуқҳои аввалиндараҷаи инсон маҳсуб меёбанд ва қисме аз онҳо то ҳол ба сифати мушкилоти ҳалталаби ҷомеаи инсонӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор гирифтаанд. Дар доираи ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ бештар ҳуқуқҳои мурофиавӣ ва ҷиноятӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд. Аммо, дар баробари ин, боз даҳҳо самтҳои ҷудогонаи ҳуқуқ мазмун ва моҳияти худро дар сарчашмаи ишорашуда пайдо менамоянд, ки далели фарогирии масоили гуногуни ҳуқуқӣ будани онро медиҳад. Ба таври пурра иброз намудани ин категорияи ҳуқуқу озодиҳои инсон айни ҳол аз имкон берун аст. Бо ин назардошт, ба таври мухтасар гурӯҳе аз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки дар қонуннома дарҷ гардидаанд, манзури Шумо менамоям. Аз ҷумла:

1. **Ҳуқуқи озодона бастани акди никоҳ**. Дар фасли нуздаҳум, банди 3-и қонуннома чунин омадааст: «Падар ҳақ надорад духтари худро ба издивоҷ бо марде маҷбур намояд» [48, с. 22]. Аз муқарраароти меъёри мазкур бармеояд, ки принсипи озодона бастани акди никоҳ ба таври дахлдор риоя гардида, ташкил намудани оила танҳо бо ризоияти тарафҳо сурат мегирифт. Бояд ишора намуд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ навъҳои гуногуни никоҳ мавҷуд буд, аммо Қонунномаи Сосониён бар хилофи баъзе меъёрҳои қаблӣ ризоияти тарафҳоро ҳангоми бунёди оила яке аз шартҳои муҳим зимни бастани никоҳ баҳогузорӣ мекард, ки ин меъёри муҳим имрӯз дар қонунгузории оилавии мо ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шартҳои бастани никоҳ дар ризоияти тарафҳо ва озодона бастани он муаррифӣ карда шудааст [2]. Муҳаққиқони ватанӣ масъалаи вориди никоҳ шудани шахсро дар заминаи меъёрҳои Қонунномаи Сосониён баррасӣ карда, ишора менамоянд, ки «марди бо

синни балоғат расида, ҳуқуқи бастани никоҳро пайдо менамуд ва бо ин васила оилаи нав бунёд карда, аз зери ҳокимияти падар озод мешуд, худ ҳокимияти падариро ба даст меовард, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мустақил ба ҳисоб мерафт, ҳатто агар дар хонаи падари худ зиндагӣ мекард» [89, с. 131].

2. **Баробарҳуқуқӣ новобаста аз миллат ва дин.** Дар фасли бисту ҳаштум, банди 13 чунин меъёр дарҷ гардидааст: «Вориси ғайризардуштӣ дорои ҳамон миқдор саҳму ҳаққе аст, ки вориси зардуштӣ дарёфт мекунад» [48, с. 26]. Ин нукта бисёр муҳим аст, зеро дар замони мавҷудияти низоми ҳуқуқии зардуштӣ баъзан маврид ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳолии ғайризардуштӣ поймол гардида, имконияти амалӣ сохтани мақсадҳои худро надоштанд. Агар мантиқан нигоҳ намоем, меъёри ишорашуда бо меъёри Эъломияи Куруши Кабир, ки ба яҳудиҳои асирафтода озодиро пешбинӣ карда, ҳаққу ҳуқуқи онҳоро баробар бо аҳолии мулкӣ эълон кард, ҳамбастагӣ дорад. Албатта, меъёри мазкур имрӯз моҳияти худро дар санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан дар сатҳи конститутсионӣ (моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва байналмилалӣ (масалан, моддаи 2-юми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар) мушоҳида намудан мумкин мебошад.

3. **Ҳуқуқ ба фарзандхондӣ.** Дар фасли сиву дуюм, банди 1 пешбинӣ мегардад, ки падар ҳаққи ба фарзандхондӣ додани духтари худро дорад ва танҳо бо ризоияти модараш. Ба инобат гирифтани ризоияти модари духтар, ки ҳамчун шарти ба фарзандхонӣ додан муқаррар шудааст, аз ҷиҳати эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқи зан ва баробар будани ҳуқуқи ӯ бо мард, бисёр муҳим мебошад, ки ҳатто метавон онро аз зумраи нахустсарчашмаҳои кафолатдиҳандаи баробарҳуқуқии мардону занон маънидод кард. Аз тарафи дигар, ин маънои онро надорад, ки танҳо духтар ба фарзандхонӣ пазируфта мешуд. Дар фасли бисту сеюм, банди 12 чунин меъёр инъикос ёфтааст: «Фарзандхонд мумкин аст писар ё духтар бошад» [48, с. 29]. Яъне, ба сифати фарзандхонд ҳам писар ва ҳам духтар баромад менамуд. Инчунин, аз моҳияти меъёри мазкур бармеояд,

ки принсипи баробарҳуқуқӣ дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ ҳанӯз дар замони давлатдории Сосониён ба таври дахлдор амалӣ мегардидааст.

4. **Ҳуқуқ ба адолати додгоҳӣ ва баррасии одилона.** Дар фасли чилум, банди 1 муқаррар гардидааст, ки доварон ҳангоми омӯзиши қазия бояд онро ҳаматарафа баррасӣ намоянд ва ба далоил, шавоҳид ва ҳақоиқи он аҳаммияти махсус диҳанд. Махсусан, ба масъалаҳое таваҷҷуҳ намоянд, ки дар банди 2-юм дарҷ гардидаанд, аз ҷумла вақти содир намудани кирдор, лаҳзаи боздоштнамоӣ, руҳия ва тарзи посух додани гумонбар ва ғ. Агар шахс бо хоҳиши худ ба додгоҳ омада аз кирдори содирнамудааш дарак медод, нисбат ба вай ҷазои сабук татбиқ мегардид. Аммо, агар гуноҳашро зимни баррасӣ дар додгоҳ эътироф менамуд, нисбати вай татбиқи ҷазои сабук амалӣ намегардид [48, с. 29]. Аз муқаррароти меъёрҳои ин сарчашмаи таърихӣ принсипҳои ҷудогонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ бурун меоянд, ки онҳо шарти асосӣ дар самти ба ҷавобгарӣ кашидани шахс маҳсуб меёбанд. Қонунномаи Сосониён ишора менамояд, ки «агар доварон бо камоли самимият ва диққат вазоифи муҳаввалаи худро анҷом надиҳанд, риштаи назми умумӣ гусаста шуда, ҷаҳон рӯ ба вайронӣ хоҳад ниҳод» [88, с. 388]. Моҳияти ин меъёр шаҳодат аз он медиҳад, ки нигоҳ доштани назму субот дар давлат ва амалӣ намудани ҳадафҳои идоракунии давлатӣ аз қарори одилонаи додгоҳ сахт вобастагӣ дорад, ки онро дар шароити кунунӣ низ метавон ба хубӣ эҳсос намуд. Маҳз бо ҳамин назардошт, дар сатҳи конститутсионӣ ба шахс ҳуқуқ дода шудааст, то талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

5. **Эҳтимолияти бегуноҳӣ.** Дар фасли аввал, банди 2-юм пешбинӣ мегардад, ки «Агар шахс бо иродаву майли худ назди довар ҳозир гардад ва гӯяд: ман фалон касро куштаам. Агар шоҳиде гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, чунин шахсро метавон қотил қаламдод кард, вале набояд ҳеҷ гуна иқдомеро то кашфи далоили субути ҷурм нисбати ӯ ба амал баровард» [48, с. 22]. Моҳияти меъёри мазкурро метавон дар қисми 1-и

моддаи 20-уми Конститутсияи ҶТ мушоҳида намуд, ки дар асоси он «ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад» [1].

**6. Ҳуқуқ ба моликият.** Мавриди зикри хос аст, ки Қонунномаи Сосониён ҳуқуқи шахсро ба моликият дар доираи чунин шаклҳо пешбинӣ менамояд: моликияти шахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятӣ ва ҷамоавӣ. Инчунин, дар ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият муқаррар карда шудааст, ки ба онҳо дохил мешаванд: ба мерос гирифтан, дар асоси қонунӣ гузаронидани ҳуқуқи соҳибикунӣ ба шахсони дигар, дар асоси муомилоти мухталиф, дар доираи асосҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ [60, с. 73]. Дар ҳамин қисмат бояд ишора кард, ки шахс ҳангоми содир намудани ҷинояти махсусан вазнин аз ҳуқуқи моликияти худ маҳрум мешуд. Переханян А.Г. қайд менамояд, ки «агар инсон барои ҷинояти бузург маҳкум шуда бошад, пас тамоми молу мулке, ки ӯ дорад, бояд мусодира карда шавад. Ақидае иброз карда мешуд, ки мувофиқи он барои талаботи нигоҳ доштани зан ва фарзандони маҳкумшуда, молу мулки зарурӣ ҷудо карда мешуд. Лекин дар амалияи судӣ ва мувофиқи қоидаҳои мурофиавӣ ин тавр карда намешуд, зеро инсон агар барои ҷинояти бузург маҳкум шавад, ӯ аз зан, фарзандон ва молу мулк маҳрум мегардид» [61, с. 282]. Дар асоси Қонунномаи Сосониён шахс ҳуқуқи дифоъ намудан аз моликияти худро тавассути муроҷиат кардан ба додгоҳ доро буд. Вале, моҳияти меъёрҳои ин санад башорат медиҳанд, ки дар хусуси дифоъ намудани ҳаққи моликиятии худ шахс ҳуқуқи як маротиба муроҷиат намуданро доир ба ҳамон як масъала доро буд. Масалан, дар банди 2-юми фасли даҳум ишора мегардад, ки «касе қаблан даъвои моликияти чизеро карда бошад ва додгоҳ алайҳро молики он чиз ташхис дода бошад, наметавонад ду маротиба (дубора) чунин иддаъоеро матраҳ кунад» [88, с. 347]. Маълум мешавад, ки дар аҳди қадим як мавзуи баҳс дар додгоҳ моҳиятан ду маротиба мавриди баррасӣ қарор намегирифт. Вале, даъвогар ҳуқуқи аз болои раъйи маҳкама (додгоҳ) ҳуқуқи шикоят намуданро доро буд.

7. **Ҳуқуқи истифода намудан аз ёрии ҳуқуқӣ (адвокат ё вакил).** Дар асоси муқаррароти меъёрҳои Қонунномаи Сосониён ашхос дар муҳокимаҳои додгоҳӣ метавонистанд шахсан худашон иштирок намоянд ва ё ягон нафарро ҳамчун вакил пешниҳод кунанд. Дар банди 1-уми фасли дуюм пешбинӣ мегардад, ки «афрод метавонанд шахсан дохил дар муомилот ё муҳокимот шуда ё шахси дигареро ваколатан аз ҷониби худ интихоб намоянд» [88, с. 336]. Интихоби вакил аз ҷониби тарафҳо ба таври возеҳ ва ошкоро ба роҳ монда мешуд. Бо ин мақсад, дар банди 4-и фасли дуюм ишора мегардад, ки «тарафайни даъво бояд вакили худро ба таври возеҳ ва ошкор интихоб намоянд» [88, с. 336]. Дар банди дигар дарҷ мегардад, ки «ашхос ҳақ доранд беш аз як вакили мудофеъ ё мушовири ҳуқуқӣ барои худ интихоб кунанд». Яъне, шумораи вакилони дифоъкунанда маҳдуд набуд ва шахс дар доираи имконияту вазъияти масъала ҳаққи интихоб намудани як ва ё зиёда вакилро доро буд. Чунин имконият ҷиҳати дуруст ва аз рӯйи адолат баҳогузорӣ намудан ба кирдори содиршуда ва ё ҳолати бавуҷудомада имконияти воқеиро фароҳам меовард. Дар банди 8 бошад, пешбинӣ мегардад, ки «дар сурати интихоби ду вакил тавассути як нафар ҳар гоҳ вазифаи онҳо инфиродӣ бошад, бояд инфиродан ва агар иҷтимоӣ бошад, бояд ҳар ду муттафиқан дар маҳкама (додгоҳ) ҳозир шаванд» [88, с. 336]. Зан ва шавҳар дар интихоби вакил ҳуқуқи баробарро доштанд. Инчунин, онҳо ҳақ доштанд, ки дар муҳокимаи додгоҳӣ ҳарду соҳиби як вакил бошанд. Аммо, аз рӯйи қоидаҳои муайяншуда шахс бояд тибқи муқаррароти расмӣ интихоб шуда, дорои салоҳияти ҳуқуқӣ бошад. Зеро, дар банди 7-уми фасли дуюми Қонуннома муқаррар гардидааст, ки «вакил бояд салоҳияти қонунӣ дошта, тибқи муқаррароти расмӣ интихоб гардад» [88, с. 336]. Дар асоси меъёрҳои пешбиникардаи Қонуннома, ҳангоми мухолифат пайдо шудани гуфтору эътирофи вакил бо баёноти дар маҳкама (додгоҳ) додааш, қозӣ уҳдадор буд, ки чунин гувоҳиро ба инобат нагирад. Яъне, пешниҳоди маълумот ва далелҳои бардурӯғ иҷозат набуд ва ҳангоми ошкор шудани ҳолат маълумоти далели

манзуршуда беэътибор дониста мешуд. Аз моҳияти баъзе меъёрҳои Қонунномаи Сосониён бармеояд, ки фаъолияти вакилӣ дар заминаи созиши тарафҳо, бо пардохти ҳаққи хизмат ба роҳ монда мешуд. Масалан, дар банди 24, фасли 38 пешбинӣ мегардад, ки «вукало ҳақ надоранд ба муваккалини худ эҷҳоф (истисмор) кардаву ҳаққулваколаи (подоши намояндагии) худро изофа бар ҳадди маъмул мутолаба кунанд» [88, с. 337]. Аз ин бармеояд, ки ҳаққи хизмат дар ин марҳила бо назардошти масъалаи дифоъшаванда муайян карда мешуд. Яъне, вакил ҳаққи баланд намудани музди кори худро барои масъалаҳои начандон вазнин надошт. Дар ҷойи дигар ишора мешавад, ки «дар даъвое роҷеъ ба амволи қимате, ки муҳокимаи он муддате ба тул анҷомида бошад, ҳаққулвакола набояд аз бисту ду дарсад то сӣ дарсад қимати мол афзоиш ёбад». Моҳиятан масъала бар он такя менамояд, ки дар сурати ба муддати дароз идома ёфтани масъалаи додгоҳӣ, вакил ҳақ пайдо мекард ба андозаи муайян ҳаққи хизмати худро боло бардорад. Маълум мегардад, ки дар бандҳои алоҳидаи Қонунномаи Сосониён сухан роҷеъ ба ҳаққи намояндагӣ (вакилӣ) меравад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ вазифаи адвокат ва намояндагӣ аз назари илми ҳуқуқӣ дар иҷрои вазифаҳои омехта пешбинӣ шуда, моҳияти амалияи замони мазкурро бозгӯӣ менамояд.

**8. Ҳуқуқи туҳфа намудан ва қабул кардани туҳфа.** Дар ҳуқуқи мадании муосир мавзуи туҳфа кардан ва қабул намудани он яке аз мавзуъҳои мубарам ба ҳисоб меравад, ки онро дар аҳди қадим Қонунномаи Сосониён бо нозукиҳои хоси худ мавриди танзим қарор додааст. Масалан, агар имрӯз тибқи қонунгузорӣ замин ба сифати моликияти истисноии давлат эътироф шуда, мавриди хариду фурӯш ва туҳфа намудан қарор нагирад, пас дар аҳди қадим имконияти туҳфа намудани замин ҷой дошт. Аз ҷумла, дар банди 11-уми фасли сенздаҳум дарҷ мегардад, ки «ҳар гоҳ касе гӯяд: ман ин қитъаи заминро ба ту бахшидам. Дар ин сурат, тамоми мутаалliқоти замин ба тасарруфи тараф дар хоҳад омад» [88, с. 352]. Яъне, ҳангоми туҳфа намудани замин

тамоми моликияти дар рӯйи замин ва қаъри он қарордошта ба ихтиёри тарафи қабулкунандаи тухфа мегузашт. Бояд ишора намуд, ки ҳуқуқи зан ба қабул намудани тухфа иҷозат дода шуда буд. Бо ин мақсад, дар банди 6-и фасли ишорашуда зикр шудааст, ки «зан қонунан ҳаққи қабул ва қабзи чунин молеро доро мебошад» [88, с. 352]. Махсусияти шартномаи тухфа тибқи Қонуннома дар он аст, ки барои қабул ва нигоҳ доштани он муҳлати муайян, яъне 10 сол пешбинӣ гардида буд. Агар, дар муддати 10 сол шахси тухфаро қабулнамуда фавт менамуд, тухфаи мазкур ба зану фарзандони ӯ намегузашт. Дигар хусусияти шартномаи тухфа аз он иборат буд, ки ҳангоми дар шакли хаттӣ ва бо имзову муҳр супоридани тухфа, шахси тухфаро қабулнамуда ҳақ надошт, ки онро ба нафари дигар тухфа намояд. Инчунин, тухфаи хусусияти хайриявӣ доштаро ба нафари дигар супоридан ва ё тухфа намудан иҷозат набуд [88, с. 361-362]. Аз нигоҳи меъёрҳои Қонуннома танҳо ҳамон молеро имкони тухфа намудан мумкин буд, ки агар он барои пешбурди зиндагии худи шахс нолозим бошад. Дар банди 14-и фасли шонздаҳ омада: «Касе ҳақ надорад молеро, ки мавриди ниёзи худ ва хонаводаи ӯст, ба дигаре бибахшад» [88, с. 359].

**9. Масъулият (уҳдадорӣ) дар нигаҳдорию сарпарастии оила ва фарзандон.** Дар шароити муосир сарпарастӣ намудан ба оила ва тарбияи кардани фарзандон аз зумраи мубрамтарин масъалаҳо маҳсуб ёфта, на танҳо тавассути қонунгузории алоҳида, балки дар сатҳи конститутсионӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Ин мавзуъ дар Қонунномаи Сосониён низ мавриди танзим қарор гирифта, масъулияти волидайн, махсусан падарро дар нигоҳдории оила ва тарбияи фарзанд амиқан мавриди танзим қарор додааст. Аз ҷумла, дар банди якуми фасли ҳабдаҳум қайд мегардад, ки «нигаҳдорӣ ва сарпарастии хонавода қонунан то ҳангоме боистааст, ки писар ба синни булуғ нарасида, духтар издивоҷ накарда ва зан зинда бошад» [88, с. 360]. Дар ин ҳолат, сухан доир ба масъулияти падар дар назди оила ва фарзандон меравад. Яъне, падар масъулияти нигоҳубин намудани писари худро то расидан ба

синни балоғат (15-солагӣ) ва духтари худро то замони ба шавҳар баромадан ба зимма дошта, уҳдадор буд то вопасин лаҳзаҳои дар ҳаёт будани ҳамсар ӯро зери ғамхорӣ қарор диҳад. Ин муқаррарот ҳолати истисноӣ дорад. Яъне, агар писар бо назардошти беморӣ имконияти машғул шудан ба фаъолиятеро надошт ва ё худро аз нигоҳи иҷтимоӣ таъмин карда наметавонист, дар ин ҳолат падар уҳдадор буд, ки нисбат ба ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд. Ин ҳолатро банди 2-юми фасли ҳабдаҳуми Қонуннома чунин танзим кардааст: «Писаре, ки ба синни булуғ расида, ҳар гоҳ ба иллате аз касби маишат оҷиз бошад, нигаҳдории ӯ ба уҳдаи падар аст» [88, с. 360]. Чунин масъулиятро падар на танҳо нисбат ба писар, балки нисбат ба духтаре, ки дорои чунин иллат буд, ба зимма дошт. Моҳияти меъёрҳои Қонунномаи Сосониён башорат медиҳанд, ки масъулияти нигаҳдории оила ва фарзандон бештар ба зиммаи падар вогузор гардида буд. Аммо, дар ҳолатҳои алоҳида мушоҳида мешавад, ки ин масъулият ба уҳдаи зан (ҳамсар)-и мард низ вогузор гардидааст. Чунин ҳолат замоне фаро мерасид, ки агар шавҳар фавт намояд. Зан ҳақ дошт, ки пас аз фавти ҳамсари худ, бо истифода аз моликияти ба ӯ меросмонда фарзандонро нигаҳбонӣ намояд. Ин масъала дар банди 8-и фасли ишорашуда танзим шуда, пешбинӣ мешавад, ки «подшоҳзан ҳақ дорад барои таъмини маоши худ ва фарзандони худ аз даромади замин, чашма, дарахтони хона ва бандагони шавҳари худ истифода намояд» [88, с. 361]. Агар, мард нисбат ба моликияти ҷудогонаи худ ҳаққи занро маҳдуд карда, истифодаи он моликиятро ба каси дигар васият намуда бошад, дар ин ҳолат зан ҳаққи аз он истифода намуданро надошт. Масъулияти мард дар оила то ҳадде баланд буд, ки ӯ ҳаққи ситам намудан ба зан ва фарзандони худро надошт. Чунончи, дар банди 3-юми фасли 36-ум пешбинӣ мегардад, ки «мард ҳақ надорад нисбат ба зан ва фарзандони худ ситам раво дорад» [88, с. 379]. Мутақобилан ба ин, зан ва фарзандон низ ҳаққи нофармоӣ намудан ба ҳамсар ва падари худро надоштанд, ки инро бандҳои 5-6-и фасли 36-уми Қонуннома мавриди танзим қарор додааст.

Яке аз мушкилоти ҷомеаи инсониро аз аҳди қадим то ҳол ҳалли масъалаи ғуломӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ ташкил медиҳад. Ғулом дар асоси қонуннома афроде ба ҳисоб меравад, ки тавассути раияти шоҳаншоҳӣ дар ҷанг ба асорат даромада аст. Дар фасли чорум, банди 3 пешбинӣ мегардад, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад зани ғуломро бизанад ва ё нисбаташ ситаме раво бинад. Дар ҷойи дигар пешбинӣ мегардад, ки ҳар даҳ рӯз як рӯз ғулом озодӣ дошт ва даҳумин кӯдаки ӯ низ аз қайди бандагӣ озод буд. Агар ғулом бо шахси озод оила барпо менамуд, фарзанди аз онҳо тавлидёфта чун шахси озод эътироф мегардид. Дар фасли 13, банди 27 меъёре инъикос ёфтааст, ки дар асоси он касе ҳақ надорад бандаи озодшударо ба бандагии худ қабул намояд. Аз муқаррароти меъёрҳои қонуннома бармеояд, ки ғулом дар аҳди Сосониён чун қисми таркибии аҳолӣ аз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ бархӯрдор буд ва дар сурати пардохт намудани маблағи муайян ва ё гузоштани гарав метавонист аз бандагӣ раҳоӣ ёбад.

Ҳуқуқу озодиҳои зикргардида намуна аз ҳуқуқу озодиҳое маҳсуб меёбанд, ки дар қонунномаи Сосониён дарҷ гардидаанд. Дар он ҳуқуқҳои дигаре чун ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳифзи моликияти шахсӣ, манъи шиканҷа, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб, ҳуқуқи дастрасӣ ба мурофиаи судии одилона, ҳуқуқ ба тақсимоти молу мулк ва ғ. пешбинӣ гардидаанд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин таъсири манфии омилҳои мухталиф ба он, зарурат пеш омадааст, ки аз гузаштаи миллати худ ба таври амиқ биомӯзем ва аз таҷрибаи ғании онҳо оқилона ва одилона истифода намоем. Бо ин назардошт, лозим аст, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, махсусан таърихи ҳуқуқи инсон аз сарчашмаҳои нодири ҳуқуқи миллати тоҷик ба таври фаррох истифода намуда, ба ин васила дар муаррифии шоистаи онҳо саҳми кӯчаки худро гузорем.

Таҳлилҳои суратгирифта башорат аз он медиҳанд, ки нақши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар шинохти ҳуқуқи инсон бағоят бузург мебошад. Аз ин рӯ, мавриди омӯзиш қарор додани

онҳо зарур ва муҳим мебошад. Бо назардошти он, ки сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Авасто ва Қонунномаи Сосониён дар ташаккули мафҳуми ҳуқуқи инсон дар тамаддуни тоҷикону ориёиён нақши муҳим бозидаанд, мувофиқи мантиқ ва аҳамияти илмӣ зарур аст, ки дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази илмӣ-тадқиқотии «Авасто» таъсис дода шавад. Маркази мазкур метавонад заминаи мусоидро барои омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик гузорад ва дар муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ ва бедор намудани арзишҳои азбайнрафта саҳми муносиб гузорад.

Бо дарназардошти таҳлили суратгирифта дар доираи зербоби мазкур матраҳ намудани хулосаҳои илмии зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Аз нигоҳи мо, Қонунномаи Сосониён яке аз нахустин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки дар шакли санади мукаммал, яъне кодификатсияшуда ҳуқуқу озодиҳои инсонро тавассути масъалаҳои мубрам, ки ҳалли онҳо ба зиммаи қозиҳо (додварон) вогузор гардида буд, муқаррар кардааст. Аз мазмун ва мундариҷаи Қонуннома бар меояд, ки он фарогирандаи қарорҳои судӣ буда, шумораи ин гуна қарорҳо ба ҳазор баробар мегардад. Қарорҳои мазкур аз ҷониби ҳуқуқшиносони барҷастаи замони сосонӣ бурун омода, дар худ масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи инсонро фарогир мебошанд. Аммо, дар баробари ин, дар таркиби ин сарчашма меъёрҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар доираи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии қаблӣ, махсусан Вандидод бар меоянд. Дар умум метавон ишора намуд, ки ин сарчашма фарогирандаи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ буда, дар худ ақидаҳои ҳуқуқшиносони варзида ва таҷрибаи судии мубадони барҷастаи тоҷикро ҷой додааст.

2. Андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён тавассути соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба мисли ҳуқуқи гражданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва ғ. ба вуҷуд омада,

фарогирандаи чунин ҳуқуқу озодиҳо мебошад: ҳуқуқи озодона бастани акди никоҳ, баробарҳуқуқӣ новобаста аз миллат ва дин, ҳуқуқ ба фарзандхонӣ, ҳуқуқ ба адолати судӣ ва баррасии одилона, эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳифзи моликияти шахсӣ, манъи шиканҷа, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб, ҳуқуқ ба тақсимоти молу мулк ва ғайра.

3. Мазмун ва моҳияти меъёрҳои дар Қонунномаи Сосониён танзимшударо метавон ба чанд бахши муҳим ҷудо намуд:

а) Меъёрҳое, ки танзимкунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Аксар маврид меъёрҳои мазкур ҳуқуқҳои инсонро дар муносибатҳои додгоҳӣ, оиладорӣ ва маданӣ танзим карда, ба иштирокчиён ҳаққи истифода намудани ҳуқуқҳоро дар ҳолатҳои ҷудогона пешбинӣ менамоянд;

б) Меъёрҳое, ки танзимкунандаи озодиҳои инсон мебошанд. Бояд ишора намуд, ки дар Қонунномаи Сосониён меъёрҳои марбут ба озодиҳои инсон нисбат ба меъёрҳои муқарраркунандаи ҳуқуқи инсон камтар мебошанд, аммо дар ҳолатҳои ҷудогона онро мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, тибқи меъёри ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ ба духтар имконияти озодона ворид шудан ба муносибатҳои оилавӣ дода шудааст.

в) Меъёрҳое, ки ифодакунандаи уҳдадориҳои инсон мебошанд. Ин гуна уҳдадориҳо бештар маврид баҳри иҷрои масъулиятҳои оилавӣ, иҷрои қарорҳои додгоҳ ва иҷро намудани шартҳои шартномаҳои маданӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ҳар маврид соҳиби махсусиятҳои ҷудогона мебошанд;

г) Меъёрҳое, ки хусусияти маҳдудкунанда доранд. Чунин навъи меъёрҳо, одатан бо мақсади муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо муқаррар карда мешуд. Масалан, дар муносибатҳои оилавӣ ба падар ва модар ҳаққи бо роҳи зӯрӣ ба шавҳар додани духтар иҷозат дода нашудааст. Дар додгоҳ бошад, ба вакил (адвокат) иҷозати пешниҳоди маълумоти бардурӯғ қатъиян маън карда шудааст;

д) Меъёрҳое, ки муайянкунандаи ваколатҳои мансабиро дороянд. Ин меъёрҳо ба ашхосе равона гардидаанд, ки дар раванди баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ё дар раванди ҷамъоварии далелҳои додгоҳӣ иштирок менамоянд. Масалан, дар Қонуннома меъёрҳое ҷой доранд, ки вазифаҳои шахсони зеринро муайян ва танзим менамоянд: мӯбадон; варсардор (мӯбаде, ки маъмури иҷрои доварии эзидист); устондорон (волиён); оморгар, ҳисобдор ва хубра (эксперт); раиси оморгар (радди оморкорон); зиндонбон; шаҳна-посбон (полис, кӯйбонон ё прокуророн); дараҷадорони кӯйбонӣ (прокурорӣ-шаҳрбонӣ) ва ғ.

4. Бо назардошти он, ки сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Авасто ва Қонунномаи Сосониён дар ташаккули мафҳуми ҳуқуқи инсон дар тамаддуни тоҷикону ориёиён нақши муҳим бозидаанд, мувофиқи мантиқ ва аҳамияти илмӣ зарур аст, ки дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази илмӣ-тадқиқотии «Авасто» таъсис дода шавад. Фаъолияти он ба таҳқиқи решаҳои таърихии ҳуқуқи инсон, муқоисаи онҳо бо арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташкили осорхонаи рақамии сарчашмаҳои ҳуқуқӣ равона гардад. Ин марказ метавонад заминаи илмиро барои шинохти мустақили таърихии ҳуқуқи инсон дар фарҳанги тоҷикӣ фароҳам оварад ва дар сатҳи байналмилалӣ мавқеи илми тоҷикро муаррифӣ кунад. Албатта, дар маркази мазкур бояд нафарҳое ҷалб карда шаванд, ки аз донишҳои баланди марбут ба таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик бархурдор мебошанд.

# БОБИ III. АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА

## 3.1. Андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлатӣ дар асрҳои миёна

Андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик моҳияти пайдарҳамӣ дошта, аз як марҳилаи таърихӣ ба марҳилаи дигар бо назардошти ба инобат гирифтани унсур ва омилҳои таъсиррасонандаи марҳилаи сипаришуда дар марҳилаи навин инкишоф ёфтааст. Яъне, қонуни инкори рушди муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи меросияти таърихӣ ва асосҳои диалектикии рушди муносибатҳо дар фазои ҳуқуқӣ тавассути падидаҳо ва мақулаҳои ҳуқуқӣ бо тамоюли таъсири анъанавияти шарқӣ риоя шудааст. Далели равшани ин гуфтаҳоро метавон аз мавҷудияти андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои бостон ва дар асрҳои миёна пайдо намуд, ки заминаҳои бунёдии худро аз марҳилаи қаблӣ, яъне аҳди қадим гирифтаанд. Аммо, ҷузъи муҳимми андешаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро, ки дар асрҳои миёна рӯйи кор омадаву инкишоф ёфтаанд, андешаҳое фарогир мебошанд, ки ҳам моҳияти расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ доштанд. Аммо нақши сарчашмаҳои расмӣ ва урфию анъанавие, ки низоми сиёсӣ вуҷуди онҳоро эътироф карда буд, дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши муассир доштаанд. Аз ин дидгоҳ, дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳоро ҳамчун сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи инсон баҳогузорӣ менамоянд.

Сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи инсон ва ё сарчашмаҳои давлатӣ дар ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон, махсусан дар асрҳои миёнаи Ховари Миёна, миёни дигар сарчашмахои ҳуқуқӣ дар қиёс бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ нақши муассирро анҷом додаанд. Бо дарназарошти мазмун ва моҳият, сарчашмаҳои расмии давлатиро дар ин марҳила метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: а) сарчашмаҳои расмии давлатӣ, ки дар заминаи одати анъанавӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд (масалан, амру фармонҳои роҳбарони давлат, ки хусусияти сиёсию ҳуқуқӣ доштанд, инчунин

санадҳои ҳуқуқии вазирон, аҳли дарбор ва ҳокимони вилоятҳо ва ғ.); б) сарчашмаҳои расмии давлатӣ, ки дар заминаи ба инобат гирифтани унсурҳои динӣ рӯйи кор омода, инкишоф ёфтаанд (масалан, дар заминаи Қуръон, ҳадисҳо, сарчашмаҳои фиқҳӣ ва ғ.).

Бо мақсади дуруст дарк намудани мазмун ва моҳияти сарчашмаҳои расмии давлатӣ дар асрҳои миёна, таҳлил кардани ҷузъе аз онҳо мувофиқ ба мақсад мебошад.

«Насиҳатнома»-и Тоҳир ибни Ҳусайн ба сифати яке аз сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ дар асрҳои миёна баромад менамояд. Ин асар аз зумраи ҳуҷҷати давлатӣ-ҳуқуқие маҳсуб меёбад, ки дар худ усулҳои раванди идоракунӣ, таъмини адолат дар ҷомеа, ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои инсондӯстӣ, ҳадафи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайраро ҷой додааст. Муҳаққиқони ватанӣ сарчашмаи ишорашударо таҳлил намуда, се аҳаммияти муҳимми онро муайян менамоянд:

«1. «Насиҳатнома» дар шакли дастур навишта шуда, хусусияти императивӣ дошта, нахустин сарчашмаи ҳуқуқии давлати тоҷикон баъд аз истилои араб ба ҳисоб меравад;

2. Таъинот, дархост, амр ва хоҳишҳое, ки Тоҳир ба писараш (волии Шом) мекунад, аз таҷрибаи давлатдории воқеӣ ва дар хостҳои иҷтимоии замонаи онҳо падид меояд, яъне он ҳамчун сарчашмаи амиқи давлатдории Тоҳириён ба шумор меравад;

3. Мазмуни волои ҳуқуқи инсондӯстии бо адлу адолати илоҳӣ пайвастшуда, қудрати сиёсии бо қудрати олии илоҳӣ маҳдудшуда, раиятдӯстии аҷамии бо таъкидоти қуръонӣ мусаллаҳгардида ва эҳёи таҷрибаи девонсолории давлатҳои қаблии бо усулҳои исломӣ ҷиҳозонидашуда, гувоҳи нахустин ҳодисаи давлатдорӣ ва танзими ҳуқуқии тамаддуни тоисломӣ ва исломии мардуми тоҷик ба шумор меравад» [89, с. 305-306].

Воқеан, ҳамон тавре муҳаққиқон ишора менамоянд, «Насиҳатнома» дар шакли дастур навишта шудааст, ки аз ҷониби падар (шоҳ Тоҳир) ба писар (ҳоким Абдуллоҳ) ирсол гардида, ба ӯ тарзи давлатдорӣ, роҳ ва

равиши идоракунӣ, аз ҳама муҳим, муносибат бо халқ ва таъмини ҳаққи онҳоро иброз кардааст.

Бояд ишора намуд, ки дар муҳити илми ватанӣ масъалаҳои ҳуқуқӣ, махсусан андешаҳои марбут ба ҳуқуқи инсон, ки дар «Насиҳатнома» инъикос ёфтаанд, мавриди баррасии мукаммали илмӣ қарор нагирифтаанд. Танҳо дар баъзе адабиёти таърихӣ ва илмӣ метавон бо мазмун ва моҳияти он шиносоӣ пайдо намуд. Масалан, Б. Ғафуров доир ба аҳаммияти ин ҳуҷҷат дар раванди идоракунӣ ва танзими муносибатҳо назаре анҷом додааст [20, с. 444-445].

Мазмун ва моҳияти масъалаҳои ҳуқуқии дар «Насиҳатнома»-и Тоҳир инъикосёфтаро метавон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд:

а) Масъалаҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои халқ нигаронида шудаанд. Андешаи он, ки дар ин ҳуҷҷат ҳуқуқи халқ ва дифоъ аз ҳаққи мардум дар ҷойи якум қарор дорад, ҳеҷ иштибоҳе набувад. Зеро, моҳияти насиҳатҳои Тоҳир баҳри он равона шудааст, то писараш Абдуллоҳ зимни идора намудан ба ҳаққу ҳуқуқи мардум арҷ бигзорад ва онҳоро ҳифз намояд, ки мазмуни ин гуфтаҳоро метавон дар ишораҳои зерин пай бурд: «...ва адолат бо бандагон ва иҷрои ҳаққу ҳудуди хешро миёни онҳо ва дифоъ аз эшон ва ҳаримашон ва бақояшон ва ҳифзи хунҳояшон ва таъмини рифоҳи маошашонро лозим шумурда...» [89, с. 308].

б) Масъалаҳое, ки баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа равона шудаанд. Яке аз унсурҳои муҳимми давлатдорӣ ва идора намудани ҳокимият, ин таъмини адолат маҳсуб меёбад, ки «Насиҳатнома» онро ба таври возеҳ муқаррар кардааст. Масалан, ишора мегардад, ки «ҳеҷ касро аз амале, ки бад-ӯ месупорӣ, аз ӯ пеш кори вайро маълум дорӣ, бо туҳмат бар мадор, ки туҳмат задан бар бегуноҳон ва бадгумонӣ нисбат ба онҳо гуноҳ аст» [89, с. 310]. Яъне, ҳадаф инҷо таъмини адолат нисбат ба шахсоне мебошад, ки ба туҳмати ноҳақ гирифтор шудаанд ва шоҳ бояд ин масоилро дуруст дарк намуда, зимни

ҳақиқатошкорсозӣ бояд волоияти адолати воқеиро дар ҷойи аввал гузорад.

в) Масъалаҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсон бахшида шудаанд. Албатта, ҳуқуқ ва озодӣ дар ҳама марҳила, махсусан дар асрҳои миёна ба сифати унсури бунёдии давлатдорӣ шинохта мешуд, ки инро Тоҳир ба хубӣ дарк намуда, дар «Насиҳатнома»-и хеш ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. Дар ин ҳуҷҷати муҳимми давлатдорӣ ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони ба ҳимоя эҳтиёҷманд диққати бештар зоҳир шудааст. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки «барои беморон хонаҳо ба по дор, ки паноҳашон диҳанд ва касон баргумор, ки ба онҳо меҳрубонӣ кунанд ва табибон, ки бемориҳояшонро илоҷ кунанд». Ин ҳолат шаҳодат аз амалӣ гардидани ҳуқуқи шахс ба саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии он аз ҷониби ҳокимиятро медиҳад. Дар ҷойи дигар, сухан оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои маъюбон, занони танҳомонда ва ғамхорӣ кардан нисбат ба маҷруҳон меравад, ки онро чунин тасвир карда: «ҷанговарон ва ятимону бевагонашонро биҷӯй, барои онҳо аз байтулмол муқаррарӣ бинеҳ ва дар кори утуфату некӣ ба онҳо ба амири муъминон, ки худояш азиз дорад, иқтидо кун, то бад ин василa худой маишати онҳоро сомон диҳад ва туро баракату фузунӣ диҳад» [89, с. 313]. Маълум мегардад, ки «Насиҳатнома» бо назардошти ҳуқуқи мусулмонӣ, ки аллакай дар асрҳои миёна ҳамчун низоми ҳуқуқии мукаммал мавриди истифода қарор мегирифт, таҳрезӣ шудааст. Бо ин мақсад, дар меъёрҳои ҷудогонаи он моҳияти меъёрҳои инсондӯстӣ, ки баҳри ғамхорӣ намудан ба аҳолии ниёзманд равона шудаанд, талқин мегардад.

г) Масъалаҳое, ки ҷиҳати таъмин кардани ҷазо ба шахси гунаҳгор бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи инсон равон шудаанд. Ҳимояи ҳуқуқи шахс тавассути татбиқи ҷазо яке аз василаҳои таъмини адолат дар ҷомеа маҳсуб ёфта, дар «Насиҳатнома» ба он диққати бештар равон шудааст. Муҳаққиқони ватанӣ ба ин масъала аҳаммият дода, ишора менамоянд, ки муносибати оштинопазир нишон додан бо ҷинояткорон ва золимон яке аз талаботҳои бунёдии «Насиҳатнома» буда, дар он истилоҳҳои

«гунохеро сабук магир», «ба бадкор раҳм макун», «суханчинро бовар мадор», «хиёнаткорро ба аминӣ машумор», «ботилро мапазир» ва «бо тарсу бим аз золим дармагузар» бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар баробари масъалаҳои ишорашуда, боз даҳҳо масъалаҳои дигар ба назар мерасанд, ки дар «Насиҳатнома»-и Тоҳир ибни Ҳусайн ба онҳо аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст. Мазмун ва моҳияти масъалаҳои дар «Насиҳатнома» ишорашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки Тоҳириён дар аҳди худ ба танзими муносибатҳои марбут ба ҳуқуқи инсон диққат дода, ҷиҳати таъмини адолат дар низоми идоракунӣ талош менамудаанд.

Ҳуқуқи инсон дар замони давлатдорӣ ва мавҷудияти Сомониён низ аз ҳимояи ҳокимияти давлатӣ бархӯрдор буд, ки инро таҳқиқотҳои бунёдии илмӣ шаҳодат медиҳанд. Дар аҳди Сомониён ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳолии мулкӣ бештар мавриди ҳимояи ҳокимияти давлатӣ қарор мегирифт ва он заминаи муҳимро баҳри нигоҳ доштани давлати мазкур ба миён овард. Такя намудан ба аҳолӣ ва таъмини адолат нисбат ба онҳо заминаи мусоидро баҳри ташаккули ҳуқуқҳои инсон дар марҳилаи мазкур гузошта, заминаи воқеиро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи инсон тавассути соҳаҳои ҳуқуқ ба миён овард. Муҳаққиқи ватанӣ Р.С. Одиназода ишора ба ҷой доштани институти алоҳидаи ҳимояи ҳуқуқи инсон бо номи институти мазолим дар аҳди мазкур карда, вазифаи онро бо ниҳоди муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон монанд баҳогузорӣ мекунад [59]. Албатта, дар ташаккули ҳуқуқҳои инсон дар ин давлат, нақши низоми ҳуқуқии ҳанафӣ назаррас мебошад, ки онро асари гаронбаҳои А.Ҳ. Самарқандӣ – «ас-Саводул-аъзам» башорат медиҳад.  Бояд ишора кард, ки мавҷудият ва амалӣ шудани ҳуқуқҳои инсон дар аҳди мазкур, агар аз як тараф ба меъёрҳои динӣ алоқамандӣ дошта бошад, аз тарафи дигар аз содир намудани фармонҳои подшоҳон, ки дар эътирофи ҳуқуқҳои инсон ва ҳимояи онҳо нақши муҳим доштанд, вобаста буд.

Бояд зикр намуд, ки ҳуқуқи инсон дар ин марҳила, яъне дар замони давлатдории Сомониён тавассути соҳаҳои ҷудогона мавриди танзим қарор мегирифт. Ба сифати соҳаҳои асосӣ метавон ҳуқуқи давлатӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии муосир), ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи заминистифодабарӣ, ҳуқуқи истифода бурдани об, ҳуқуқи шартномавӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ғайраро дохил намуд.

Низоми ҳуқуқӣ ва раванди идоракунӣ тавассути меъёрҳои динӣ амалӣ гардида, шоҳ уҳдадор буд то адолати судиро таъмин намуда, ҳокимиятро идора кунад ва тавассути амру фармонҳои худ ваколати қонунгузориро пиёда созад. Новобаста аз он ки низоми ҳуқуқии марҳилаи мазкур ба меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ итоат менамуданд, аммо баъзан мушоҳида мешавад, ки дар танзими муносибатҳои ҷудогона меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва махсусияти танзими ҳуқуқи инсонро дар ин марҳила ифода менамояд. Масалан, дар асоси меъёрҳои исломӣ духтарону писарон аз синни 9-12-солагӣ соҳиби ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ гардида, ҳуқуқи бастани ақди никоҳро соҳиб мешуданд, аммо дар аҳди Сомониён ин қолабро қисман дигаргун намуда, ба баъзе ахшос ҳаққи аз 15-солагӣ соҳиби қобилияти амалкунӣ гардидан ва бастани ақди никоҳро муқаррар карданд. Аммо, доир ба ин масъала миёни муҳаққиқон андешаҳои мухталиф ҷой дошта, баъзан синни никоҳро барои занон аз 9-17-солагӣ ва барои мардон аз 12-19-солагӣ арзёбӣ менамоянд. Дар баробари ин, дар низоми муносибатҳои ҳуқуқи оилавии давраи Сомониён шартҳои дигар низ вуҷуд доштанд, ки ҳангоми риоя шудани онҳо тарафҳо имконият ва ё ҳаққи бастани ақди никоҳро пайдо мекарданд. Ба онҳо метавон, дар никоҳи дигар набудани зан, розигӣ байни тарафҳои никоҳшаванда, хешу табори наздик ва ё хунин набудани тарафҳо, ҷой доштани гувоҳ дар бастани никоҳ, дар дини ғайр набудани мард ва ғайраро дохил намуд. Инчунин, ҳолатҳои алоҳида ҷой дошт, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо имконият барои бекор кардани никоҳ ба миён меомад. Аз ҷумла, ҳангоми ватан кардан ва бедарак ғайб задани яке аз

тарафҳо, ҳангоми зиёда аз шаш моҳ нигоҳубин накардани зан аз ҷониби мард, ҳангоми талоқ додан ва ғ. Агар, муқаррароти муносибатҳои ҳуқуқи оилавии давраи мазкурро бо меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавии замони муосир таҳлил намоем, маълум мешавад, ки ҷузъи зиёди онҳо вориди қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд, ки як навъ ифодакунанда аз арҷгузорӣ ба меъёрҳои низоми ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ менамоянд.

Дар байни сарчашмаҳои расмии давлатӣ, ки дар марҳилаи мазкур рӯйи кор омадаанд, фармонҳои шоҳ Маҳмуд Ғозонхон нуфузу манзалати бештарро дар танзими муносибатҳои инсонгароёна ва таъмини ҳуқуқи инсон иҷро кардаанд. Масалан, ӯ амри махсуси худро «Оид ба эҳтироми қадру қиммати қозиҳо» ба тасвиб расонид, ки ҳамчун санади муҳимми ҳуқуқӣ баҳри танзими муносибатҳои судӣ баромад менамуд. Дар ин амр зикр карда мешавад, ки «... ба маълумоти ҳамаи басконон, маликҳо ва ононе, ки аз номи мо ҳокимият меронанд, расонида шавад, ки дар мулкҳои онҳо мо қозиҳо таъин намудаем. Ҳамаи корҳо ва баҳсҳо, ки дар он мулкҳо ба шариат дахл доранд, бояд ба зиммаи онҳо вогузор карда шавад. Қарори қатъиро қозиҳо мебароранд. Қозиҳо бояд амволи ятимон ва ғайбзадагонро ҳифз кунанд. Ҳеҷ кас, қатъи назар аз он ки ӯ кист, ҳақ надорад ба кори қозӣ дахолат намояд. Ва ҳеҷ кас ҳақ надорад гунаҳгореро, ки ӯ аз озодӣ ба ҳукми маҳбас ҷазо додааст, аз зиндон озод намояд. Онҳое, ки аз шариат огоҳӣ доранд, ҳақ надоранд, ки бар зидди ӯ ва ҳукми ӯ баромад намоянд». Ин меъёр ифодакунандаи ба роҳ мондани адолати судӣ дар аҳди мазкур намуда, ҳуқуқи шахсро ба адолати судӣ ва ҳуқуқи истифода аз он, бозгӯӣ менамояд. Инчунин, дар доираи фармони мазкур ҳаққи бо роҳи зӯрӣ, таҳдид ва маҷбурият дидани парвандаҳо аз ҷониби қозӣ манъ карда шуда, ашхоси ӯро ба ин кор водоркунанда ба ҷазоҳои вазнин кашида мешуданд. Яъне, судя (қозӣ) ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақилияти комилро соҳиб буд, ки ин меъёр имрӯз яке аз принсипҳои асосии мурофиаи судиро ташкил дода, тавассути санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ кафолат дода

шудааст. Қисмати муҳимми ин фармонро масъалаи арзи ҳастӣ намудани қозиҳо дар маҳалҳои дигар ташкил медиҳад. Яъне, дар асоси амри Маҳмуд Ғозохон дар маҳалҳо қозиҳо таъин шуда, адолатро ба амал мебаров箱данд ва фаъолияти онҳо аз ҷониби қозиҳои шаҳр ва ё вилоят зери назорат қарор гирифта, моҳе мавриди санҷиш қарор дода мешуд. Аз мазмун ва моҳияти фармони мазкур бармеояд, ки ҳадафи асосӣ ин барқарор кардани адолат дар байни мардум ва аз байн бурдани беадолатӣ, зӯрӣ, маҳдудкунии даъвоҳои беасос ва ғ. маҳсуб меёфт.

Дар радифи сарчашмаҳои мазкур, боз сарчашмаҳои динӣ ҷой доштанд, ки ифодакунанда ва танзимкунандаи ҳуқуқи инсон буданд. Зеро, дар асрҳои миёна тоҷикон тавассути низоми ҳуқуқии исломӣ фаъолияти қонунгузорӣ ва танзими муносибатҳоро ба роҳ мемонданд. Баъди ба Осиёи Марказӣ ворид шудани арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом, дар минтақа низоми ҳуқуқии нав, яъне низоми ҳуқуқии исломӣ ва ё мусулмонӣ ба вуҷуд омада, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро бо назардошти фарҳанги ҳуқуқи исломӣ ба танзим даровард. Низоми ҳуқуқии мусулмонӣ дар заминаи Қуръон ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба амал баровар да мешавад. Бояд ишора намуд, ки дар Қуръон як қатор ҳуқуқҳои инсон мазмун ва моҳияти худро пайдо намудаанд, ки мо онҳоро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Яке аз сарчашмаҳои расмии таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ин марҳила, ки таъсири фарогири тамаддуниро касб кард Қуръон ба ҳисоб мерафт. Қуръон – сарчашмаи нахустин, асосӣ ва аввалиндарҷа дар ҳуқуқи мусулмонӣ мебошад. Ин китоби муқаддас дар баробари меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, ҳамзамон дар худ меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ, махсусан меъёрҳои ифодакунандаи ҳуқуқи инсонро ҷой додааст. Муҳаққиқони ҳуқуқи мусулмонӣ ишора менамоянд, ки зиёда аз 500 ояти Қуръон дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, қисми бештари онҳо ба ҳуқуқи инсон алоқамандӣ доранд. Дар Қуръон ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил,

ҳуқуқ ба ҳимоя ҳангоми пиронсолӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи ятимон ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон танзими ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд [81, с. 330-334].

Дар низоми ҳуқуқи исломӣ, махсусан дар сарчашмаҳои танзимкунандаи он, зумраи ҳуқуқҳои бунёдии инсон танзим шудаанд, ки мо онҳоро ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

– **Ҳуқуқ ба ҳаёт.** Оғози ҳаёт дар ояти 1-уми сураи инсони Қуръон чунин омадааст: «Оё муддате бар инсон (дар раҳми модар ба гунаи нутфа ва ҷанин) гузаштааст ва ӯ чизи қобили зикр набудааст?!». Давоми он дар ояти 14-уми сураи муъминини Қуръон оварда шудааст: «Он гоҳ аз он нутфа лахтахуне офаридем ва аз он лахтахун порагӯште ва аз он порагӯшт устухонҳо офаридем ва устухонҳоро ба гӯшт пӯшонидем; бори дигар ӯро офаринише дигар додем…».

Дар тафсири ояти 14-уми сураи муъминини Қуръон чунин гуфта мешавад: «Офаридгори оламиён дар ояти мазкур хабар додааст, ки он нутфаи сафедрангро дар бачадони зан бо тухмҳуҷайра бархӯронда, бордор гардонидаем ва бо гузашти вақти муайян ба он шакли хуни баста (алақа)-ро додем. Сипас бо гузашти муддате хуни бастаро бузургтар гардонида, ба он намуди музға (гӯштпораи хоидашуда)-ро додем. Баъдан бо мурури замон он гӯштпораро бо устухонҳои бо ҳам пайваст табдил додем. Сипас ҳар устухонеро мувофиқ ба вазифаи он гӯшт пӯшонидаем. Баъд дар ҷанин рух (ҷон) дамидем. Пас он куллан ва моҳиятан дигар шуд. Онро ба накӯтарин андом ва шакл даровардем ва ба дунё овардем. Муфассир Имом Фахри Розӣ дар шарҳи ин қисми оят мегӯяд: «Худованд онро ба сурате даровард, ки бо офариниши аввал (ҳолати ҷанин)-ӣ фарқ дорад. Қаблан ҷанин буд, вале акнун ба сурати инсон даромадааст; бе забон буд, аммо акнун инсони гӯё аст; ношунаво буд, аммо шунаво гашт; нобино буд, аммо акнун мебинад. Дар аъзои инсон аҷоибот ниҳод. Ҳикматҳое дар ҳар узви инсон ҷо гардонид, ки васфкунандагон аз васфи он оҷизанд». Дар охири ояти мазкур Худованд фармудааст, ки пас Худованд Зоти бузурге аст, ки дар қудратмандӣ, тавоноӣ, санъаткорӣ ва

ҳикмат воло ва накӯтарин Офаридгор аст. Хулоса, ин ҳама нишонаҳои қудрати беҳамтои Офаридгор аст. Пас танҳо ва танҳо Худои поку тавоно ва Офаридгори оламиён сазовори ҳамду ситоишу таъзиму ибодат аст, на чизи дигар» [77, с. 195-196].

Ҳангоми омӯзишу тадқиқоти ояти 1-уми сураи инсони Қуръон, ояти 14-уми сураи муъминини Қуръон ва тафсири ояти 14-уми сураи муъминини Қуръон маълум мешавад, ки дар меъёрҳои динию ҳуқуқии китоби муқаддаси Қуръон ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва оғози он оварда шудааст. Оғози ҳаёт яке аз қисматҳои таркибии ҳуқуқ ба ҳаёт аст, ки онро дар илми муосири ҳуқуқи инсон имрӯзҳо муаррифӣ намуда истодаанд. Маълум мешавад, ки он заминаи худро аз китоби муқаддаси Қуръон гирифтааст.

Дар китоби Қуръони карим омадааст, ки зан вақте исқоти ҳамл менамояд, ин гуноҳи азим мебошад. Онро аз лаҳзаи ҷанин дар батни модар пайдо шуданаш то чормоҳа (120 рӯза) шудани ҷанин дар батни модар мувофиқ медонанд. Оғози ҳаёти инсон на ба лаҳзаи таваллуд, балки ба марҳилаи муайяни инкишоф дар батни модар рост меояд. Вале муносибати тамаддунҳои мухталиф ба ин масъала то ҳол гуногун аст. Таълимоти исломӣ оғози ҳаётро ба 120-рӯза шудани ҷанин дар батни модар мувофиқ медонад. Зеро ҳадисе аз Пайғамбари Ислом боқӣ мондааст, ки тибқи он ҳангоми чормоҳа шудани тифл дар батни модараш, чор малоика назди ӯ омада тақдирашро китобат менамоянд. Вақте тақдири шахс китобат мешавад, чун фард шинохтани ӯ лозим мегардад. Пас, аз нигоҳи Ислом оғози ҳаёт маҳз ба ҳамин марҳилаи инкишофи ҷанин рост меояд [27, с. 52].

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқии давлатҳои дунявӣ бошад оғози ҳаёт аз лаҳзаи зинда ба дунё таваллуд шудани тифл (кӯдак) эътироф карда мешавад.

– **Ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ва эҳтиром.** Дар ояти 58-уми сураи аҳзоби Қуръон чунин омадааст: «Ва касоне, ки мардони муъмину занони

муъминро бе ҳеҷ гуноҳе, ки карда бошанд меозоранд, пас дар ҳақиқат, туҳмату гуноҳи ошкореро бар дӯш мекашанд».

Дар тафсири ояти 58-уми сураи аҳзоби Қуръон чунин гуфта шудааст: «Худованд дар ин оят фармуд, ки касоне, ки ба мардон ва занони бо имон, ки ҳеҷ кори гуноҳ накардаанд, озор мерасонанду меранҷонанд, гӯё дурӯғ, буҳтон ва гуноҳи бузургеро бар дӯши худ бардоштаанд. Аммо, агар мусалмоне гуноҳ содир кунад ва дар асоси ҳукми қозии шариат барои шахси гунаҳкор қасос ё таъзир лозим шавад, иҷрокунандаи ҳукм таҳти ваъдаи ояти мазкур дохил намешавад. Дар ин хусус Имом ибни Абуҳотим аз Оиша (р) ҳадисеро чунин ривоят кардаанд: «Рӯзе Расулаллоҳ (с) аз саҳобагон пурсиданд, ки бадтарин рибо дар назди Худованд чист?» Саҳобагон гуфтанд: «Ба ин савол Аллоҳ ва Расули ӯ донотар аст». Расулаллоҳ (с) гуфтанд: «Бадтарин рибо назди Худованд, обурӯи мусалмонеро рехтан аст». «Оре! Озори шахсони муъмину мусалмон, ки дӯстони Худованд ба ҳисоб меравand, ба озор додани Худованд баробар аст. Шахсонеро, ки доимо дар пайи озори мусалмонон мекушанд, Худованд чӣ гуна азоб мекунад. Худаш хубтар медонад» [77, с. 209-210].

Аз омӯзишу таҳқиқи ояти 58-уми сураи аҳзоби Қуръон, тафсири ояти мазкур ва муқоисаи ҳуқуқии онҳо бо ҳуқуқ ба эҳтироми (дахлнопазирии) шахсият дар илми муосири ҳуқуқи инсон ошкор карда мешавад, ки дар ояти мазкур ҳуқуқи инсон ба эҳтироми (дахлнопазирии) инсон (муъмину мусулмон) кафолат дода шудааст. Ба ақидае омадан мумкин аст, ки қолаби муосири «ҳуқуқи инсон ба эҳтироми (дахлнопазирии) шахсият», кафолати он дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ «Оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар навъи ҷазо ва муносибати инсонӣ ва пастзанандаи шаъну этибор, моддаҳои алоҳидаи конститутсияҳои давлатҳои муосири ҷаҳон, қонунгузориашон оид ба ҳуқуқи мазкур сарчашма аз ин ояти Қуръон гирифтааст. Ба ин гуфтаҳо

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон ба эҳтироми (дахлнопазирии) шахсият мисол шуда метавонад.

– **Ҳуқуқ ба моликият ва мерос.** Қуръон занро аз олами нестӣ ба ҳастӣ берун баровarda, аз объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба субъекти комилҳуқуқ мубаддал гардонид. Пайғамбари ислом бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, одатҳои нангини ҷоҳилиятро, аз қабили зинда гӯронидани духтарон ва тариқи ашё ба мерос гузаштани занҳоро манъ намуда, бар зидди бехудоён ва бисёрхудоёни ҷоҳилӣ, ки занро дар зиндони асорат ва беҳуқуқӣ нигоҳ доштан мехостанд, муборизаи оштинопазирро оғоз намуд. Мақоми занро баланд бардошт. Ҳуқуқ ба моликият ва меросро бар занон эълон намуд. Мувофиқи афкори ҷоҳилият ҳар марде, ки бар китфи бевазан ҷома мепартофт, зан ҳамчун ашё ба он мард дода мешуд. Абулфатҳ ривоят мекунад, ки Авс бинни Собити Ансорӣ вафот ёфт, аз ӯ як зан, ду духтар ва ду писари амма боқӣ монд. Писарони амма тамоми амволи Собитро ба пуррагӣ гирифтанд (ба тариқи мерос) чизе ба зан ва духтарон надоданд, зеро дар ҷоҳилият одат чунин буд, ки занон ва кӯдакон аз мерос маҳрум буданд. Мол ба касе медоданд, ки ӯ ба шутур савор шуда, ба корзор мерафт ва ғанимат меовард. Он зан бо ду духтар гирякунон ба назди Расули Акрам рафтанд ва аз воқеият ӯро огоҳ карданд. Ва гуфтанд, ки моро чизе нест, мо се нафар бе ягон ризку рӯзи мондаем, ҳамаи молу ҳолро ду писари аммаи шавҳари марҳумам гирифтаанд. Пас аз нолаю зории зан ривоят мекунанд, ки сураи нисо, ояи 7 нозил шуд: «Аз ҳар чи падару модар ва хешовандон ба мерос мегузоранд, мардонро насибест. Ва аз он чи падару модар ва хешовандон ба мерос мегузоранд, чӣ андак ва чӣ бисёр, занонро низ насибест».

Қуръон дар ояти 127-уми сураи нисо барои аз байн бурдани одатҳои бади замони ҷоҳилият муқаррароти зеринро пешбинӣ намудааст: «Аз ту дар бораи занон фатво мехоҳанд. Бигӯ: «Худо дар бораи онон ба он чӣ дар ин китоб бар шумо хонда мешавад, фатво додааст. Ин фатво дар боби онҳо ва занони падармурдаест, ки ҳаққи муқаррарашонро

намепардозед ва мехоҳед онҳоро ба никоҳи худ дароваред ва низ дар боби кӯдакони нотавон аст. Ва бояд, ки дар бораи ятимон ба адолат рафтор кунед ва ҳар кори неке, ки анҷом медиҳед, Худо ба он огоҳ аст».

Дар ин китоби муқаддас меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон ба мерос гузоштан ва мерос гирифтан омадааст. Дар он омадааст, ки мерос гузоштан ба фарзандон ё ба фарзандони падар, агар меросгузор фарзанд надошта бошад, пас ба падару модар гузошта метавонад, агар падару модар низ дар қайди ҳаёт набошад пас мерос ба давлат мегузарад.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ нисбат ба тифлоне, ки аз падару модар бармаҳал ҷудо мегарданд, бетараф намебошад, зеро табиати инсонӣ ва ҷомеаи инсонӣ нигоҳубини ятимон ва парастории онҳоро аз аҳди қадим то ба имрӯз заминаи адолати иҷтимоӣ меҳисобад. Нақши Қуръон дар амалӣ намудани ин таҳкурсии адолати иҷтимоӣ дар давлатҳои Шарқи мусулмонӣ бениҳоят калон аст.

Дар сураи нисо ояти 6-и Қуръон омадааст, ки ятимонро биозмоед, то он гоҳ, ки ба синни заношӯӣ расанд, пас агар дар онон рушде ёфтед, амволашонро ба худашон вогузоред. Ва аз бими он ки мабодо ба синни рушд расанд, амволашонро ба ноҳақ ва шитоб махӯред. Ҳар ки тавонгар аст, бипарҳезад ва ҳар ки бенавост, ба он андоза, ки урф тасдиқ кунад, бихӯрад. Ва чун амволашонро таслимашон кардед, касонеро бар онон ба шоҳидӣ гиред ва Худо барои ҳисоб кардан кофист.

Худованд дар ин оят ба парасторон дастури дигаре дар бораи сарнавишти моли ятим дода, мефармояд, ки ятимон ба сарҳади никоҳ (балоғат), ташкили оила расанд ва мехоҳед, ки моли ятимонро ба онҳо супоред, аввалан онҳоро озмоиш кунед, оё онҳо мустақиланд дар моли худ ҳамчун тасоруф карда метавонанд, ё на. Агар дар онҳо ҳусни тадбиру кордониро ёфтед ва ба боварии шумо даромаданд, ки акнун онҳо молу ҳоли худро соҳиб шуда метавонанду ҳушёранд, метавонед молҳои дарихтиёрдоштаи онҳоро ба онҳо бидиҳед. Назди Абуҳанифа ҳар гоҳ ятимони ба синни 25-солагӣ мерасиданд, хоҳ онҳо фаҳму фаросати масрафи молро доштанд ё на, сарпарастонро лозим аст, ки

молҳояшонро баргардонанд. Аммо назди ҷумҳури уламо ин аст, ки то аҳлияти ятим собит нашавад, яъне то суду зиёнро фарқ накунанд аз уҳдаи ҳифзу тадбири моли худ набароянд дар кадом синне, ки бошанд ба онҳо молҳояшро супорида намешавад [77, с. 259].

Аз сураи нисо ояти 6-и Қуръон ва тафсири он ҳуқуқи инсон ба мерос, нигоҳубини молу мулки ба мерос гузошташуда, супоридани мерос ба соҳибмулк ҳангоми ба балоғат расидани ӯ ошкор мешавад. Аз онҳо инчунин уҳдадории парастор нисбати ноболиғи дар парастиши ӯ қарордошта, идора намудани молу мулки меросгир (ятими ноболиғ) бармеояд.

– **Муқарароти тақсимоти мерос дар меъёрҳои исломӣ дар Қуръон.** Дар сураи нисо ояти 11-и Қуръон омадааст, ки Худо дар бораи фарзандонатон ба шумо супориш мекунад, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст. Ва агар духтар бошанд ва беш аз ду тан, аз се ду ҳиссаи мерос аз онҳост. Ва агар як духтар бувад, нисф барад ва агар мурдаро фарзанде бошад, ҳар як аз падару модар аз шаш як ҳиссаи меросро барад. Ва агар мурда фарзанде надошта бошад ва меросбарон танҳо падару модар бошанд, модар аз се як ҳиссаи меросро барад, (боқии мерос аз они падар аст). Аммо агар мурда бародарон дошта бошад, саҳми модар пас аз анҷоми васияте, ки карда ва баъди пардохти қарзи ӯ аз шаш як ҳисса бошад. Ва шумо намедонед, ки аз падарону писаронатон кадом як шуморо судмандтар аст. Ҳисса муъайян карда шуд аз ҷониби Худо. Албатта, Худо донову ҳаким аст!

Ҳуқуқи инсон ба мерос дар Қуръонро ин тафсири ояти 11-и сураи нисои Қуръон метавонад хулосабарорӣ намояд: Худованд дар ин оят мефармояд: 1) Агар майит баъд аз сари худ як писару ду духтар дошта бошад, мерос байни ин фарзандон нисфаш ба писар дода шавад ва нисфи дигараш байни ду духтар тақсим карда мешавад; 2) Агар майитро як писару як духтар бошад моли меросро баробар тақсим намуда, ду ҳисса ба писар мерасад ва як ҳисса ба духтари ӯ мерасад. Яъне, шариат ҳаққи писарро ду баробари ҳаққи духтар таъин кардааст; 3) Агар майит баъди

сари худ ду духтар ё зиёда аз онро гузорад ҳаққи онҳо аз моли мерос аз се ду ҳисса аст; 4) Агар майит баъди сари худ танҳо як духтарро боқӣ гузорад, барои он духтар нисфи моли падар ҳамчун мерос мерасад; 5) Агар як писар монда бошад, барои ӯ ҳамаи моли мерос мерасад. Дар сурате ки майит аз худ як фарзанд ё якчанд фарзанд (духтар хоҳ писар) ва падару модари худро гузорад, дар ин сурат барои падару модари ӯ шаш яки моли мерос мерасад; 6) Агар майит ба ғайр аз падару модар фарзанде нагузоштааст, фақат меросбари ӯ падару модараш бошанд, модар аз се як ҳисса аз моли мероси писари худро соҳиб мешавад, ду ҳиссаи он ба падараш мерасад. Дар сурате ки майит ба ғайри бародарон ва модар касеро нагузошта бошад, дар ин сурат модараш низ аз шаш яки мерос ҳақбар аст; 7) Агар дар ҳамин сурат падари майит зинда бошад, ба бародарон ҳеҷ чиз намерасад, балки боқиро падари майит соҳиб мешаваду бародарон фақат сабаб мешаванд, ки ҳаққи модар аз се як ба шаш як бадал шавад; 8) Агар бародар ё як хоҳару модарро гузошта бошад, дар ин сурат модар аз сеяк ва падар аз се ду ҳисаи онро соҳиб мешавад [77, с. 265-268].

Исботи гуфтаҳои болоро ривояти мазкур тасдиқ менамояд: Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ ривояте аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ омадааст, ки мегӯяд: ман дар қабилаи Бани Салама чун хоби ғафлат (беҳуш) монда будам, Расулаллоҳ (с) ҳамроҳи Абубакр (р) ба дидани ман омаданд. Расулаллоҳ (с) маро дар чунин ҳолат диданд, барои таҳорат об пурсиданд ва аз он об болои ман пошиданд, ман ба худ омада гуфтам: ай Расули Аллоҳ, чӣ амр мекунӣ дар моли ман? Дар ҳамин асно Аллоҳ таъоло ояти мазкурро, ки дар нахуст ҷумлаи он: «Васият (ҳукм) мекунанд, ки моро Аллоҳ дар ҳаққи авлоди худ, ки барои як мард ба монанди ду зан аст…»-ро нозил кард [77, с. 267-268].

– **Ҳуқуқи озодона ташкил намудани оила.** Дар сураи Нисо, ояти 19-и Қуръон омадааст, ки эй касоне, ки имон овардаед, шуморо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон мерос бибаред. Ва то қисмате аз он чиро, ки ба онҳо додаед, бозпас ситонед, бар онҳо сахт магиред, магар он ки

муртакиби фаҳшои ошкоре шаванд ва зиндагонӣ кунед бо занон ба ваҷҳе писандида. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чӣ басо чизе, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле, ки Худо хайри бисёре дар он ниҳода бошад.

Дар сураи нисо ояти 20-уми Қуръон омадааст, ки агар хостед, зане ба ҷойи зане дигар бигиред ва ӯро моли бисёре додаед, набояд чизе аз ӯ бозситонед. Оё ба занони худ зулм ва дурӯғ раво медоред, то маҳрашонро бозпас гиред? Ин гуноҳе ошкор аст!

Дар қисми ояти қаблӣ барои мард Офаридгор дар Қуръон уҳдадори гузошт, ки зан писанди мард набошад ҳам, бо сабр бо ӯ рӯзгорро бо умедиояндаи нек ба пеш барад.

Аммо оятҳои мазкур мефармоянд, ки ҳар чи қадар сахт ҳаракат кардед, натиҷае набахшид, акнун метавонед ӯро ҷавоб дода, ба ҷои ӯ зани дигареро биёред, аммо моли ҷоҳилиятро ба кор набаред! Дар замони арабҳои ҷоҳилият одати мардон чунин будааст, ки агар марде мехост занеро ҷавоб диҳад, зани бечораро туҳмат мекард, то ин ки ӯ маҷбур шавад маҳри гирифтаашро диҳаду худро халос созад. Чун мард он молро мегирифт онро барои маҳри зани нав ба кор мебурд. Дини ислом занҳоро аз ин зулм озод намуда, мақоми онҳоро баланд бардошта гуфт, ки агар ёфтед ҳамсари дигареро барои ҷойнишини ҳамсаратон гардад, агар ба ӯ ба унвони маҳр ё ҳадя, ҳатто қинтор (моле, ки аз ҳад зиёд аст, ё қинторро 100 ралт гуфтаанд, як ралт баробари дуним кило тилло аст) дода бошед ҳам, онро боспас нагиред! Яъне, мард зани худро аз рӯйи бемайлии худ талоқ доданӣ бошад, дигар ба ӯ ҳалол нест он чиро, ки ба зан ҳадя ё маҳр додааст, агар он чи ҳам бошад, аз он талаб кунад [77, с. 280-281].

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ, мардон ва занон ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқҳои баробар доранд. Дар асоси Кодекси оилаи ҶТ, якчанд ҳолати бекор кардани ақди никоҳ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, бо розигии тарафҳо дар мақомоти САҲШ, дар мақомоти судӣ ва дигар асосҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст.

Дар ояти 23-юми сураи нисои Қуръон омадааст, ки модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародаронатон ва духтарони хоҳаронатон ва заноне, ки шуморо шир додаанд ва хоҳарони ширхораатон ва модарони занонатон бар шумо ҳаром шудаанд. Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд, ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед, бар шумо ҳаром шудаанд. Вале агар ҳамбистар нашудаед, гуноҳе муртакиб нашудаед. Ва низ занони писароне, ки аз пушти шумо ҳастанд, бар шумо ҳаром шудаанд. Ва набояд ду хоҳарро дар як замон ба занӣ гиред, магар он ки пеш аз ин чунин карда бошед. Албатта, Худо омурзанда ва меҳрубон аст.

Баъди ҳукми ҳаром будани никоҳи модарандар дар ояти мазкур ҳукми ҳаром будани чанд тоифаи занҳоро (чи аз ҷиҳати насаб ва чӣ аз ҷиҳати разоъ ва чи ба василаи пайванди хешовандӣ), Офаридгор ишора намуда, фармудааст: 1) барои шумо модаронатон, яъне никоҳи модари худ ва модарони ӯ ва модари падар (болотар аз онҳо низ), ҳаром ҳукм шудааст, зеро модаркалонҳо низ модаранд; 2) барои инсон духтарҳои худ ва фарзандони онҳо ҳарчанд поён раванд; 3) хоҳарон чи модарӣ бошанд, чи падарӣ ва фарзандони онҳо; 4) аммаҳои худ, яъне хоҳарони падар; 5) холаҳои худ, яъне хоҳарони модар; 6) духтарони бародар; 7) духтарони хоҳар. Хулоса, никоҳи ин тоифа занҳои насабӣ барои инсон абадӣ ҳаром аст. 8-9) модари разоъӣ ҳам мисли модари насаби ҳаром аст. Масалан кӯдаке, ки ҳоло дусола нашудааст, аз зане ғайри модари худ ҳадди ақал як қулт шир нӯшад, шариат он зани ширдеҳро модари қиёматӣ ҳисобида ин зан духтару писари модари ӯ барои кӯдак мисли насаб хешовандони наздик ҳисоб шуда, никоҳашонро бо ҳам нораво донистааст [77, с. 285-287].

Ҳангоми муқоисаи ҳуқуқӣ намудан ба мо маълум гардид, ки он меъёрҳое, ки дар Қуръон омадааст бо меъёрҳои замони муосир мутобиқат мекунад. Масалан, мувофиқи қонунгузории ҶТ дар Конститутсия ва Кодекси оилаи ҶТ омадаст никоҳ байни шахсоне, ки дар никоҳи дигар шахс қарор доранд, манъ шудаст. Байни хешовандони

наздик байни бародару хоҳарон, байни шахсоне, ки ба касалии руҳи гирифторанд ё ноқисулақлӣ гирифторанд никоҳ манъ карда шудааст.

– **Ҳуқуқ ва ухдадории ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар.** Дар ояти 34-уми сураи нисои Қуръон омадааст, ки мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон сардорӣ доранд. Пас, занони шоиста фармонбардоранд ва дар ғайбати шӯй афифанд (пок) ва фармони Худоро нигоҳ медоранд. Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред, панд диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон. Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас дигар роҳи зулм пеш магиред. Ва Худо баландпояву бузург аст!

Дар тафсири ояти 34-уми сураи нисои Қуръон гуфта мешавад, ки тартибу низоми ҳар як оила, агарчанде хурд бошад ҳам, ба як ҷомеаи бузурге, ки таҳти фармони як роҳбар итоат доранд, шабоҳат дорад. Бинобар ин, ҳар як оила бояд роҳбар ё як сарпараст дошта бошад. Агар роҳбари оила ҳам мард ва ҳам зан бошад, чандон натиҷаи хуб надорад. Хулоса, хоҳ мард ё зан, бояд яке аз онҳо сардори оила ва дигаре ҳамчун муовин ва таҳти назорати сардори оила бошад. Ояти мазкур кушоду равшан мегӯяд, ки мақоми сарпарастии оила ба мард дода шавад. Ибни Касир дар тафсири калимаи «қаввомун» мегӯяд: мард бояд болои зан ҳоким бошад ва агар зан каҷравӣ кунад, одобдиҳандаи ӯ бошад ва зан он амри писандидаеро, ки шавҳараш медиҳад (то ин ки рӯзгори онҳо ба ҳараҷу мараҷ накашад), бояд итоаткунанда бошад. Сабаб он аст, ки Аллоҳ таъоло бархе аз мардумро бар баъзе бартарӣ додааст… [77, с. 304-307].

Баъди муқоиса намудани меъёрҳои ҳуқуқии Қуръон бо меъёрҳои қонунгузории ҶТ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки оила ва ташкили он ҳам дар ҳуқуқи исломӣ ва ҳам дар ҳуқуқи давлатҳои дунявии муосир дар мадди аввал гузошта шудаанд.

– **Ҳуқуқи бекор кардани никоҳ.** Дар ояти 236-уми сураи бақараи Қуръон чунин омадааст: «Агар занонеро, ки бо онҳо наздикӣ накардаед

ва маҳре барояшон муқаррар надоштаед, талоқ гӯед, гуноҳе накардаед. Вале онҳоро ба чизе баҳраманд созед: тавонгар ба қадри тавонаш ва тангдаст ба қадри тавонаш баҳраманд созанд ба ваҷҳе матлуб (урфи мардум). Ин корест шоистаи некӯкорон». Дар ояти 237-уми сураи мазкур давоми он чунин оварда шудааст: «Агар барояшон маҳре муайян кардаед ва пеш аз наздикӣ, талоқашон медиҳед, нисфи он чӣ муқаррар кардаед, бипардозед, магар он ки онҳо (занон) худ ё касе, ки ақди никоҳ ба дасти ӯст, онро бубахшад. Ва бахшидани шумо ба парҳезгорӣ наздиктар аст. Ва фазилатро миёни худ фаромӯш макунед, ки Худо ба корҳое, ки мекунед, биност!». Дар тафсири оятҳои 236 ва 237-уми сураи бақараи Қуръон чунин гуфта шудааст: «Аз мазмуни ин ду оят маълум шуд, ки таъини маҳр пеш аз никоҳ ё баъд аз никоҳ тафовуте надоштааст. Бинобар ин, зимни ин оят Аллоҳ таъоло фармудааст, ки агар марде зани худро пеш аз омезиш, лекин, баъди таъини маҳру мусаммои ӯ талоқ диҳад, гуноҳе нест, лекин дар чунин сурат мардро лозим аст, ки нисфи маҳри номбурдашударо ба зан бидиҳад. Агар баъди хилвати саҳеҳа, талоқ воқеъ шавад, ҳамаи маҳру мусамморо ба зан адо намудан лозим аст. Магар зани мазкура, ё шахсе, ки уҳдаи никоҳ ба ихтиёри ӯст, ҳамчун валии зан маҳрро бахшад, дар ин сурат маҳр аз мард соқит аст. Агар тамоми маҳрро мардон қаблан пардохта бошанд, дар чунин сурат аз нисфи дигари он сарфи назар кунанду бахшанд, гуноҳе нест. Агар нисфро бипардозанд, ё ин ки зан ё валии зан маҳрро авф кунад, чунин амал ба парҳезгорӣ ва тарси Худо наздик аст» [77, с. 337-339].

Дар ояти 240-уми сураи бақараи Қуръон омадааст: «Мардоне аз шумо, ки мемиранд ва заноне бар ҷой мегузоранд, бояд, ки дар бораи занони худ васият кунанд, ки нафақаи онҳоро ба муддати як сол бидиҳанд ва аз хона берунашон накунанд. Пас агар худ хориҷ шаванд, бо нияти шоистае (яъне никоҳ ба таври шаръӣ), гуноҳе бар шумо нест. Ва Худо ғолибу ҳаким аст».

Дар тафсири ояти 240-уми сураи бақараи Қуръон чунин омадааст: «Ояти мазкур навъи иддаи занонро, ки дар аввали Ислом буд, баён

мекунад. Яъне, касоне, ки дар остонаи марг ҳозир мешаванд ва як зан, ё чанд зани худро баъди сари худ мегузоранд, бояд қаблан барои онҳо васият кунанд, то ин ки як сол аз молу маскани шавҳари худ истифода баранд. Яъне зан метавонад ва ҳақ ҳам дорад, як сол аз хона набарояд, ҳамчун рамзи садоқату вафо ба дигар шавҳар нарасаду хонаи шавҳари худ нишинад ва аз моли шавҳари вафоткардаи худ, ба воситаи ворисони ӯ нафақа хӯрад. Лекин чунин ҳукм бо ояти мероси сураи Нисо, ки саҳми занонро муайян мекунад ва бо ояти 234-уми ҳамин сура (иддаи зани шавҳараш вафотёфта 4 моҳу 10 рӯз аст) мансух (аз амал манъ) шудааст. Давоми оят фармудааст, ки онҳоро аз хонаи шавҳари вафотёфта хориҷ накунед. Лекин чунин занҳои соҳибихтиёр аз шумо розӣ бошанд, дар муддати камтар аз як сол аз хонаи шавҳари вафотёфта хориҷ шаванд, агар даст ба кори гуноҳ назананд, барои шумо (валиҳо) ҳеҷ гуноҳе нест. Масалан, агар худро зинат диҳанд, хушбӯӣ зананд, худро дар маърази хотибон (зангирандагон) арза диҳанд, ҳеҷ гуноҳе нест. Зеро баъди идда баромадан ин ҳама рухсат аст. Худованд дар тасарруфи мулки худ ғолиб аст. Ҳеҷ кас наметавонад ба муқобили иродаи Ӯ кореро анҷом диҳад. Ҳар ҳукмеро Аллоҳ таъоло ирода кунад, он ба ҳикмат ҷорӣ мешавад. Касе ба амри Ӯ амал мекунад, бурди дунё ва охират барои ӯст. Мазмуни ин оят ба чунин занҳо хабар медиҳад, ки агар аз рӯйи ҳикмати Худованд даре бар рӯйи онҳо банд шуда бошад, ҳам боз дари дигаре барои онҳо кушода мешавад. Яъне чунин занҳо баъди иддаашон, агар хоҳанд бо марди дигаре издивоҷ кунанд, ҳеҷ гуноҳу айбе нест» [77, с. 341-342].

Метавон хулоса намуд, ки дар фарҳанги ҳуқуқи исломӣ андешаи ҳуқуқи инсон бештар маврид тавассути сарчашмаҳои динии аз ҷониби таълимоти дин эътирофшуда, мавриди эътироф ва танзим қарор гирифтааст. Китоби Қуръон ҳамчун китоби асосии пайравони дин, ки мақоми баланди ҳуқуқиро доро аст, аз зумраи чунин сарчашмаҳои бунёдии хуқуқ дар ислом маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди маҳдуд бо теъдоди каме бештар аз 500 оятҳои хусусияти меъёридоштаи Қуръон, дар он мо меъёрҳои ҳуқуқии зиёдеро мушоҳида мекунем, ки онҳо бевосита

арзишҳои олии инсониро аз қабили дахлнопазирии ҳуқуқ ба ҳаёт, нангу номус, шаъну шараф, ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва ғайраро эҳтиром, арҷгузорӣ ва ҳимоя мекунанд. Аксарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки Қуръон муайян ва эътироф кардааст, дар шароити имрӯз дар қонунгузории маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ғайра мушоҳида мешаванд. Махсусан, меъёрҳое, ки фарогирандаи ҳуқуқ ба эътироф ва таъмини занону духтарон ба мерос, баланд бардоштани мақоми зан, ҳуқуқи ташкили оила, озодии интихоби ҳамсар, ҳимоя намудани шаъну эътибори инсон, дифоъ намудан аз ҳуқуқи ятимон, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои кӯдакон, танзими масоили марбут ба моликият, фарзандхонӣ ва чанде дигарон мебошанд.

## 3.2. Андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна

Таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик шаҳодат аз он медиҳад, ки андешаи ҳуқуқи инсон дар масири давлатдорӣ ва давлатсозии миллати тоҷик ба дарозои таърих расида, тавассути унсурҳои гуногун ва роҳҳои мухталиф инкишоф ёфтааст. Аз нигоҳи мо, ташаккулёбии ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик бо ду роҳ сурат гирифтааст. Яке бо роҳи расмӣ-давлатӣ ва дигаре бо роҳи маънавӣ-ҳуқуқӣ. Онҳо дар сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ ва маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ифода ёфтаанд.

Сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз китобҳои муқаддаси динӣ (Авесто, Қуръон ва диг.), Эъломияи Куруши Кабир, Хвешкори редагон (муқаррароти давлатӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакони синни томактабӣ), Шояст нашояст (амалҳои иҷозатдодашуда ва манъшуда), Қонунномаи Сосониён (мотикони ҳазор додистон), ҳадисҳои пайғамбари дини ислом Муҳаммад (с), фармонҳои амирон ва ҳокимон (Насиҳатномаи Тоҳир ибн Ҳусайн ва ғ.) иборат мебошанд.

Сарчашмаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз афкори мутафаккирони тоҷику форс иборат мебошад. Сарчашмаҳои маънавӣ-

ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ташаккулёбии инсоният, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, масъулити ӯ дар зиндагӣ нақши хеле калон доранд.

Андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асарҳои олимону мутафаккирони тоҷику форс оварда шуда, роҳи маънавӣ-ҳуқуқии инкишофи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик мебошад.

Мутафаккирони тоҷику форс шахсиятҳое мебошанд, ки дар ҷаҳон шинохта шудаанд ва асарҳояшон саршори андешаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Ҳангоми омӯзишу таҳқиқоти асарҳои ҳар як мутафаккири тоҷику форс ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки меҳвари таълимоташон гирди инсон, ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои ӯ чарх мезананд. Мутафаккирони тоҷику форс дар асарҳояшон, ашъорашон, таълимотҳояшон кӯшиш кардаанд, чизе навишта намоянд, ки ба нафъи мардум бошад, орзую омоли мардумро дар бар гирад. Дар ҳамин росто, пажӯҳишгарони ватанӣ дуруст ишора менамоянд, ки «нақши мутафаккирони ин миллат дар тарҳрезии ғояи пайвастагии ҳуқуқ бо ахлоқ, пайвастагии ҳуқуқ бо адолат ва баробарӣ ҳамчун унсури муайянкунандаи ҳуқуқ дар тамоми давраҳои таҳаввули ҳуқуқ дар марзу буми ин кишвар, хеле нодир аст. Нақши бобоёни ҳуқуқдону донишмандони бохиради ин миллати ҷавону таърихан бузург дар пойдории ҳуқуқу давлатҳои мардуми бодиянишину саҳрогарди асрҳои миёна тақдирсоз аст» [89, с. 113]. Воқеан, ҳақ бар ҷониби муҳаққиқони ватанист, ки аз воқеияти таърихӣ ва саҳмгузории тоҷикон дар роҳи шинохти ҳуқуқи инсон сухан меронанд.

Миралиев И.Қ. робитаи давлат ва шахсро мавриди баррасӣ қарор дода, андешаҳои мутафаккирони тоҷикро дар самти муайянсозии алоқаи давлат ва шахс, инчунин тавассути ҳуқуқи инсон ба ҳам пайвастани онҳоро таҳлил карда ишора менамояд, ки «назарияи мутафаккирону сиёсатмадорони ниёгони тоҷик Куруши Бузург, Анӯшервони Одил, Фаррухмард писари Баҳром, Рӯзбеҳ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абулқосими Фирдавсӣ,

Носири Хисрав, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон оид ба робитаи давлат ва шахс, ки дар заминаи таҷрибаи воқеии давлатдориҳои миллӣ ва андешаҳои илмӣ эҷод шудаанд, хусусиятҳои зерин доранд: афзалияти ғояҳои инсондӯстӣ (мақоми баланди инсон дар олам, ҳифзи эҳтироми ахлоқӣ ва эътиқодӣ нисбат ба инсон, тарғиб ва ташвиқи муносибати инсондӯстонаи ҳокимон ва мансабдорон нисбат ба инсон) ҳамчун заминаи дарки олам; бартарии усулҳои ахлоқӣ, хираднокӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ҳамчун омили аввалиндараҷаи идоракунии адолатпешаи шарқӣ дар масири таърихи халқ; инкори ақидаҳои бегонапарастона, эҳтиёт аз тамоили ғарбгароёна дар ташаккули низоми идора ва ҳифзи ҳувияти сиёсӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ; таъмини мухторияти фарҳангию ахлоқӣ аз озодии беинтиҳои шахсӣ, ки дар заминаи кашишҳои нафсонию ғайриақлонӣ сар зада, бо ахлоқу маънавиёт ягон робита надорад; робитаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсон бо давлат дар заминаи арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии ҷомеаи саодатовар; боварии комил ба неруи хирадмандӣ, созандагӣ ва эҷодгари инсонӣ, нақши инсон дар рушди ҷомеа; тарғиби назарияи давлати комил, инсони солеҳ ва ҷомеаи адлпарвар, ки дар он шаъну шарафи инсон, саодат ва ҳаёти арзандаи инсон таъмин карда мешавад» [129, с. 22].

Афкори ин мутафаккирони тоҷику форс дар таърихи ташаккулёбии ҳуқуқи инсон ҳамчун сарчашамаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон шинохта шудааст, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абунасри Форобӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Низомулмулки Тӯсӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сардафтари адабиёти классикии тоҷик буда, ба ҳайси мутафаккири тоҷику форс шинохта шудааст. Осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ», «Калила ва Димна», «Модари май» ва рубоиёт иборат буда, то ба ҳол ба мо аз ӯ зиёда аз 1000 байт омада расидааст. Осори ин шахсияти бузург

дарбаргирандаи ғояҳои ҳуқуқи инсон буда, дар онҳо арзишҳои умумиинсонӣ нуҳуфтаанд. Ашори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ саршори ҷанбаҳои ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон, омилҳои табиӣ ва иҷтимоии ҳифзи ҳуқуқҳои барҷомондагон ва пиронсолон мебошад. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар дарбори давлати Сомониён вазифаи «Маликушшуаро» («Сардори шоирон»)-ро бо сарбаландӣ иҷро мекард. Ин мансаб дар баробари сардори шоирон будан, инчунин хусусияти вазифаи мушовириро дошт. Аз маслиҳатҳои пандомези Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шакли шеъру қасида кору фаъолият ва пешравии давлати Сомониён сахт вобаста буд. Шоири бузургвор Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо як шеъри эҷодкардаи худ «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» амири давлати Сомониён – Наср ибни Аҳмадро, ки ба Ҳирот сафар карда буду, бинобар сабаби боду ҳаво ва хушманзара будани он мавзеъ дар он ҷо тули чор сол монда, ба фароғат машғул гашта буд. Амири Сомониён Наср ибни Аҳмад (864-892) чунон рафтор мекард, ки пойтахти худро гӯё аз ёд бароварда бошад, чунки давраи осоиштагӣ буд. Вазирон ва сарлашкарони амир муштоқи ёру диёр ва пазмони аёлу фарзандон гашта, майли ба Бухоро баргаштанро доштанд ва аз маликушуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ хоҳиш карданд, ки чораҷӯӣ намояд. Ӯ шеъри мазкурро эҷод кард ва дар натиҷааш амири давлати Сомониён Наср ибни Аҳмад ба пойтахти давлати Сомониён – шаҳри Бухоро баргашт.

Абунасри Форобӣ дар илм падари фалсафаи Шарқ шинохта шуда, яке аз мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс мебошад. Дар афкори Абунасри Форобӣ оид ба андешаи ҳуқуқи инсон ташкили ҷомеаи адлпарвар, роҳҳои нигоҳ доштани идоракунии адолатнок ва таъмини некӯаҳволии мардум, баробарии шаҳрвандон, озодӣ хеле хуб дида мешавад.

Ашъори Абулқосим Фирдавсӣ саршори андешаҳо оид ба баробарии инсонҳо, воситаҳои сиёсии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии инсон мебошад. Ба андешаи Абулқосим Фирдавсӣ баробарии инсонҳо аз баробарии онҳо дар назди Офаридгор маншаъ

мегирад ва ӯ пайваста таъкид менамояд, ки инсонро Офаридгор баробар офаридааст. Бинобар ин, ҳеҷ кас ва ҳеҷ мақом ҳақ надорад нисбат ба инсонҳо вобаста аз баромади иҷтимоӣ тафриқа гузорад. Ба ақидаи ӯ ҳама мулку давлатҳо, бойю гадо ва шоҳу дарвеш тобеи қудрати Офаридгор буда, назди ӯ масъуланд. Ҳамзамон, Абулқосим Фирдавсӣ иброз менамояд, ки Офаридгор инсонҳоро баробар офаридааст ва риоякунандаи ин муқаррарот дар назди ӯ мартабае дорад. Бо дарназардошти ин, подшоҳонро ба сӯйи некӣ, таъмини адолат, меҳрпарварӣ ва додгарӣ даъват мекунад [129, с. 42]. Андешаи мазкурро метавон дар қисматҳои ҷудогонаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ошкор намуд. Аз ҷумла, ӯ таъкид менамояд:

Худованди ҳастиву ҳам ростӣ,
Нахоҳад зи ту каҷживу костӣ…
Ки ӯяст бар подшо подшо,
Ҷаҳондору пирӯзу фармонраво.
Фурӯзандаи тоҷу хуршеду моҳ,
Намоянда моро сӯйи дод роҳ…[3, с. 70, 74].

Дар ашъори Абӯалӣ ибни Сино оид ба ҳуқуқи инсон зарурати фардикунонии шахсони мансабдори давлатӣ, ҳифзи саломатии инсонҳо дида мешавад. Шарофзода Р.Ш. қайд менамояд, ки «Абуалӣ ибни Сино якчанд қарн пештар аз мутафаккирони Аврупо мақом, қадр ва арзиши инсонро дар байни ҳамаи дигар мавҷудоти олам боло мебардорад» [75, с. 162]. Андеша ва афкори волои Сино дар самти шинохти инсон ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дар асарҳои безаволаш инъикос ёфтаанд, ки ҷомеаи ғарбӣ баъдан онро дар худ ҷой дод. Инчунин, Сино масъалаи дастрасӣ доштани шахсро ба ҳуқуқҳои худ, махсусан ҳуқуқи истифода аз ёрии тиббӣ баён намуда, худ баҳри муолиҷа ва табобати беморон машғул буд. Сафарзода Н.Ф. нақши Синоро дар амалӣ сохтани ҳуқуқ ба саломатӣ ва муайян намудани роҳҳои гуногуни табобат баланд арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки «омилҳои гуногун барои таҳқиқ ва ошкор намудани соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла илми тиб ба Сино кумак намудаанд,

аммо аз нигоҳи мо, заминаи асосии донишҳои ӯро дар самти муайян намудани бемориҳо, роҳҳои табобат намудани онҳо ва кашфи доруҳои табобатӣ, донишҳои тиббии давраи зардуштӣ гузоштааст. Зеро, ҳамон тавре қаблан ишора намудем, то замони ворид гардидани дини ислом дар қаламрави давлати тоҷикон аҷдодони мо пайравӣ ба дини зардуштӣ доштанд ва дар тамаддуни зардуштӣ ба ҳифзи саломатии шахс аҳаммият ва афзалияти махсус дода шуда буд» [132, с. 35]. Афкори Сино бештар маврид ба шинохти инсон ва дастгирӣ намудани ҳаққи ӯ нигаронида шудааст. Махсусан, дар қисмати эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу манфиатҳои субъектони ба ҳимоя эҳтиёҷманд, аз ҷумла маъюбону барҷомондагон таваҷҷуҳ намуда, ҳифзи ҳуқуқи онҳоро шарти асосии расидан ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар баҳогузорӣ менамояд.

Таълимоти Низомулмулки Тӯсӣ оид ба андешаи ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи адлу инсоф, ҳимояи ҳуқуқи раият, маҳдуд намудани ҳуқуқи ҳокимон бо мақсади дифои ҳаққи мардум, назорати қатъии соҳибони мансаб, тақсими шохаҳои қудрат мебошад. Дар осори худ Тӯсӣ масъалаи адолати иҷтимоиро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, таъмини адолати иҷтимоиро ба сиёсати давр вобаста медонад. Адолати иҷтимоии ӯ на танҳо доираи ахлоқу одобро фарогир аст, инчунин масъалаҳои сиёсат ва ҳуқуқро низ дар худ ифода мекунад. Тӯсӣ се шарти асосии адолати иҷтимоиро муайян мекунад:

– фароҳам овардани тавофуқ ва баробарӣ байни табақаҳои гуногуни халқ;

– густариши адолат дар ҳама муносибатҳои байни инсонҳо. Аз ҷумла, ҳангоми таъини ҳар як нафар ба мансаб бояд маҳорат ва қобилияти ӯ ба инобат гирифта шавад;

– адолат дар ҳифзи сарвати умумӣ ва аз он расонидани саҳми қонунӣ ба ҳар кас. Ҳангоми тақсими саҳми қонунӣ бояд ҳуқуқ ва хизматҳои ҳар фард ба инобат гирифта шавад [57, с. 10].

Гурӯҳе аз пажӯҳишгарони ватанӣ ба адолати иҷтимоӣ дар осори Низомулмулк таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамоянд, ки ӯ диққати

бештарро ба масъалаи шахсият ва таносуби мубодила, тақсими неъматҳои моддӣ дар ҷомеа равона намуда, адолати иҷтимоиро танҳо аз нигоҳи моддӣ баҳогузорӣ намекунад, балки андеша дорад, ки сиёсат ва ҳуқуқ барои таъмини адолати иҷтимоӣ замина фароҳам меоваранд. Ба андешаи ӯ на танҳо сарват ва арзишҳои дигар, балки душворӣ, масъулият, таваккал, уҳдадорӣ ва маҳрумият низ бояд миёни мардум аз рӯйи адолат тақсим карда шавад [26].

Муҳаққиқони ватанӣ дар бобати масоили ҳуқуқи инсон ва адолатнигорӣ дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк сухан ронда, ишора менамоянд, ки «адлу инсоф, ҳимояи ҳуқуқи раъият, маҳдуд намудани ҳуқуқи ҳокимон бо мақсади дифои ҳаққи мардум, назорати қатъии соҳибони мансаб, тақсими шохаҳои қудрат ва дигар масъалаҳои идора ва ҳокимияти давлатӣ аз масъалаҳои марказии китоби «Сиёсатнома»-и ӯст, ки омӯзиш ва тарғиби он имрӯз ҳам аз бисёр ҷиҳат барои ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва назарияи идорӣ аз аҳаммият холӣ нест» [89, с. 358]. Воқеан, дар ин асари гаронбаҳои Низомулмулк масъалаҳои бисёр муҳимми давлатдорӣ моҳияти худро пайдо намудаанд, ки то имрӯз аз аҳаммият холӣ нестанд. Махсусан, дар қисмати эҳтиромгузорӣ ба ҳуқуқи инсон ва татбиқи адолат нисбат ба ӯ аз қабили масоили марказии таълимоти Низомулмулк ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, Низомулмулк таъкид менамояд, ки «шинохти қадри неъмати Эзидтаоло подшоҳонро дошти ризои ӯст, иззи исмат ва ризои Ҳақ субҳонаҳу андар эҳсоне бошад, ки бо халқ карда шавад ва адле, ки миёни эшон густурда ояд. Чун дуои халқ ба некӯӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад ва ҳар рӯз зиёдат бошад, он малик аз давлату рӯзгори худ бархӯрдор бувад. Бад-ин ҷаҳон номи накӯ ва бад-он ҷаҳон растагорӣ ёбад ва ҳисобаш осонтар бувад, ки бузургон гуфтаанд: «мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд»» [57]. Дар ин андешаи Низомулмулк ду унсури асосии давлатдорӣ, яке такя намудан ба халқ ва дигари эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу манфиатҳои халқ мустаҳкам шудааст, ки дар замони муосир аз қиболи нишонаҳои бунёдии давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб мераванд.

Махсусан, агар мо ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 5, 6, 10, 14 ва ғ.) нигоҳ намоем, мазмун ва моҳияти ин гуфтаҳоро пайдо менамоем, ки ин нишон аз мубрам будани масоили мавриди таваҷҷуҳ дар марҳилаи кунунӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз мутафаккирони тоҷик, ки дар шинохти ҳуқуқи инсон саҳми арзишманди худро гузоштааст, Муҳаммади Ғазолӣ мебошад. Андешаҳои Муҳаммади Ғазолӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи таъмини адолат байни инсонҳо, ҳимояи ҳуқуқи инсон бо роҳи тарбия намудани шахсони мансабдори давлатӣ, кӯшиш дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимият мебошад. Муҳаққиқи ватанӣ Ф.М Шоев андешаҳои давлатмеҳварӣ ва ҳуқуқбунёдии Муҳаммади Ғазолиро таҳлил намуда [135], ишора бар ҷойгоҳи ӯ дар шинохти ҳуқуқи инсон менамояд. Аз нигоҳи муҳаққиқ, Муҳаммади Ғазолӣ дар осори худ вазифаҳои инсони комилҳуқуқу бомаърифатро нишон дода, онҳоро барои анҷом додани корҳои нек, эҳтиром гузоштан ба инсон, саховатмандиву накӯкорагӣ, кина наварзидан, ҳақиқатпарвар будан ва ба ҷомеаву давлат хизмат намудан, талқин намудааст [122, с. 116-121]. Миралиев И.Қ. дар қисмати ҷойгоҳи Муҳаммад Ғазолӣ дар қисмати шинохти ҳуқуқи инсон ва нақши осори ӯ дар замони муосир изҳори назар карда, қайд менамояд, ки «андешаҳои Муҳаммади Ғазолӣ дар бораи ҳуқуқ ва адолат, ҳимояи манфиатҳои гуногуни табақаҳои аҳолӣ, зарурати ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ додани имкониятҳои баробар, бомаърифатии арбобони давлатӣ, бартарии адолат ва хирадмандӣ дар байни дигар арзишҳои ахлоқӣ, робитаи шахсу давлат то кунун арзиши худро аз даст надодаанд ва дар рушди давлатдориҳои миллӣ хизмат карда истодаанд» [129, с. 46]. Воқеан, ҳангоми рӯ овардан ба андеша ва афкори Муҳаммади Ғазолӣ дар самти ҳуқуқи инсон, мушоҳида мешавад, ки мавсуф инсонро чун субъекти олидараҷа баҳогузорӣ карда, дар самти шинохти ӯ ва ҳуқуқҳояш пайваста нуктаҳои судмандро манзур кардааст. Маҳз дурандешӣ ва ҳақиқатнигории Муҳаммади Ғазолӣ боиси куҳна нагардидани андешаҳояш гардидаанд,

ки то имрӯз ба нафъи ҷомеаи инсонӣ хизмат менамоянд. Масалан, маҳдудияти ҳуқуқи инсон, ки имрӯз хусусияти конститутсиониро соҳиб аст, дар афкори Муҳаммади Ғазолӣ мушоҳида мешавад. Яъне, ӯ андеша дошт, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон замоне самаранок тадбиқ мегарданд, агар ҳокимон ва мансабдорон ҳуқуқҳои худро дар доираи муайян ба амал бароранд. Андешаи монанд ба инро И.Қ Миралиев манзур карда, қайд менамояд, ки «Муҳаммади Ғазолӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро бо роҳи тарбия намудани мақомоти роҳбарикунанда талқин мекунад. Аз ин назар, ӯ ба фалсафаи сиёсии юнониён, подшоҳони аҷам, паёмбарони қавми яҳуд ва асосгузорону донишмандони исломӣ такя намуда, кӯшиши дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимиятро менамояд» [129, с. 47].

Муҳаммади Ғазолӣ қайд менамояд, ки «ҳукмронии подшоҳро фақат вазири накӯкор, одил ва соҳибнеъмат шоиста ба анҷом расонида метавонад, чунки ҳеҷ як подшоҳ бе вазир ва пандҳои ӯ ҳукмфармоӣ карда наметавонад ва ҳар нафаре, ки аз рӯйи хоҳиш бар хилофи ин амал мекунад, бешубҳа, ба заволи шоҳигарии худ мусоидат менамояд».

Диноршоҳ А.М. ва Саъдизода Ҷ. андешаи ҳуқуқи инсонро дар осори Ғазолӣ таҳлил карда, бисёр бамаврид зикр менамояд, ки «дар осори Ғаззолӣ ба ҳуқуқи инсон диққати зиёд дода мешавад. Ба андешаи Ғаззолӣ, озодӣ аз арзишҳои инсоние иборат мебошад, ки бояд пайваста аз ҷониби насли инсонӣ ҳифз карда шавад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон аз насли инсон ҷудонопазир аст. Онҳо бояд доимо ормон ва мақсади давлату ҷомеа бошанд. Таҳлили осори Муҳаммади Ғаззолӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар таълимоти худ баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро мавриди таҳлил қарор додааст. Хулоса, гуфта метавонем, ки дар назарияи ӯ бори аввал таснифоти ҳуқуқи инсон вобаста ба соҳаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон қобили пазироӣ мебошанд, ифода шудааст. Чунончи, ба ақидаи Ғазолӣ он ҳуқуқу озодиҳои табиие, ки ба насли инсон аз ҷониби Худованд ато гардидааст, метавон ҳамчун ҳуқуқҳои шахсии инсон номид. Дар

муқаррароти мазкур Ғазолӣ алоқаи байни Худованд ва инсонро нишон медиҳад. Ба сифати ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо ӯ ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, озодии дин, эътиқод ва ғайраро номбар мекунад» [108, с. 51-52].

Саъдизода Ҷ. андешаи ҳуқуқи инсонро дар таълимоти Саъдии Шерозӣ баррасӣ карда, ишора менамояд, ки «Саъдии Шерозӣ бо эҷодиёт, таълифот ва таълимоти худ на танҳо барои форсизабонон хидмати бузурги таърихие кардааст, балки дар пешбурди тамаддун ва рушду камоли афкори бадеӣ-ҳуқуқии ҷаҳонӣ низ саҳми бузурге гузоштааст. Андешаҳои инсондӯстии Саъдӣ имрӯз ҳам барои тарбияи маънавии инсоният, пойдории сулҳ, таъмин намудани иттиҳоду иттифоқи халқу миллатҳои сайёраи мо хизмат карда истодаанд» [117, с. 78-79]. Дар ҷойи дигар, муҳаққиқони ватанӣ ишора менамоянд, ки «Саъдӣ дар асарҳои безаволаш «Гулистон» ва «Бӯстон» зиёд дар масъалаҳои адлу инсон, эҳтироми халқ, муносибати нек бо зердастон, ба доди мардум расидан, тақсими дурусти неъматҳо, қадршиносӣ аз илму олимон, масъулиятшиносии роҳбарон, ва ғайра бо ҳикояту ардарзномаҳо содда ва фаҳмо навиштааст» [89, с. 369].

Яке аз масъалаҳои марказӣ, ки дар афкори Саъдии Шерозӣ хуб мушоҳида мешавад, ин қадр намудани ҳаққи инсон ва ҳуқуқи ӯ аз ҷониби подшоҳ ба ҳисоб меравад. Масалан, дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ чунин ҳикояте омодааст: «Подшоҳе аз бузурге пурсид:

– Аз ибодатҳо кадом фозилтар аст? Гуфт:

– Туро хоби нимрӯз, то дар он як нафас халқро наёзорӣ» [100, с. 17-18]. Яъне, агар шоҳ мардумозор бошад ва ҳаққи мардумро бихӯрад, хубтар он аст, ки ибодат нанамояд, балки баҳри ислоҳи мардумозории худ чора биандешад, то мардум осуда ҳаёт ба сар баранд. Дар ҷойи дигар, ишора менамояд: «Оварданд, ки Нӯшервони одилро дар шикоргоҳ сайде кабоб карданду намак набуд. Ғуломе ба русто рафт, то намак орад. Нӯшервон гуфт:

– Намак ба қиммат биситон, то расмӣ нашавад ва деҳ хароб нагардад. Гуфтанд:

– Аз ин қадр чӣ халал ояд? Гуфт:

– Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст. Ҳар кас, ки омад, бар ӯ мазиде кард, то бад-ин ғоят бирасад» [100, с. 17-18]. Ҳадаф аз ин ишораҳои Саъдӣ дар он аст, ки хоҳ подшоҳ ва хоҳ нафари дигари мансабдор бояд ҳамеша бар ивази моле ва ё коре ҳаққи мардумро пардохт намояд, ки ин нахустин марҳилаи эътирофи онҳо буда, баҳри риояи ҳуқуқи инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон иброз намуд, ки ҳадаф ва аслияти афкори ҳуқуқии Саъдӣ эҳтироми ҳуқуқи инсон ва таъмини намудани адолат нисбат ба ӯ мебошад.

Дар афкори Саъдии Шерозӣ оид ба ҳуқуқи инсон назарияи баробарии инсонҳо, дастгирии ятимон, маъюбон ва дармондагон, раҳму шафқат нисбати зердастон, шинохти инсон берун аз табиати халқ, миллат ва дин, ягонагии онҳо новобаста аз забону нажоду динашон дида мешавад. Муҳаққиқи ватанӣ ишора менамояд, ки «Саъдии Шерозӣ ғолибан омода аст, ки ҳар лаҳза некиро бар бадӣ тарҷеҳ диҳад, дасти бенавоеро бигирад ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон кӯшиши бештаре кунад. Ҳамин аст ки Саъдӣ гоҳе ба дарбори шоҳон мерафт ва ба он мақсад мерафт, ки дасти бенавоеро бигирад, мазлумеро аз дасти золиме халос кунад ва ба гӯши шоҳону амирони замон расонад, ки онҳоро Худованд на барои он офаридааст, ки айшу ишрат ронанд, балки барои осудагии раият онҳоро шоҳ интихоб кардааст. Тамоми осори Саъдиро метавон васфи ҷавонмардӣ, баёнгари адолат, мубориза барои некиву накукорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон номид. Зеро Саъдӣ пайваста инсонеро ситоиш мекунад, ки ҷавонмард асту адолатпеша. Саъдӣ орзуи ҷаҳонеро мекунад, ки дар он саросар хубию некӣ ҳаст, ҳама ҷавонмард ҳастанд, ҳуқуқҳои инсон ҳифз мегарданд ва инсонҳо бо саодат зиндагӣ мекунанд» [117, с. 78-79].

Муҳаққиқи ватанӣ И.Қ. Мирализода дуруст ишора менамояд, ки «дар осори Саъдии Шерозӣ баробарии инсонҳо, дастгирии ятимон, маъюбон ва дардмондагон мавқеи махсус дорад. Ӯ дар шинохти инсон берун аз табиати халқ, миллат ва дин андешаронӣ намуда баробарии онҳоро новобаста аз забону нажоду динашон арза медорад. Ӯ бар назар аст, ки баробарии инсонҳо дар робитаи ягдигар ва давлат дар як сатҳ ифода меёбад, дар чунин сурат ҷомеа ва давлатҳо ба зинаи ҳамдигарфаҳмию ваҳдат хоҳанд расид. Яке аз чунин андешаи инсонмеҳварии ӯ дар пештоқи СММ навишта шудааст:

Бани одамӣ аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ин худ гувоҳи он аст, андешаҳои ӯ на танҳо дархури замони худаш мебошанд. Ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳони низ онро ҳамчун сармашқи сиёсати амалисозии давлаҳои худ бояд қарор диҳанд» [129, с. 56].

Дар таълимоти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷанбаҳои динию фалсафии ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсон, дӯстии мардуми форс, араб ва турк, ҳамдигарфаҳмию гуфтугӯи воқеии намояндагони динҳои масеҳия, насрония ва ислом, маърифати баланди инсонӣ, тарҳрезии муносибати дӯстонаи пайравони динҳои ҷаҳонӣ берун аз доираи халқу нажодҳо, зинаи баланди инсонгароӣ ва ҳақиқатшиносӣ дида мешавад. Дар таълимоти ӯ моҳияти принсипҳои гуногуни ҳуқуқӣ, махсусан принсипи адолат ва инсондӯстиро метавон ба таври хуб мушоҳида намуд.

Андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори Ҳусайн Воизи Кошифӣ фарогири тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, назарияҳо оид ба адлу ҳақиқат, инсоф, ақидаҳои инсондӯстӣ, баландҳимматӣ ва идорӣ, тасвиби консепсияи идораи давлати ҳуқуқӣ мебошад. Холиқзода А.Ғ. ва Холиқов Н.А. афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамоянд, ки «дар таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ

дар самти дастурнигорӣ ва васиятноманависӣ асари тамсилии «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошафӣ мавқеи хоссаи ҳуқуқӣ, ҳикматпардозӣ ва адлварзиро ишғол менамояд. Ҳикояҳои ин асар тамсилӣ буда, масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ, адолатпешагӣ, инсондӯстиро дар бар мегирад» [121, с. 4-5]. Дар афкори Ҳусайн Воизи Кошафӣ мушоҳида мешавад, ки ӯ инсонҳоро баҳри эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамдигар даъват менамояд, кинаву одоватро аз зумраи хислатҳои бади инсонӣ муаррифӣ карда, меҳру муҳаббатро дар байни субъектони муносибатҳои ҷомеа талқин менамояд. Масалан, мавсуф зикр менамояд, ки «…бо вуҷуди сирати ҳайвонӣ доштанашон якдигарро озор намедиҳанд ва ҳарчанд неш дошта бошанд ҳам, ҳосили он фақат шарбати нӯш аст. Мо дар байни одамон хилофи ин одатро мебинем, ки ҷамъе аз онҳо ба гурӯҳи дигаре зарар мерасонанд ва мехоҳанд, ки бунёди ҳамчун худро барандозанд» [41, с. 10]. Асарҳои гаронбаҳои ӯ «Ҷавоҳир-ут-тафсир фи туҳфат-ил-амир», «Ҷомеъ-ус-ситтин», «Тафсири Ҳусайнӣ», «Махзан-ул-иншо», «Саҳифаи шоҳӣ», «Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ил-ашъор», «Оинаи Искандарӣ», «Кашф-ул-асрор», «Муқаттаот ва муфрадот», «Ар-Рисолат-ул-илмия фи аҳодис-ин-набавийя», «Футувватнома», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия», «Анвори Суҳайлӣ» ва ғайра ба ҳисоб мераванд, ки то ба замони мо омада расидаанд ва дар худ масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи инсонро ҷой додаанд. Дар асарҳои ӯ усулҳои мухталифи кашфи ҳикмат, адолат, инсоф, баробарӣ, бародарӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсониро метавон мушоҳида намуд. Равшанфикрони олам бо тарзи ба худ хос дар ин асари бостонӣ ҳикмат ва маърифати мутобиқи замони худро ҷустуҷӯ намуда, дар шароитҳои мусоид вобаста ба манфиатҳои худӣ мутобиқ ба имкони эҷод ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он зарур шуморидаанд.

Дар осори мутафаккирони тоҷик робитаи давлат ва шахс ба таври хуб ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқи ватанӣ чунин робитаҳоро ҷудо менамояд:

«- ғояҳои баланди инсондӯстӣ дар бораи нақши муҳимми инсон дар олам ва шаъну шарафи ӯ, зарурати муносибати инсондӯстонаи ҳокимон ва мансабдорон нисбат ба инсон;

- пешниҳоди заминаҳои ахлоқӣ, ақлона, маънавӣ, фарҳангии назарияи гуманитарӣ, ки ғояҳои асосии онро мавқеи баланди инсон дар ҷомеа, камолоти ахлоқӣ ва ақлонаи инсон, идоракунии адолатпеша, робитаи инсондӯстонаи давлат ва шахс, эҳтироми қадри инсон, муносибати ғамхорона нисбат ба одамон ташкил медиҳанд;

- рад кардани ақидаҳои минбаъд тамоили ғарбгарона пайдонамуда оид ба мустақилият, мухторият ва озодии беинтиҳои фарди ҷудогона, ки бо ахлоқу маънавият робита надорад;

- тарғиби ғояҳои якдигарфаҳмӣ, якдилӣ, ёрии ҳамдигарӣ, рафоқат, дӯстӣ, саховатмандӣ ҳамчун заминаи авалиндараҷаи давлати некхоҳ (мадинаи фозила);

- боварии комил ба неруи инсонӣ, камолоти ахлоқӣ ва ақлонаи инсон, нақши инсон дар пешрафти ҷомеа;

- пешниҳоди назарияҳои шаклан гуногун, вале мазмунан ягонаи давлатдории комил (давлати адолатпеша, давлати хайрхоҳ, давлати ормонӣ), ки дар он шаъну шарафи инсон таъмин карда мешавад» [129, с. 62].

Ба мушоҳида мерасад, ки мутафаккирони тоҷику форс бештар маврид ба раванди идоракунии давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар он диққат зоҳир намуда, ҳимояи ҳуқуқи инсонро тавассути мақомот ё ниҳоди алоҳида мувофиқ ба мақсад мешуморанд. Инчунин, тарз ва усулҳои бурдани мурофиаи додгоҳӣ, одилона ва адолатнок будани ҳалномаҳои судӣ  ва баинобатгирии далел дар мурофиа аз зумраи масъалаҳои марказии таълимоти онҳоро ташкил медиҳад. Албатта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, ки мутафаккирон умр ба сар бурдаанд, бо назардошти раванди сиёсӣ дидгоҳи худро манзур менамуданд ва дар бештар ҳолат такя ба вазъи воқеии ҷомеа менамуданд.

Дар афкори мутафаккирони тоҷику форс диққати махсус ба интихоби сарвари давлат дода шудааст. Аз нигоҳи мо, сабаби ин таваҷҷуҳро салоҳият ва ваколатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Зеро, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, махсусан дар асрҳои миёна шоҳон на бо роҳи интихобӣ, балки тавассути мақому мартаба ва асли баромад ба сари қудрат меомаданд. Онҳо салоҳияти таъмини адолати комилро дар ихтиёр доштанд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки дар осори онҳо масоили алоқаманд бо ҳуқуқи инсон ба назар намерасад, балки ин муносибат аз нигоҳи фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон моҳияти ҳуқуқҳои сиёсиро дар самти интихоб шудан ва интихоб кардан ифода менамоянд. Мутафаккирони тоҷик тавассути тарғиби адолат, баробарӣ, дастгирӣ намудани табақаҳои эҳтиёҷманд ва ба роҳбарӣ гирифтани моҳияти принсипи инсондӯстӣ ба ҳуқуқ ва озодии инсон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Пас аз таҳлили зербоби мазкур, матраҳ намудани чунин хулосаҳоро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

1. Аз нигоҳи мо, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик тавассути се роҳ сурат гирифтааст: а) бо роҳҳои расмӣ-давлатӣ. Мисол, тавассути Эъломияи Куруши Кабир, Хвешкори редагон (муқаррароти давлатӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакони синни томактабӣ), Шояст нашояст (амалҳои иҷозатдодашуда ва манъшуда), Қонунномаи Сосониён (мотикони ҳазор додистон), б) тавассути тарғиботи ҳуқуқ ба озодии эътиқод. Масалан, тарғиби китобҳои муқаддаси динӣ (Авесто, Қуръон ва диг.), ҳадисҳои пайғамбари дини ислом Муҳаммад (с); в) бо роҳҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ, ки он дар афкори мутафаккирони тоҷику форс, дар шарҳи аҳкоми динии олимону донишмандон оварда шуда, роҳи маънавӣ-ҳуқуқии инкишофи ҳуқуқи инсонро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муаррифӣ мекунанд.

2. Дар асрҳои миёна ҳуқуқи инсон бештар тавассути афкори мутафаккирони тоҷик вориди андеша ва зеҳни мардум гардида, заминаро барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар гузошт. Дар ин роҳ як қатор донишмандон, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абунасри

Форобӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Низомулмулки Тӯсӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон саҳми арзишманд гузоштаанд. Онҳо тавассути осори гаронбаҳои худ инсонро ба сифати арзиши олӣ муаррифӣ намуда, баҳри шинохти ӯ ҳамеша инсониятро талқин менамуданд. Чунин даъватсозӣ боис ба он мегардид, ки аксар маврид давлатдорони давр ба доди мардум расида, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро мавриди ҳимоя қарор медоданд. Яъне, тавассути осори худ онҳо натанҳо ҳуқуқи инсонро муқаррар ва баҳри таъмини адолат даъват мекарданд, балки ҷиҳати равнақ додани низоми идоракунӣ ва робитаи шахс бо давлат қадамҳои устуворро мегузоштанд.

3. Афкори мутафаккирони тоҷик оид ба ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи таъмини адолат байни инсонҳо, ҳимояи ҳуқуқи инсон бо роҳи тарбия намудани шахсони мансабдори давлатӣ, кӯшиши дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимият, ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони эҳтиёҷманд, ҷорӣ сохтани адолат дар ҷомеа тавассути ба роҳ мондани принсипи баробарҳуқуқӣ ва ғ. мебошад.

4. Дар осори мутафаккирони тоҷику форс метавон моҳияти принсипҳои гуногуни ҳуқуқиро мушоҳида намуд, ки онҳо баҳри талқин намудани донишҳои ҳуқуқӣ, алалхусус, дар самти ҳуқуқи инсон муосидати амиқ менамуданд. Масалан, принсипҳои баробарҳуқуқӣ, инсондӯстӣ, гунаҳгорӣ, ногузир будани ҷазо, авфи ҷазо, бахшидани гуноҳи шахс, принсипи адолат ва даҳҳо принсипҳои дигарро дохил намудан имконпазир мебошад. Принсипҳои ишорашуда бо назардошти табиати инсон ва соҳиби ҳуқуқ гардидани ӯ муқаррар карда шуда, дар афкори эшон ба сифати принсипҳои бунёдӣ баҳогузорӣ гардидаанд.

5. Робитаи байни давлат ва шахс аз зумраи масъалаҳои марказӣ мебошад, ки мутафаккирони тоҷик ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид менамоянд, ки давлати бидуни ҳамкорӣ бо аҳолӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад. Ин ҳамкорӣ ба манфиати ҳам давлат ва ҳам шахс

буда, дар замони муосир моҳияти давлати ҳуқуқбунёдро бозгӯӣ менамояд. Яъне, мутафаккирони тоҷик заминаҳои асосиро барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд тавассути тарғиб ва ташвиқи арзишҳои инсонӣ дар робита бо давлат ба вуҷуд овардаанд.

# ХУЛОСА

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик чунин хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон яке аз намудҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, асноди ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли сарчашмаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, адабию фарҳангӣ ва қарору мадракҳои сиёсӣ-ҳуқуқии соҳибони фармон эҷод шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой дода, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳо баромад намудаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи андешаи муҳаққиқон аслан ду намуд мешаванд: яке сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигаре сарчашмаҳои маънавӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Сарчашмаҳои маънавии ҳуқуқи инсон, ки шартан номгузорӣ шудааст, ба назари мо дар навбати худ ба чанд намудҳои мустақил тақсим мегарданд. Мисол, сарчашмаҳои асотирӣ, динӣ, адабӣ ва илмӣ-ҳуқуқӣ. Моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар он ифода меёбад, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф гашта, кафолатнок шудаанд. Омӯзишу таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар замони муосир аҳаммияти калон доранд, чунки онҳо аз ҳаёти ҳуқуқии як давраи муайяни таърихӣ гувоҳӣ дода, ҳамчун заминаи эҷод ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои наслҳои оянда хизмат менамоянд **[15–М]**.

2. Сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва илмӣ собит менамоянд, ки дар марҳилаи нахусти пайдоиши ҷомеаи инсонӣ арзишҳои одатӣ, асотирӣ ва эътиқодӣ ҷойгузини арзишҳои ҳуқуқӣ буда, инсонҳо ба онҳо бештар такя менамуданд. Нахустинсонҳо дар остонаи гузариш ба тамаддун, дар заминаи савқи табиӣ тартибу қоидаҳои замони барбарии худро ба роҳбарӣ гирифта, меъёри барои худ нисбатан одилона манфиатовар ва ҳақиқатнаморо тавассути неруи зӯрӣ, ғайриақлона бо усулҳои худсудкунӣ ба амал мебароварданд. Ҳарчанд, ки дар ин даврон муносибатҳои ҳуқуқӣ атрофи манфиати нахустинсонҳо ва сардорони авлоду қабила ва ҷамоа дар сатҳи

муайян тобиш мехӯрд, он замонҳо дар бораи ҳуқуқи инсон ҳарф задан мазмунан мушкилӣ дошт. Баъдан, ҳуқуқ дар даврони гузариш аз оилаҳои ғайрииқтисодӣ ба иқтисодӣ қисман сарҳаду паҳнои худро дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқи моликият ва ташкили қудрат ҳамвор намуда, унсур ва аломатҳои ибтидоии худро дар ҳудуди инкишофи нахустин шаклҳои ҳамзистии ҷомеа авлод, қабила ва иттифоқи қабилаҳо ҳамчун ҷамоаи потестарӣ дар шаклҳои ибтидоӣ масъалагузорӣ менамояд. Ҳуқуқ заминаи мавҷудият ва эътирофи худро тадриҷан пайдо намуда, бо мурури замон дар даврони нахустин тамаддун ва давлатҳо ба зинаи болотари рушди худ расидааст. Новобаста аз оне ки дар ин марҳалаҳои ибтидоии рушд доир ба вуҷуди ҳуқуқи инсон ҳарф гуфтан мушкил аст, вале шаклгирии ғояи ҳуқуқро берун аз манфиати инсонҳои нахустин эътироф кардан номумкин аст.

3. Аз нигоҳи мо, ғояҳои марбут ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ пайдо шудаву ташаккул ёфтаанд: дар дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи эҳё, замони нав ва давраи навтарин. Ҳар яке аз ин давраҳо, ба замми он, ки дар марҳилабандии таърихӣ хусусияти рушднамоӣ доранд, бо хусусиятҳои хоси мазмунӣ ва таркибии худ аз ҳамдигар тафовутҳо низ доранд, ки ин тафовутҳо инъикоси худро дар сатҳ ва сифати неъматҳои моддӣ ва маънавии башар расонидаанд. Ҳуқуқи инсон ва ғояи аслии он дар фазои иҷтимоӣ, ки аз неъматҳои бузурги маънавии тамаддун аст, дар ҳар як давраи таърихӣ таҳти таъсири силсилаи муносибатҳо ва арзишҳои хосаи дигари иҷтимоӣ қарор гирифта, дар қатори дигар аз унсурҳои таркибии ҷомеа, башарро барои рушд ба давраҳои нави таърихӣ омода намудааст. Бо ибораи дигар, ташаккули ғояҳои ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои таърихӣ мисли занҷира пайвастанд, ки баҳри арзи ҳастӣ кардани дигар аз унсурҳо ва манфиатҳои тозаи иҷтимоӣ хизмат менамоянд. Андешаи он, ки ғояи ҳуқуқи инсон ба тариқи истисно дар олами ғарбӣ пайдо шудаву ташаккул ёфтааст, мантиқан ғалат мебошад.

4. Ҳуқуқи инсон ҳамчун неъмати олӣ васли устувор бо инсон дорад, ҳеҷ мумкин нест, ки инсонҳои як кураи Замин ин хислати даркро дошта бошанду дигарашон не. Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсур ва сифати муҳимми

зуҳури инсони арзанда, тадриҷан дар ҳавзаҳои мухталифи тамаддун ташаккул ёфтааст. Барои рушду зуҳури арзандаи он ҳама халқу миллатҳо ва ҳама тамаддунҳо дар масири таърихи башар саҳмгузорӣ кардаанд. Инкори якҷонибаи ин воқеият ба манфиати як тамаддун, инкори ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи фарогир ва фароунсур ва хоси инсон буда, таркибан ғалат аст. Зеро инкори ин хислати як гурӯҳи калони ҷомеаи инсонӣ, худ эътироф накардани ҳаққи табиии онҳо ба ин неъмат буда, поймолнамоии ҳуқуқи зиндагии арзандаи онҳост. Ин ҳолат бидуни шубҳа як навъ дискриминатсияи (тафриқагузории) ҳуқуқи маънавии халқҳост. Халқу миллатҳо ва тамаддунҳои гуногун баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва эҳтиром гузоштан ба он ҳамчун навъи зиндагии шуурмандона, таърихан саҳмгузорӣ намудаанд, ки нодида гирифтани онҳо номумкин аст. Халқи тоҷик ҳамчун бардорандаи бори амонати фарҳанги вижа ва оламшумули таърихӣ, ки ба башар озодӣ ва адолатро дар шаклҳои намуна пешниҳод кардааст, дар зиёд аз масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар саргаҳи шинохти ғояи ҳуқуқи инсон қарор доштааст, ки шинохт, эълон ва эътирофи он вазифаи илми таърихи ҳуқуқи инсон аст.

5. Ҳуқуқи инсон ва унсурҳои муҳимму бунёдии он дар масири таърихи халқи тоҷик дар ҳама даврахои рушди фарҳанги ҳуқуқии ниёгони мо дар сатҳҳои мухталиф дарк ва эҳсос мешуд. Паҳнои анъанаи ҳуқуқии давлатдориҳои Пешдодиён ва Каёниён, таркиби оилаи ҳуқуқии зардуштӣ, низоми ҳуқуқи исломӣ бо мактаби ҳуқуқи мовароуннаҳрии фиқҳи ҳанафӣ, ҳуқуқи замони Шуравӣ бо ҳама маҳдудияту иллатҳои замонию макониашон теъдоди муайяни арзишҳои ҳуқуқию падидаҳои сиёсиеро доро будаанд, ки дар ин ё он сатҳ ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсонро эълон, ҳифз ва тарғиб кардаанд. Онҳоро нодида гирифтан ва эътироф накардан инҳирофи омӯзиши таърихи ҳуқуқи халқ аст. Аз зумраи чунин сарчашмахои нодире, ки дар таърихи ҳуқуқи миллати мо дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши бориз бозидаанд, анъанаи одилонаи идораи давлат аз ҷониби Пешдодиёну Каёниён, таълимоти оилаи ҳуқуқии зардуштӣ, Вандидод, Эъломияи Куруши Кабир оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, Қонунномаи

Сосониён ва дигар сарчашмаҳои нодири фарҳанги ҳуқуқи исломӣ ва қонунгузории замони Шуравӣ будаанд **[8–М]**.

6. Анъанаи адолатноки додгоҳии Пешдодиён, эҳтироми ҳаққи халқ дар давлатдории бостонии Эрону Тӯрон, таҷрибаи адолатпарварии салтанатҳои Ҳахоманишиҳою Сосониён дар кори ташаккули низоми инсондӯстии давлатҳои ҳавзаи Ховраи Миёнаи асрҳои миёна миёни мардуми ориёӣ нақши калидӣ бозидаанд. Аз мазмун ва моҳияти Авасто ва қисматҳои ҷудогонаи он метавон мушаххас намуд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба сифати нахустин довар, эҷодкунандаи меъёр ва танзимкунандаи муносибатҳо – Урвахшайа муаррифӣ шудааст. Урвахшайа дар баробари додгустарӣ ва таъмини адолат, инчунин ба танзими муносибатҳо машғул буда, меъёрҳои хусусияти танзимкунандаро эҷод карда, дар муносибатҳои додгоҳӣ аз онҳо истифода менамуд. Аз ин дидгоҳ, ӯро метавон ҳамчун нахустэҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ тариқи амсоли судӣ дар сарзамини тоҷикон баҳогузорӣ намуд. Яъне, ниёгони мо на танҳо ба масъалаи эътирофсозии ҳуқуқи инсон тавассути санадҳои расмӣ, балки ба омода кардани додгустарон, ҳуқуқэҷодкунандагон ва қонунофарон низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷиҳати инсонгароёна ва адолатпарастона омода гардидани меъёрҳои танзимкунанда шахсони махсус – ҳуқуқшиносонро тайёр мекардаанд, ки ин мароқовар ва омӯзанда мебошад. Майдони озодии салтанати Ҳахоманишҳо аз зумраи чунин академияҳои мардумии тарбияи адлпарастон будааст, ки новобаста аз воқеияти таърихияш назаран дар кори тарбияи маърифати ҳуқуқии фарзандони ояндаи тамаддуни форсҳо хизмати шоиста кардааст **[10–М]**.

7. Авасто аз нахустин сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ маҳсуб меёбад, ки нисбат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон эҳтиром гузошта, анъанаи таҷлили рӯзи занонро ба насли башарӣ мерос гузошт. Авасто ва корнамоиҳои шоҳони одили ориёиҳои бостон оғозгоҳи расмикунонии эҳтироми инсон ва ҷашни занону модарон дар таърихи башарият маҳсуб ёфта, таъсири фарогир ба мамолики гуногуни дунё ва тамаддунҳо, махсусан ба ҷомеаи аврупоӣ дар роҳи эътирофи ҳуқуқи инсон

ва бонувон расонидааст. Бузургони илми ғарбӣ Геродот, Плутарх, Ксенефонт, Макиавелли, Монтен ва дигарон тарғибгарони ғояи адолати шарқӣ дар фазои ҳуқуқии ғарбӣ будаанд. Шарқ на танҳо дар кори эҳёи илми асрҳои миёнаи Аврупо ва замони Эҳё дар заминаи тамаддуни илми юнонию римӣ таъсири ҷиддӣ расонд, вай инчунин дар кори усули фаҳм ва дарки арзишҳои олии инсонӣ ва адлу додгустарии тамаддуни ғарбӣ хизмати таърихӣ кардааст. Корнамоиҳои одилонаи сиёсатмадорони шарқӣ ва низоми додгустарии мардуми ориёӣ, ки дар сарчашмаҳои нодири таърихӣ ва эътиқодӣ сабт шудаанд, барои таърихи насли оянда ва кулли мардуми бадавӣ ва биёбонгарди шарқию ғарбӣ ҳамчун намунаи таҷрибаи неки низоми идоракунии самаранок хизмат кардааст. Таърихи пурғановати миллат, мутахассисони таърихи ҳуқуқро водор менамояд, ки аслияти таърихии худро дуруст бишносем ва баҳри муаррифии арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқии худ, ки ба мо ҳамчун мерос боқӣ мондааст, аз дирӯз дида бештар талош ба харҷ диҳем. Дар қисматҳои алоҳидаи Авасто, ба мисли Йаснаҳо, Йаштҳо, Виспарад, Хурд-Авасто ва Вандидод ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои занон мавриди танзим қарор гирифтааст **[9–М]**.

